ISSN: 2709-7382

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

# *МУАРРИХ*

## (маҷаллаи илмӣ - назариявӣ)

## № 1 (37) 2024

Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Муаррих» соли 2015 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 331/МҶ-97 22-юми феврали соли 2024 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла аз 26 апрели соли 2018 дар рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз санаи 21 феврали соли 2022 таҳти рақами 1520 дар Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия номнавис гардидааст.

САРМУҲАРРИР: *Насрулло УБАЙДУЛЛО, доктори илмҳои таърих, профессор*

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ: *Ҳамза КАМОЛ, доктори илмҳои таърих, профессор*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Юсуфшо ЁҚУБШО** - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
**Ҳайдаршо ПИРУМШО** - узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор;
**Абдулло ҒАФУРОВ** - номзади илмҳои таърих, дотсент;
**Лариса ДОДХУДОЕВА** - доктори илмҳои таърих, профессор;
**Аскаралӣ РАҶАБОВ** - доктори илмҳои таърих, профессор;
**Абдувалӣ ШАРИФЗОДА** - номзади илмҳои таърих;
**Нуриддин САЙФУЛЛОЕВ** - номзади илмҳои таърих;
**Саидмурод БОБОМУЛЛОЕВ** - доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо ИСКАНДАРОВ** - доктори илмҳои таърих;
**Виктор ДУБОВИТСКИЙ -** доктори илмҳои таърих (Русия);
**Александр ЧУБАРЯН -** академики Академияи илмҳои Русия, доктори илмҳои таърих, профессор (Русия);
**Франсис РИШАР -** узви хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса);
**Анри-Пол ФРАНКФОР** – узви хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса).

**© Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2024.**

ISSN: 2709-7382

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И
ЭТНОГРАФИИ ИМЕНИ АХМАДА ДОНИША

# *ИСТОРИК*

## (научно - теоретический журнал)

## № 1 (37) 2024

Научно-теоретический журнал «Историк» основан в 2015 г. и выходит четыре раза в год на таджикском, русском и английском языках. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под № 331/МҶ-97 от 22 февраля 2024 г.

Журнал с 26 апреля 2018 года входит в перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан и с 21 февраля 2022 года под № 1520 входит в перечень ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**: *Насрулло УБАЙДУЛЛО, доктор исторических наук, профессор*

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР: Хамза КАМОЛ**, *доктор исторических наук, профессор*

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

**Юсуфшо ЁКУБШО** - академик Национальной академии наук Таджикистана;
**Хайдаршо ПИРУМШО -** член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор;
**Абдулло ГАФУРОВ -** кандидат исторических наук, доцент;
**Лариса ДОДХУДОЕВА** - доктор исторических наук, профессор;
**Аскарали РАДЖАБОВ -** доктор исторических наук, профессор;
**Абдували ШАРИФЗОДА** - кандидат исторических наук;
**Нуриддин САЙФУЛЛАЕВ** - кандидат исторических наук;
**Саидмурод БОБОМУЛЛОЕВ** - доктор исторических наук;
**Косимшо ИСКАНДАРОВ** - доктор исторических наук;
**Виктор ДУБОВИЦКИЙ -** доктор исторических наук (Россия);
**Александр ЧУБАРЬЯН -** академик Российской академии наук, доктор исторических наук, профессор (Россия);
**Франсис РИШАР -** иностранный член Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор (Франция);
**Анри-Поль ФРАНКФОР** - иностранный член Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор (Франция).

**© Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, 2024.**

ISSN: 2709-7382

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN
AHMAD DONISH INSTITUTE OF HISTORY,
ARCHAEOLOGY AND ETHNOGRAPHY

# *HISTORIAN*

## (scientific - theoretical journal)

№ 1 (37) 2024

The scientific and theoretical journal «Historian» was founded in 2015 and is published four times a year in Tajik, Russian and English. The magazine is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 331/MJ-97 dated February 22, 2024.

Since April 26, 2018 is the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission (HAC) under the President of the Republic of Tajikistan and since February 21, 2022 under No. 1520HAC Ministry of Education and science of the Russian Federation.

CHIEF EDITOR: **Nasrullo UBAYDULLO** *Dr. of History, Professor*

EXECITIVE EDITOR: **Hamza KAMOL** *Dr. of History, Professor*

EDITORIAL BOARD:

**Yusufsho YOKUBSHO -** Academician of the National
Academy of Sciences of Tajikistan;
**Haydarsho PIRUMSHO** - corresponding member of the National
Academy of Sciences of Tajikistan
the AS Republic of Tajikistan, Dr. of History, Professor;
**Abdullo GAFUROV** - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor;
**Larisa DODKHUDOEVA** - Dr. of History, Professor;
**Askarali RAJABOV** - Dr. of History, Professor;
**Abduvali SHARIFZODA** - candidate of historical sciences;
**Nuriddin SAYFULLOEV** - Candidate of History;
**Saidmurod BOBOMULLOEV** - Dr. of History;
**Kosimsho ISKANDAROV** - Dr. of History;
**Victor DUBOVITSKIY -** Dr. of History, (Russia);
**Alexander CHUBARYAN** - academician of the RAS,
Dr. of History, Professor (Russia);
**Francis RISHAR -** foreign corresponding member of the National
Academy of Sciences of Tajikistan, Dr. of History, Professor (France);
**Henri-Paul FRANKFOR** - Foreign member of the National Academy of Sciences
Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Professor (France).

**© Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography
of the National Academy of Sciences of Tajikistan, 2024.**

# МУНДАРИЧА - СОДЕРЖАНИЕ - CONTENTS

## ТАЪРИХИ ВАТАНӢ - ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ - NATIONAL HISTORY

**Ҳамза КАМОЛ.** Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ – зуҳур ва сукути қудрати ӯ дар Хуросон ...............5
**ХОДЖАЕВА Н.Дж.** Авестийская география в «Шахнаме»….. ..........................................................15
**МУКИМОВ Р.С.** Города Мавераннахра и Хорасана в XI – начале XIII вв. ........................................23
**САИДОВ А.**
Шиддатёбии мубориза байни ҳокимони давлати сарбадорони Хуросон ва заволи он ........................33
**АКРАМОВ М.И.**
Деятельность научных учреждений Таджикистана в годы Великой Отечественной войны и в период послевоенного восстановления ..........................................................................................41
**АБДУРАШИТОВ Ф.М.** Повседневная жизнь колхозников Таджикистана в 1946 - 1960 годы.........47
**АЮБОВ А.Р.** Сафари Сюан - Сзан ба Осиёи Миёна.................................................................54
**ОДИНАЕВ А.Н., БОЖИНСКАЯ Л.В. (АРАНДАРЕНКО), БОРОШКО С.Л.**
Ҳодисаҳои Қаршии соли 1868 – муқаддимаи экспедитсияи Искандаркӯл ............................................60
**РАДЖАБЗОДА С.С.** Определение социальной роли библиотек в Советском Таджикистане ...........68
**НЕЪМАТОВ И.** Терроризм василаи таҳдид ба амнияти миллӣ................................................. 76

## ТАЪРИХНИГОРӢ ВА МАЪХАЗШИНОСӢ - ИСТОРИОГРАФИЯ И ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ - HISTORIOGRAPHY AND SOURCE STUDY

**Ҳайдаршо ПИРУМШО.** Ҳунармандӣ ва тиҷорат дар аҳди Сомониён...............................................85
**ОЛИМОВ М.А.** Из истории индологии в Таджикистане ...................................................................93
**ҒАФУРОВ А., АБДУЛМУМИН А.**
Масоили мубрами таърихи Истиқлоли давлатӣ дар осори Пешвои миллат .......................................101
**ПИРУМШОЕВ М.Х., АРТЫКОВ А.А.**
Памир и Бадахшан во второй половине XIV - XVI вв. .......................................................................108

## ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА – ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ – HISTORY OF SCIENCE AND TECHNOLOGY

**ШАРИФЗОДА А.** Сикказанӣ ва инъомоти феодалии Сомониён дар осори А.Е. Давидович ...........117
**МАҚСАДОВ Ҳ.** Таснифоти илм дар осори мутафаккирони асри миёнаи тоҷик...............................128

## ТАЪРИХ ВА НАЗАРИЯИ САНЪАТ - ИСТОРИЯ И ТЕОРИЯ ИСКУССТВО – HISTORY AND THEORY OF ART

**РАҶАБОВ А.** Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ...............................134
**ДОВУТОВА М.З.**
История женского движения в Таджикистане в визуальном проекте З. Довутова.............................143

## БОСТОНШИНОСӢ - АРХЕОЛОГИЯ – ARCHEOLOGY

**ХУДЖАГЕЛДИЕВ Т.У.**
Свидетельства древнейшего использования огня первобытными людьми на территории Таджикистана…………………………………………………………………………….…………………..151
**Саидшои САНГАЛӢ.** Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара .......................................... 160

**УДК: 94(55): 355.02(571.1)**

# АҲМАД ИБНИ АБДУЛЛОҲИ ХУҶУСТОНӢ – ЗУҲУР ВА СУҚУТИ ҚУДРАТИ Ӯ ДАР ХУРОСОН[1]

**Ҳамза КАМОЛ,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Баъд аз фурӯпошии давлати Тоҳириён ва ба сари қудрат омадани Саффориён шаҳрҳо ва рустоҳои Хуросон муддате дучори ноамнӣ ва ошӯбҳо гардиданд. Яъқуби Лайс, ки бархоста аз табақаи косибон буд, ба яқин дар идораи давлат таҷриба надошт ва аксари авқоти ӯ масруфи фурӯ нишонидани исёнҳо дар ин ва ё он шаҳри Хуросон мегашт. Дар шумори он исёнгарон иддае буданд, ки танҳо барои касби қудрат худро муддаӣ бар ҷойнишинӣ ва меросбарии ҳукумати Тоҳириён мешумориданд. Зеро Хуросон, ки дар муддати панҷоҳ соли ҳукумати Тоҳириён бо оромиши нисбие ҳамроҳ буд ва дар ин замон гирифтори нооромиҳо гардид, муддаиёни қудратро бар он водор месохт, ки барои ҷалби таваҷҷуҳи хуросониён ваъдаи барқарории ҳукумати Тоҳириёнро ба онон бидиҳанд. Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ аз шумори ин муддаиёни ҳукумат буд, ки барои расидан ба қудрати сиёсӣ ҳатто худро Аҳмад ибни Абдуллоҳи Тоҳир номид.

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ аз амирони барҷастаи охири ҳукумати Тоҳирён аст, ки пас аз суқути ин давлат, дар ибтидо ба Саффориён пайваста, баъдан барои барқарории ҳукумати хонадони Тоҳирӣ дар Хуросон бо Саффориён вориди набардҳо шуд, ки муддате чанд пойтахти Хуросон – Нишопур ва дигар шаҳрҳои Хуросон дар қабзаи фармони ӯ афтод.

Аҳмад ибни Абдуллоҳ зодаи деҳе бо номи Хуҷустон (خُجُستان) буд, ки бино ба ахбори «Ҳудуду-л-олам» он «ноҳиятест андар кӯҳ ва ӯро кишту барз бисёр аст ва мардумоне ҷангианд» [10, 92] ва ба навиштаи Ибни Асир Хуҷустон аз «кӯҳҳои Ҳирот ва ҳумаи Бодғис шумурда мешуд» [5,4354]; ба гуфтаи Истахрӣ «Хуҷустон-деҳи Аҳмад ибни Абдуллоҳ, ки эшон (сокинонаш) хавориҷ бошанд» [1, 212].

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар мақолаи дувуми рисолааш «Чаҳор мақола» зикре чунин аз Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ мекунад: «Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷустониро пурсиданд, ки ту марде харбанда[2] будӣ, ба амирии Хуросон чун афтодӣ? Гуфт: «Ба Бодғис дар Хуҷустон рӯзе девони Ҳанзалаи Бодғисӣ ҳамехондам, бад-ин ду байт расидам:

---

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (асри III - аввали асри XX), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1211 навишта шудааст.**

[2] ***Харбанда*** **- касе, ки хар ба кироя диҳад.**

Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марги рӯборӯй.

Доияе (хоҳише) дар ботини ман падид омад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар он ҳолат, ки андар будам, розӣ натавонистам буд. Харонро бифрӯхтаму асп харидам ва аз ватани хеш реҳлат кардам ва ба хидмати Алӣ ибн ал-Лайс шудам, бародари Яъқуб ибн ал-Лайс ва Амр ибн ал-Лайс» [4, 42-43]. Дар идома ин муаллиф менависад, ки Алӣ ибни Лайс ӯро ба шаҳнагии иқтоъоташ[1] дар мавзеи Карухи Ҳирот ва Хивофи Нишопур мансуб мекунад. Соли 262 ҳ.қ./875-76 Аҳмади Хуҷустонӣ аз итоати Саффорён сар печида, Хавофро ғорат карда, вориди Байҳақ мешавад, ки ду ҳазор савор дар атрофии ӯ ҷамъ шуда, Нишопурро тасхир мекунад ва саранҷом бар саросари Хуросон даст меёбад [4, 43; 13, 26-27].

Чуноне ки аз хабари муаллифи номаълуми «Ҳудуду-л-олам» равшан мешавад, сокинони Хуҷустон аҳли ҷангу набард будаанд, ба ин сабаб баъид ба назар мерасад, ки Аҳмад ибни Абдуллоҳ зери таъсири шеъри Ҳанзалаи Бодғисӣ шуғли асосии худро раҳо карда, ба Саффориён пайваста бошад.

Бино ба хабари «Таърихи Систон» Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ замоне ки Яъқуби Лайс Нишопурро фатҳ кард, дар ҷумлаи сарварони солукони[2] Хуросон ба Яъқуби Лайс пайваст: «Чун (Яъқуби Лайс) ба Нишопур қарор гирифт, солукони Хуросон ҷамъ шуданд ва тадбир карданд, ки ин мард соҳибқирон хоҳад буд ва давлате бузург дораду марде мард аст ва касе бар ӯ бар наёяд, моро савоб он бошад, ки ба зинҳори ӯ равем ва ба рӯзгори давлати ӯ зиндагӣ ҳамекунем. Пас Саркуб ал-Кабир, ки номи вай Иброҳим ибни Муслим буд ва Иброҳим ибни Илёс ибни Асад ва Абубилол ал-Хориҷӣ ва Иброҳим ибни Абеҳафз ва Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷустонӣ ва Азиз ибни ас-Сарӣ ин ҳамагони ёрон ва гурӯҳи хеш наздики Яъқуб омаданд ва Яъқуб эшонро бинавохту хилъат дод ва бо хештан ба Систон овард» [7, 224-225].

Аз ин хабар хулоса мешавад, ки Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ монанди соири ашхоси матраҳшуда дар ҷомеаи он вақт аз тариқи айёрӣ шуҳ-рат ёфта, тавонистааст пас аз фурӯпошии давлати Тоҳириён дар Хуросон ва заъфи қудрати идорӣ дар ин кишвар дар кашмакашиҳои муддаиёни ҳукумат нақши барҷастае ифо кунад.

Хонадони Саркуб (Шаркуб) ал-Кабир, ки зикраш рафт, ҳузури фаъоле дар рухдодҳои Хуросони ин замон доштанд, бавижа муносиботи яке аз намояндагони ин хонадон Абуталҳа Мансур бо Аҳмади Хуҷустонӣ гоҳе меҳвари тасвирҳои ҳаводиси ин замон дар манобеи дигари таърихӣ гардидаанд. Ибни Асир роҷеъ ба ин хонадон менависад: «Бани Шаркуб се бародар буданд: Иб-

**[1] Қитъае аз замини хироҷ, ки ба лашкариён медоданд ва ғаллаи он маоши ононро таъмин мекард.**

**[2] Солук - фуқарои Хуросон буданд, ки гирди ҳам омада, барои гирифтани ҳаққи худ аз байтулмол аҳёнан ба роҳзанӣ ва туғён машғул мешуданд.**

роҳим, Абуҳафси Яъмар ва Абуталҳа Мансур фарзандони Муслим. Солхӯрдатарин онҳо Иброҳим буд. Ӯ дар ҷанги Яъқуб бо Ҳасан ибни Зайд дар Гургон озмуни некӣ аз худ намуда буд ва Яъқуб ӯро бар дигарон пешӣ дод» [5, 4354].

Аксари манобеи таърихӣ ахбори Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустониро пароканда, дар иртиботи ин ва ё он воқеа додаанд, вале Ибни Асир дар асараш фасли вижае ба Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ бахшида, гузориши муфассале аз талошҳои ӯ барои қасби қудрат дар Хуросон карда, менависад, ки «ӯ аз ёрони Муҳаммад ибни Тоҳир буд» [5, 4354]. Ин муаллиф хабари Арӯзии Самарқандиро дар бораи пас аз чирагии Яъқуб ибни Лайс бар Нишопур дар соли 259 ҳиҷри қамарӣ, пайвастани Аҳмади Хуҷустонӣ ба ӯ ва бародараш Алӣ ибни Лайсро тасдиқ намуда, менигорад, ки Аҳмади Хуҷустонӣ бар он шуд, то бо найранг ба ҳадафи худ даст ёбад ва нахуст бар зидди писарони Шаркуб (Саркуб) - Иброҳим, Абуҳафси Яъмар ва Абуталҳа Мансур, ки сардорони бонуфузи Яъқуби Лайс буданд, рашк бурда, ба тавтеа пардохт. Аҳмади Хуҷустонӣ ба Иброҳим гуфт, ки Яъқуб мехоҳад бо найранг туро нобуд созад ва Иброҳим аз ин сухан парешон шуд. Аҳмади Хуҷустонӣ ба ӯ пешниҳод кард, ки чора он аст, ки ҳар ду сӯи бародарат Яъмар, ки ин замон Балхро шаҳрбандон карда буд, гурезем, зеро ман низ аз Яъқуб ҳарос дорам. Аҳмади Хуҷустонӣ назди Яъқуб омада, аз фирори Иброҳим ӯро огоҳ сохт. Аҳмади Хуҷустонӣ пас аз он ки Яъқуб ва Иброҳимро ба якдигар бадгумон сохт, аз сӯи Яъқуб ба набарди Иброҳим рафта, ӯро ба қатл расонда, бо ин амал назди Яъқуби Лайс тақарруб ёфт [5, 4355].

Соли 261 ҳ.қ./874-875, замоне ки Яъқуб хост аз Нишопур ба Систон равад, Азиз ибни Сарриро дар Нишопур ва бародараш Амрро дар Ҳирот масъули умури идорӣ баргумошт. Аҳмади Хуҷустонӣ, ки аз ҳамин замон андешаи мухолифат дар сар мепарваронид, ба Алӣ ибни Лайс гуфт, ки «ду бародари ту Хуросонро миёни худ тақсим карданд ва ба ту чизе нарасид. Беҳтар аст маро ба Хуросон фиристӣ, то барои ту чизе дасту по кунам ва корҳои ту сомон диҳам» [5, 4355]. Алӣ аз бародараш Яъқуб барои Хуҷустонӣ хост то умури идории Хуросонро ба вай супорад. Яъқуб бо вуҷуди он ки ба Хуҷустонӣ эътимод надошт ва дилаш гувоҳӣ медод, ки ӯ паймоншикан аст, ба пешниҳоди бародараш мувофиқат кард. «Амир Аҳмад Абдуллоҳи Хуҷус-тониро вилояти Хуросон амир Яъқуб ибн ал-Лайс дод… ва ин буд дар санаи 261 (ҳ.қ.)» [2, 67].

Чун Яъқуб аз Нишопур рафт, Хуҷустонӣ «сад мард барои худ гирд овард ва онҳоро ба Пушти Нишопур биёвард ва бо ҳокими он ҷангид ва ӯро берун ронд ва аз он ҷо боҷ бистонд, он гоҳ роҳи Қумис дар пеш гирифт ва дар Бастом куштори бузурге доман зад ва дар соли 261 ҳ.қ. бар он ҷо чирагӣ ёфт» [5, 4355].

Хуҷустонӣ дар оғози соли 262 ҳ.қ./сентябр-октябри соли 875 ба Нишопур ҳуҷум овард, ки дар натиҷа фармондори он Азиз ибни Саррӣ фирор намуд ва ба дастури Хуҷустонӣ хутба ба номи Тоҳириён хонда шуд [5, 4356].

Чуноне ки зикр шуд, Аҳмади Хуҷустонӣ барои ҷалби таваҷҷуҳи мардуми Нишопур, ки ҳанӯз аз ҳукумати чандинсолаи Тоҳириён хотираи хуше доштанд, зоҳиран худро алоқаманди ин дудмон нишон дода, ҳатто худро Аҳмад ибни Абдуллоҳи Тоҳирӣ номид. Аммо дар озод кардани Муҳаммад ибни Тоҳир ва ба

тахти Нишопур бозгардонидани ӯ, ки ин замон дар зиндони Систон ба сар мебарад, талош накард.

Аҳмади Хуҷустонӣ пас аз ба даст овардани Нишопур, Рофеъ ибни Ҳарсамаро, ки яке аз фармондеҳони сипоҳи Яъқуб буд, ба назди хеш даъват карда, фармондеҳии сипоҳашро ба ӯ супорид. Он гоҳ номае ба Яъмар ибни Шаркуб ба Балх навишта, ӯро назди худ хонд, то бо кумаки якдигар Хуросонро аз дасти Саффориён берун оранд. Аммо Яъмар ба сабаби қатли бародараш ба дасти Хуҷустонӣ ба ҳамкорӣ бо ӯ ризоят надод ва ба Ҳирот ҳамла карда, бо фармондори он Тоҳир ибни Ҳафс ҷангида, бар он шаҳр чира шуд. Аз ин гуна сурат гирифтани кор Аҳмади Хуҷустонӣ ба хашм омада, ба ҷониби Ҳирот лашкар кашид, ки миёни онҳо ду даргирӣ рух дод, аммо саранҷом Аҳмади Хуҷустонӣ бо фиреб Яъмарро ба қатл расонид. Дастае аз ҷонибдорони Яъмар пиромуни бародари ӯ Абуталҳа гирд омада, роҳи Нишопурро пеш гирифтанд. Нишопур ин замон зери фармони Ҳусайн ибни Тоҳир, бародари Муҳаммад ибни Тоҳир қарор дошт, ки аз Исфаҳон ба Нишопур омада буд. Ҳусайн ибни Тоҳир ин орзу дошт, ки Аҳмади Хуҷустонӣ, чуноне ки ваъда карда буд, хутбаро ба номи ӯ бихонад, аммо Аҳмади Хуҷустонӣ аз гардонидани хутба ба номи ӯ имтиноъ варзид. Абуталҳа дар Нишопур ба номи Ҳусайн ибни Тоҳир хутба хонд ва дар шумори ҷонибдорони ӯ қарор гирифт. Бо шунидани ин хабар Аҳмади Хуҷустонӣ бо дувоздаҳ ҳазор савор ба Нишопур лашкар кашида, дар ҳаволии ин шаҳр тавaққуф намуд ва бародараш Аббосро ба набарди Абуталҳа фиристод. Ин набард ба шикасти лашкари Хуҷустонӣ мунҷар шуда, Аббос ба қатл расид. Хуҷустонӣ пас аз огоҳӣ аз ин шикаст, ба Ҳирот баргашт, вале аз кушта шудани бародар хабар надошт [5, 4356].

Бино ба ахбори муаллифи «Таърихи Байҳақ» Хуҷустонӣ аз Абуталҳа дар ҳарос буд ва «Рофеъ ибни Ҳарсамаро ба макр назди ӯ фиристод, то бувад, ки ӯро ҳалок тавонад кард» [2, 67]. Бинобар ин Рофеъ ибни Ҳарсама тадбире андешида, ба Нишопур рафт ва сар ба фармони Абуталҳа оварда, узр хосту амон ёфт. Абуталҳа ӯро аз муқаррабони худ кард. Бо ин ҳама ӯ пинҳонӣ бародари Хуҷустонӣ Аббосро ҷустуҷӯ намуд ва чун хабари қатли Аббосро дарёфт, онро ба Аҳмади Хуҷустонӣ расонид. Сарчашмаҳо гузориш медиҳанд, ки Рофеъ ибни Ҳарсама ончунон назди Абуталҳа эътимод ёфт, ки Абуталҳа вайро ҳамроҳи ду коргузораш – Ҳасани ҳоҷиб ва Ҳомид ибни Яъқуб ба гирдовари молиёти Байҳақ ва Буст равона кард. Баъд аз гирдоварии молиёт Рофеъ он дуро ба банд гирифт ва молиёти ин ду ноҳияро ба назди Аҳмади Хуҷустонӣ овард. Гузориши паймоншикании Рофеъ ибни Ҳарсама ба Абуталҳа расид ва ӯ бо лашкаре ба дунболаш рафт, вале Ҳарсама дар рустое аз Хавоф пинҳон шуд [2, 67-68; 5, 4357].

Дар моҳи раҷаби соли 263 ҳ.қ./март-апрели соли 877 Абуталҳа сипоҳе бо фармонеҳии Исҳоқи Шории хориҷӣ ба Гургон фиристод. Ҳокими Гургону Дайламон ин замон Ҳасан ибни Зайди Алавӣ буд. Сипоҳиёни Исҳоқи Шорӣ хуни бисёре аз сокинони Гургонро рехтанд [5, 4357].

Баъд аз воқеаи Гургон Исҳоқи Шорӣ бар зидди Абуталҳа шӯрид. Нишопуриён ба Абуталҳа бадбин шуданд ва ӯро аз шаҳрашон ронда, ба Аҳмади Хуҷустонӣ нома навишта, ӯро аз Ҳирот ба Нишопур даъват карданд. Аҳмади

Хуҷустонӣ ба Нишопур омад ва Абуталҳа ба Ҳасан ибни Зайди Алавӣ дар Табаристон паноҳ бурд. Абуталҳа бо сипоҳе, ки Ҳасан ибни Зайди Алавӣ дар ихтиёр ӯ ниҳод, бори дигар ба Нишопур ҳамла кард, аммо коре аз пеш набурд. Билохира Абуталҳа даст аз муҳосираи Нишопур кашида, ба ҷониби Балх рафта, онро шаҳрбанд кард. Табарӣ соли ба Нишопур омадани Аҳмади Хуҷустониро соли 265 ҳ.қ./878-79 зикр карда, менависад, ки «дар ин сол Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ бар Нишопур ғалаба ёфт ва Ҳусайн ибни Тоҳир – омили Муҳаммад ибни Тоҳир ба Марв рафт» [9, 6481]. Аммо ин рухдодҳоро Ибни Асир марбут ба солҳои 265-266 ҳ.қ/878-79-879-80 медонад [5, 4358].

Аз сӯи дигар Аҳмади Хуҷустонӣ ба баҳонаи ҳампаймонии Ҳасан ибни Зайд бо Абуталҳа дар моҳи рамазони соли 265 ҳ.қ./апрел-майи 879 ба ҷониби Гургон лашкар кашид. Ҳасан ибни Зайд аз мардуми Гургон мадад хост ва бо вуҷуди расидани кумак аз ҷониби мардуми Гургон, сипоҳи ӯ аз ҳам пошид ва Ҳасан ибни Зайд ба Омул фирор кард. Лашкари Аҳмади Хуҷустонӣ Гургонро ғорат карда, «чаҳор ҳазор, ҳазор дирҳам аз эшон бож ситонид» [5, 4358].

Чуноне ки ба мушоҳида мерасад, то замони марги Яъқуби Лайс (моҳи июни соли 879) Аҳмади Хуҷустонӣ ошкоро алайҳи Яъқуби Лайс ба мубориза барнахостааст ва ин замон вонамуд мекард, ки бар зидди ҳокимони саркаши баъзе шаҳрҳои Хуросон талошҳо мекунад. Чун баъди вафоти Яъқуби Лайс бародараш Амри Лайс ҷойнишини ӯ гардид, Аҳмади Хуҷустонӣ ҳадафи худро ошкор кард.

Бино ба гузориши Табарӣ Хуҷустонӣ пеш аз он ки бо Амри Лайс вориди набард шавад, дар моҳҳои ҷумодиулохир ва раҷаби соли 266 ҳ.қ. / январ-феврал, феврал-марти соли 880 ӯ ба Гургон «ба ғофилгирӣ ба Ҳасан ибни Зайд тохт, ки Ҳасан аз ӯ ҳазимат шуд ва ба Омул пайваст ва Хуҷустонӣ бар Омул ва баъзе навоҳии Табаристон тасаллут ёфт» [9, 6489] ва дар идома ин муаллиф менависад, ки дар «ҳамин сол Ҳуҷустонӣ амволи бозаргонони Гургонро ғорат кард ва шаҳрро оташ зад» [9, 6489].

Аҳмади Хуҷустонӣ замоне ба Нишопур расид, ки ба Амри Лайс аз сӯи халифаи Аббосӣ маншури ҳукумати Хуросону Систон ва Форс расида буд ва ӯ дар Нишопур қарор дошт [3, 311]. Дар набарде, ки миёни Амри Лайс ва Аҳмади Хуҷустонӣ рух дод, Амри Лайс шикаст хӯрда, ба Ҳирот фирор кард [3, 311; 5, 4358; 7, 237]. Дар зимн Табарӣ менависад: «Ва ҳам дар ин сол (266 ҳ.қ.) миёни Хуҷустонӣ ва Амр ибни Лайс набарде буд, ки Хуҷустонӣ бар Амр ғалаба ёфт ва ӯро ҳазимат карду вориди Нишопур шуд ва омили Амрро аз он ҷо бурун кард ва ҷамъе аз онҳоро, ки дар он ҷо сӯи Амр гароиш доштанд, бикушт» [9, 6489]. Аммо Табарӣ дар ҷойи дигаре аз асараш ин рухдодро моҳи шавволи соли 267 ҳ.қ. [9, 6533] /май-июни соли 881 зикр мекунад, ки иштибоҳ аст.

Шикасти худро Амри Лайс дар набарди Нишопур бо Аҳмади Хуҷустонӣ аз робитаи пинҳонии бархе аз атрофиёнаш, аз ҷумла бародараш Алӣ ибни Лайс бо Аҳмади Хуҷустонӣ медид: «Алӣ ибн ал-Лайс, бародари Амр андар ниҳон сӯи Хуҷустонӣ кас фиристод, ки ман ёри туам ва бо бародар хилоф кард, то чун ҳарб карданд ва ҳол бар ин ҷумла буд (ва) Амр надонист, ҳазимат кард рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз гузашта аз зулҳиҷҷаи санаи 266 ҳ.қ. (18 июли соли 880)» [7,

237]. Дар Ҳирот Амри Лайс тасмим гирифт, то барои ин хиёнат бародарашро зиндонӣ кунад [7, 237].

Табарӣ дар рухдодҳои соли 267 ҳ.қ./880-881 хабар медиҳад, ки Амри Лайс Муҳаммад ибни Тоҳирро ба мукотиба бо Хуҷустонӣ ва Ҳусайн ибни Тоҳир муттаҳам дониста, ӯ ва тане чанд аз мардуми хонадонаашро ба иттиҳоми ин ки бародари ӯ Ҳусайн ибни Тоҳир бо ҳамдастии Аҳмади Хуҷустонӣ дар минбарҳои Хуросон хутба ба номи вай хондааст, дастгир ва зиндонӣ кард [9, 6495]. Аммо ин хабари Табарӣ бо навиштаҳояш дар иртиботи шикасти Яъқуби Лайс дар моҳи раҷаби санаи 262 ҳ.қ./апрели 876 аз лашкари халифаи Аббосӣ дар Дайри Оқул ва озод гаштани Муҳаммад ибни Тоҳир, ки дар банди оҳанин ҳамроҳи ӯ буд ва ба назди халифа даъват шудани Муҳаммад ибни Тоҳиру хилъат гирифти ӯ [9, 6451] ва ба раёсати шуртаи Бағдод таъйин шуданаш, ихтилоф дорад [5, 4350]. Яъне, Муҳаммад ибни Тоҳир, ки дар Бағдод буд, наметавонист дар ин рухдодҳои Хуросон, ки фармони идораи ҳукумат аз ҷониби халифа ба Амри Лайс дода шуда буд, ҳузур пайдо кунад.

Аз сӯи дигар дар Нишопур имоми аҳли ҳадиси ин шаҳр ба номи Қорӣ Яҳё ибни Муҳаммад ибни Яҳёи Зуҳлӣ ва низ гурӯҳе аз мутаваа (довталабон) ва фақеҳон, ки аз Амри Лайс ҷонибдорӣ мекарданд, ба сабаби он, ки Аҳмади Хуҷустонӣ аз ҷониби халифаи Бағдод маншури ҳукумати Хуросонро нагирифта буд, ӯро маломат карда, ба мухолифати ӯ бархостанд. Хуҷустонӣ барои муқобила бо ин гурӯҳ аз ихтилофҳои ду фирқаи асҳоби ҳадис (аҳли Мадина) ва асҳоби раъй (аҳли Ироқ) дар Нишопур истифода карда, бо ҳимоят аз гурӯҳи асҳоби раъй тавонист бар Яҳёи Зуҳлӣ, ки аз мардуми Мадина буд ва дигар мухолифонаш ғолиб ояд [3, 313; 5, 4358].

Аҳмади Хуҷустонӣ пас аз таҳкими мавқеи худ дар Нишопур барои муқобила бо Амри Лайс ба Ҳирот омад. Чун Амри Лайс тадобири амниятии шоистае барои дифоъ аз Ҳирот гирифта буд, бинобар ин Аҳмади Хуҷустонӣ дар тасхири ин шаҳр коре карда натавонист ва рӯй ба ҷониби Систон оварда, 28 рабеулахири соли 267 ҳ.қ./6 декабри соли 880 ба дарвозаи Систон расид. Сокинони шаҳр, ки аз ҷониби Амри Лайс бо сипоҳ мадад ёфта буданд, дар баробари лашкари Аҳмади Хуҷустонӣ муқовимат карданд, то ӯ саранҷом пас аз вайрон намудани рабази Систон ва ба сабаби шӯриши сокинони Нишопур ба ин шаҳр бозгашт [3, 312; 5, 4359; 7, 237].

Дар Нишопур гурӯҳе аз аҳолӣ ва айёрони шаҳр боз пиромуни Яҳёи Зуҳлӣ, ки зикраш рафт, гирд омада, бо сипоҳе, ки Амри Лайс ба кумаки онҳо фиристода буд, намояндаи Аҳмади Хуҷустониро ба сабаби бадрафторӣ бо мардум дастгир карданд ва ҷонибдорони Амри Лайс шаҳрро ба даст оварданд. Баъди ба даст овардани ин хабар Аҳмади Хуҷустонӣ худро ба Нишопур расонида, бори дигар бар шаҳр чира шуд ва ба муҷозоти мухолифонаш пардохт: «Гурӯҳе аз ёрони Кайкон (Яҳёи Зуҳлӣ) кушта шуданд ва Кайкон худ пинҳон гашт ва пас аз замоне худро намуд, пас ӯро гирифтанд ва бар ӯ деворе кашиданд, то бимурд» [5, 4359].

Ибни Асир менависад, ки Аҳмади Хуҷустонӣ тамоми соли 267 ҳ.қ. дар Нишопур бимонд [5, 4359]. Аммо бино ба гузориши Табарӣ Хуҷустонӣ дар 267 ҳ.қ.

тасмим гирифт, ки Ироқи Аҷамро низ тасхир кунад. Ӯ бо сипоҳаш то Симнон расид, аммо мардуми Рай ҳисорҳои шаҳрро устувор карданд ва ин буд, ки ӯ дар ин лашкаркашӣ тавфиқ наёфт ва ба Нишопур бозгашт [9, 6546].

Табарӣ дар рухдодҳои Хуросони соли 267 ҳ.қ. ҳамчунин хабар медиҳад, ки «Хуҷустонӣ барои хештан динору дирҳам сикка зад, вазни динор даҳ донг буд ва вазни дирҳам ҳашт донг ва нақши он чунин буд: «Ал-мулку ва-л-қудрату ли-л-Лоҳ ва-л ҳавлу ва-л-қуввату би-л-Лоҳ, ло илоҳа илло-л-Лоҳ, Муҳаммаду-л-расули-л-Лоҳ»; ва бар сӯи дигари он чунин буд: «Ал-Муътамид Алаллоҳ би-л-юмни ва-с-саодати» ва бар сӯи дигар «ал-Вофӣ Аҳмад ибни Абдуллоҳ» [9, 6546-47].

Аз ин гузориши Табарӣ чунин бармеояд, ки Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ то соли 267 ҳ.қ. аз Тоҳириён тобеият мекардааст ва баъд аз таҳкими мавқеи сиёсияш дар Хуросон дар ҳамин сол номи Муҳаммад ибни Тоҳирро дар шаҳрҳои мухталифи Хуросон аз хутба андохта, хутба ва сикка ба номи худ ва халифаи Аббосӣ Муътамид мезанад. Аз Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ сиккаҳои марбут ба солҳои 267 ва 268 ҳ.қ. вуҷуд доранд, ки дар Ҳирот ва Нишопур зарб шудаанд. Яке аз сиккаҳои дар Нишопур зарбзадаи Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ дар таркиби сиккаҳои «Ганҷинаи Кӯлоб» [12], ки ба асрҳои VIII-X тааллуқ доранд, мавҷуд аст ва онро донишманди тоҷик Абдувалӣ Шарифзода муайян кардааст [12, 133]. «Дар рӯи дирҳами Нишопур, ки соли 268 ҳ.қ./881-882 ба номи халифа ал-Муътамид зада шудааст, – менависад муаллиф, – номи Аҳмад ибни Абдуллоҳ хонда мешавад» [12, 18].

Ибни Асир дар идомаи баёни саргузашти Аҳмади Хуҷустонӣ менависад, ки Амри Лайс ба Абуталҳа, ки Балхро шаҳрбандон мекард, нома навишта, ӯро ба Ҳирот даъват кард. Сипас Амри Лайс Абуталҳаро бар ҷой худ дар Хуросон гумошт ва худ равонаи Систон шуд. Аҳмад ибни Абдуллоҳ ба Сарахс сипоҳ кашид, ки коргузори Амри Лайс он ҷо буд. Абуталҳа ба кумаки ӯ ба Сарахс омад ва дар набард бо Аҳмади Хуҷустонӣ шикаст хӯрд. Аҳмади Хуҷустонӣ ба дунболагирии Абуталҳа то ба Хулм омад ва ҷанги дигар миёни онон рух дод, ки боз Абуталҳа ба шикаст мувоҷеҳ шуда, ба Систон фирор кард. Аҳмади Хуҷустонӣ то авохири соли 268 ҳ.қ. /июни соли 882 дар мавзее бо номи Тоикони Тахористон бимонд [5, 4359; 7, 239].

Эҳтимол меравад ин замон буд, ки Аҳмади Хуҷустонӣ Ҳиротро низ тасарруф кард ва дар он ҷо ба номи худ сикка зад. Чанде баъд ҳангоме ки Тоҳириён аз ҳимояти Аҳмади Хуҷустонӣ ноумед шуданд, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Тоҳир, фарзанди охирин амири Тоҳирии Хуросон, ки дар он замон дар Хоразм фармон меронд, сипоҳе ба Нишопур фиристод, то омилони Аҳмади Хуҷустониро аз он ҷо берун кунад, аммо муваффақ нашуд [5, 4360].

Чуноне зикр шуд, Аҳмади Хуҷустонӣ замоне ки дар мавзеи тоҷикони Тахористон ба сар мебурд, хабар ёфт, ки Абуталҳа модарашро дар Нишопур ба асорат гирифтааст. Аҳмади Хуҷустонӣ барои раҳоии модараш ба он ҷо шитофт ва бино ба хабари Табарӣ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли 268 ҳ.қ./ июн-июли соли 882, тибқи гузориши Ибни Фундуқ ва Ибни Асир дар моҳи шавволи соли 268 ҳ.қ./апрел-

майи соли 882 дар Шодиёхи Нишопур ба дасти ду тан аз ғуломонаш ба исмҳои Ромҷур ва Қунлуғ, ки аз ӯ озурдагӣ доштанд, ба қатл расид [2, 68; 5, 4361; 9, 6553, 6559].

Аммо ба ривояти Авфӣ дар «Ҷавомеъу-л-ҳикоёт» Хуҷустонӣ вақте барои ситондани мол ба Табаристон рафт, яке аз ғуломонаш ба номи Айёш хонаи ӯро дар Нишопур ғорат карда, модаршро бо худ бурд ва ӯро дар байн роҳи Гургон ба қатл расонид. Хуҷустонӣ ба Нишопур баргашта, бузургону мардуми шаҳрро сахт сарзаниш карда, дасти бедод бар мардум бигушод, то инки саранҷом худ ба дасти ғуломонаш кушта шуд [8, 507-511].

Аз сарзаниш ва ҷазо додани Хуҷустонӣ нишопуриёнро Ибни Асир чунин менависад: «Аҳмад ибни Абдуллоҳ ҳангоме ки пас аз кушта шудани модараш аз Тоикон ба Нишобур бозгашт, найзае дароз дар миёнаи саройе бар замин карду гуфт: «Мардуми Нишопур бояд чандон марворид пиромуни ин найза бирезанд, ки найзаро натавон дид». Нишобуриён аз ӯ ҳаросиданд, гурӯҳе аз бузургону бозаргонон рӯй ниҳониданд, мардум даст ба ниёиш бардоштанд... Худой меҳри хеш бар онон густаронид ва Аҳмад ибни Абдуллоҳ ҳамон шаб кушта шуд» [5, 4362].

Пас аз қатли Хуҷустонӣ ҷонибдоронаш Рофеъ ибни Ҳарсамаро ба фармондеҳӣ баргузиданд [5, 4361-4362]. Табарӣ дар рухдодҳои соли 269 ҳ.қ./882-83 аз фармондеҳии Рофеъ ибни Ҳарсама бар Хуросон чунин ёд мекунад: «Дар ин сол Рофеъ ибни Ҳарсама ҳамаи вилоятҳои Хуросонро, ки Хуҷустонӣ бар он тасаллут ёфта буд, уҳда кард. Ва чунон буд, ки Рофеъ ибни Ҳарсама хироҷи чанд вилояти Хуросонро аз пеш гирифта буд ва мардуми он ҷоро фақир карда буд ва вилоятро ба вайронӣ дода буд» [9, 6570].

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ замоне даъвии ҳукумати Хуросон кард, ки давлатдории беш аз панҷоҳсолаи Тоҳириён дар Хуросон рӯ ба заъфу инҳитот ниҳода буд. Бо истифода аз ин вазъ ӯ талош кард, то аз мероси Тоҳириён насибае ба даст орад. Бо вуҷуди ин ки Алӣ ибни Лайс аз бародараш Яъқуби Лайс барои Хуҷустонӣ хост то умури идории Хуросонро ба вай супорад ва ӯ низ ризоят дод, аммо Хуҷустонӣ ба баҳонаи ҳимоят аз дудмони Тоҳириён муддате идораи сарзамини Хуросонро аз дасти Саффориён берун овард. Аз муҳимтарин авомили пирӯзии Хуҷустонӣ дар Хуросон ин гирифториҳои Яъқуби Лайс дар ҷануби Эрон ва Ироқ, шикасти ӯ дар набард бо лашкари халифаи Аббосӣ дар моҳи апрели соли 876 дар Дайри Оқул [5, 4351; 11, 385] ва билохира вафоташ дар моҳи июни соли 879 дар Гунди Шопур [6, 600, 7, 233; 11, 387] буд.

Аксари манобеи таърихии ин давр ва баъди он аз иртиботи Хуҷустонӣ бо дастгоҳи хилофати Аббосӣ ахборе надодаанд, ба ҷуз аз Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ маъруф ба Ибни Фундуқ, ки менависад: «аз тавобеи эшон (Тоҳириён) буд амир Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ ва ӯ амири Хуросон буд ба фармони ал-Муътамид» [2, 66]. Аммо халифаи Аббосӣ, ки аз тавсеаталабиҳои Яъқуби Лайс дар ҳарос буд ва мехост миёни ӯ ва Яъқуб созише ба миён биёяд, наметавонист барои муқобила бо Яъқуб ҳукумати Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустониро дар Хуросон таъйид карда бошад.

Баъд аз марги Яъқуби Лайс, бародараш Амри Лайс натавонист Хуҷустониро

шикаст диҳад ва аз Хуросон берун кунад. Бо вуҷуди ин ки халифаи Аббосӣ мақоми шаҳнагии Бағдод ва низ маншури ҳукумати Хуросонро ба Амри Лайс дода буд, бо ин ҳама ал-Муътамид намояндагони давлати Саффориёнро таҳдиди ҷиддие барои дастгоҳи хилофат медонист. Бинобар ин халифа ал-Муътамид, ки аз барқарории давлати Тоҳириён барои муқобила бо хатари Саффориён ноумед шуда буд, тохту тозҳои Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ дар Хуросон ва кашмакашиҳои вай бо Амри Лайс ва ҷонибдоронаш дар мисоли Абуталҳа метавонист дастгоҳи хилофати ӯро аз хатари бархоста аз Хуросон осудахотир нигаҳ дошта бошад.

Баъзе аз таърихнигорон ба далели ин ки сокинони зодгоҳи Аҳмад ибни Абдуллоҳ-Хуҷустон ба хориҷӣ будан шуҳрат доштанд, ӯро низ хориҷӣ хондаанд. Аммо ағлаби онон дар рисолаҳои хеш, ки дар танвири савонеҳи ҳоли Аҳмади Хуҷустонӣ дар ин мухтасар аз онҳо мусмир истифода шуд, ӯро аз шумори хориҷиён надонистаанд. Чунин ба назар мерасад, ки итлоқи ин унвон ба ӯ аз ҷониби бархе аз таърихнигорони садаҳои миёна шояд ба сабаби хурӯҷу исёнҳояш алайҳи ҳокимони вақт буда бошад.

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ бо ин ки марде қудратхоҳу ситамгор буд ва аз ҳар василае барои расидан ба ҳадафи худ баҳра мегирифт, боз ҳам ба гуфтаи Ибни Асир «Аҳмад род, бахшанда, диловар ва хушрафтор буд ва дар ростои касоне, ки пеш аз рӯи кор омаданаш бо ӯ ҳамроҳӣ карданд, некии бисёр мекард ва рафтораш дар фурӯтанӣ ва некӯкирдорӣ бо онҳо дигаргунӣ наёфт» [5, 4362].

### АДАБИЁТ


1.Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва мамолик. Ба эҳтимоми Э. Афшор. Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, - 1340. -234 с.

2.Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ, маъруф ба Ибни Фундуқ. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳ ва таълиқоти А. Баҳманёр. Теҳрон: Конун, - 1317 ҳ.х. -362 с.

3.Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Муҳаққиқ ва мусаҳҳеҳ А. Ҳабибӣ. Теҳрон: Дунёи китоб, - 1363 ҳ.х. -665 с.

4.Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Тасҳеҳи М. Қазвинӣ, ба кӯшиши М. Муъин. Теҳрон: Армуғон. - 1328 ҳ.х. -134 с.

5.Иззиддин ибни Асир. Таърихи комил. Ҷ.10. Тарҷумаи Ҳ. Ожир. Чопи аввал. Теҳрон: Асотир, 1382 ҳ.х. С. 4189-4595.

6.Масъудӣ Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусейн. Муруҷу-з-заҳаб. Ҷ.2. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1357 ҳ.х. -772 с.

7.Муаллифи ношинохта. Таърихи Систон. Муҳаққиқ ва мусаҳҳеҳ М. Баҳор. Чопи дувум. Теҳрон: Падидаи Ховар, - 1366 ҳ.х. -417 с.

8.Муҳаммад Авфӣ. Ҷавомеъу-л-ҳикоёт ва лавомеъу-р-ривоёт. Ба кӯшиши Амирбону Мусаффо. Теҳрон, 1352 ҳ.х. - 600 с.

9.Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Тарҷумаи А. Поянда. Ҷ.15. Чопи панҷум. Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.х. С.6379-6785.

10.Ҳудуду-л-олам ва мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб. Ба кӯшиши М. Сутӯда. - Теҳрон: Гулшан, 1362 ҳ.х. -252 с.

11.Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмали Фасеҳӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.1. - Теҳрон: Асотир, - 1386 ҳ.х. -436 с.

12.Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ). Д., Шарқи озод, 2019. - 648 с.

13.Эдвард Браун. Таърихи адабиёти Эрон аз Фирдавсӣ то Саъдӣ. Ҷ.1. Тарҷумаи Ф. Муҷтабоӣ ва Ғ. Афшор. Чопи чаҳорум. Теҳрон: Марворид, - 1367. - 464 с.


## АҲМАД ИБНИ АБДУЛЛОҲИ ХУҶУСТОНӢ – ЗУҲУР ВА СУҚУТИ ҚУДРАТИ Ӯ ДАР ХУРОСОН

Дар замони ҳукумати Тоҳириён Хуросон нисбатан ором буд. Суқути ин давлат ва ишғоли Нишопур аз ҷониби Яъқуби Лайс шаҳрҳои Хуросонро муддате ноамн кард. Зуҳури муддаиёни ҷадиди тоҷу тахт, ки ҳар кадом худро намояндаи давлати Тоҳириён муаррифӣ мекарданд, танҳо

ба манзури касби қудрат ва ба ирс бурдани ҳукумати Тоҳириён буд.

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ аз афроди бонуфузи Хуросон дар замони охирин амири Тоҳириён, Муҳаммад ибни Тоҳир буд. Пас аз суқути Тоҳириён ба хидмати Яъқуби Лайс рафт. Ҳангоме ки Яъқуб Нишопурро ба мақсади Систон тарк кард, Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ худро ба унвони волии Тоҳириён муаррифӣ намуд ва барои густариши нуфузи худ дар Хуросон ба мубориза бо рақибони худ бархост.

Даргириҳои пайдарпайи Хуҷустонӣ бо ҷонибдори Амр ибни Лайс – Абуталҳа ва миёнҷигарии Ҳусайн ибни Тоҳир, ки охирин намояндаи дудмони Тоҳириён буд, авзои нобасомон ва беназмеро дар Хуросон ба вуҷуд овард. Ҳар яке аз муддаиёни давлати Тоҳириён барои ҷалби таваҷҷуҳи сокинони Хуросон, бавижа нишопуриён талоши фаровоне мекарданд. Бидуни шак хотираи хубе аз таърихи ҳукумати Тоҳириён дар Хуросон муҷиби бурузи чунин иддаоҳое аз ҷониби Хуҷустонӣ гардид. Хуҷустонӣ барои ҷалби таваҷҷуҳи мардуми Хуросон худро Аҳмад ибни Абдуллоҳи Тоҳирӣ номид ва дар хутба номи Муҳаммад ибни Тоҳирро зикр карда, ба номаш сикка мезад. Аммо бо густариши нуфузаш, номи ин намояндаи Тоҳириро аз хутбаҳо берун андохт ва ба номи худ сикка зад. Бидуни тардид чунин иқдомоте ба густариши ихтилоф миёни муддаиёни қудрат дар Хуросон сабаб шуд ва дар ниҳоят ба қатли Хуҷустонӣ анҷомид.

***Калидвожаҳо***: *Хуросон, Тоҳириён, Саффориён, Нишопур, Муҳаммад ибни Тоҳир, Яъқуби Лайс, Амр ибни Лайс, Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ, Абуталҳа, Ҳирот, Гургон, Табаристон.*

## АХМАД ИБН АБДУЛЛАХ ХУДЖУСТОНИ – ВЗЛЕТ И ПАДЕНИЕ ЕГО ВЛАСТИ В ХОРАСАНЕ

В течение правления Тахиридов Хорасан был относительно мирным. Падение этого государства и захват Нишапура Я'кубом Лайсом на некоторое время сделали города Хорасана небезопасными. Появление новых претендентов на престол, каждый из которых представлял себя представителем государства Тахиридов, было лишь для того, чтобы получить власть и унаследовать тахиридское правительство.

Ахмад ибн Абдуллах Худжустони был одним из влиятельных лиц Хорасана времен правления последнего эмира Тахиридов, Мухаммада ибн Тахира. После падения государства Тахиридов, он перешел на службу к Я'кубу ибн Лайсу. Когда Я'куб отправился из Нишапура в Систан, Ахмад ибн Абдуллах Худжустони представил себя наместником Тахиридов и начал борьбу со своими соперниками, чтобы расширить свое влияние в Хорасане.

Непрерывные конфликты Худжустони со сторонником Амра ибн Лайса - Абуталхи и посредничество Хусейна ибн Тахира, который был последним представителем династии Тахиридов, создали хаотическую и беспорядочную ситуацию в Хорасане. Каждый из претендентов на тахиридское государство приложил немало усилий, чтобы привлечь внимание жителей Хорасана, особенно нишапурцев. Несомненно, добрая память об истории тахиридского правления в Хорасане вызывала подобные претензии и со стороны Худжустони. Чтобы привлечь внимание жителей Хорасана, Худжустони называл себя Ахмадом ибн Абдуллохом Тахири, читал проповеди и чеканил монеты от имени Мухаммада ибн Тахира. Однако с расширением своего влияния он исключил имя Тахирида из проповедей и чеканил монеты от своего имени. Несомненно, подобные действия привели к расширению спора между претендентами на власть в Хорасане и, наконец, к убийству Худжустони.

***Ключевые слова***: *Хорасан, Тахириды, Саффариды, Нишапур, Мухаммад ибн Тахир, Я'куб Лайс, Амр ибн Лайс, Ахмад ибн Абдуллахи Худжустани, Абуталха, Герат, Гурган, Табаристан.*

## AHMAD IBN ABDULLAH KHUJUSTONI – THE RISE AND FALL OF HIS POWER IN KHORASAN

During the Tahirids reign, Khorasan was relatively peaceful. Nishapur by Yakub Lais made the cities of Khorasan unsafe for some time in fall of this state and the capture. The emergence of new claimants to the throne, each of whom presented himself as a representative of the Tahirid state, was

only in order to gain power and inherit the Government of Tahirid.

One of the influential persons of Khorasan during the reign of the last Tahirid emir, Muhammad ibn Tahir was Ahmad ibn Abdullah Khujustoni. After Tahirid state fall, he went into the service of Yakub ibn Lays. When Yakub left Nishapur for Sistan, Ahmad ibn Abdullah Khujustoni presented himself as the Tahirid governor and began fighting his rivals to expand his influence in Khurasan.

The conflicts Khujustoni's continuous with Amr ibn Lays' supporter Abutalhi and the mediation of Hussein ibn Tahir, who was the last envoi of the Tahir dynasty, created a chaotic and disorderly situation in Khorasan. Each of the contenders for the Tahirid state made many efforts to attract the attention of the inhabitants of Khorasan, especially the Nishapurians. The good memory undoubtedly of the history of Tahirid rule in Khorasan gave rise to similar claims on the part of Khujustoni. To attract the attention of the people of Khorasan, Khujustoni called himself Ahmad ibn Abdulloh Tahiri, preached sermons and minted coins in the name of Muhammad ibn Tahir. However, as his influence expanded, he removed Tahirid's name from his sermons and minted coins in his own name. Undoubtedly, such actions led to the expansion of the dispute between contenders for power in Khorasan and, finally, to the murder of Khujustoni.

***Key words:*** *Khurasan, Tahirids, Saffarids, Nishapur, Muhammad ibn Tahir, Yakub Lais, Amr ibn Lais, Ahmad ibn Abdullahi Khujustani, Abutalha, Herat, Gurgon, Tabaristan.*

**Сведения об авторе: Хамза Камол (Камолов Хамзахон Шарифович)** – Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониш НАНТ, доктор исторических наук, профессор, заведующий отделом древней, средневековой и новой истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел: (+992) 93-421-28-44. E-mail: hamza_Kamol@mail.ru.

**About the author: Khamza Kamol (Kamolov Khamzakhon Sharifovich)** – A. Donish Institute of History, Archeology and Ethnography NAST, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of Ancient, Medieval and Modern History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Тел: (+992) 93-421-28-44. E-mail: hamza_Kamol@mail.ru

**УДК: 82-3:911(55)"4/9"**

# АВЕСТИЙСКАЯ ГЕОГРАФИЯ В «ШАХНАМЕ»

**Ходжаева Н. Дж.,[1]**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ**

В древности и средневековье границы между различными историко-культурными областями в основном определялись по рекам, горам, морям и озерам. Некоторые элементы ландшафта становились ориентирами для обозначения прохождения естественной границы на местности на многие столетия. Наглядным примером сказанному служит «Авеста» – священная книга зороастризма, религии, которую исповедовали древние иранские народы, в том числе и предки таджиков. В «Авесте» с названиями основных оронимов и гидронимов связывались и исторические события древности, и естественные границы между различными племенными союзами (древние части «Авесты», а позже государственными образованиями и областями (поздние части «Авесты»).

«Авеста» – древнейший и важнейший письменный памятник древности, восходящий отдельными частями ко второй половине II тыс. до н.э. [26, 162-166; 27, 80; 17, 44-

[1] **Статья написана на основе проекта «История таджикского народа» (III век – начало XX века) государственный регистрационный номер 0121TJ1211.**

45;19, 451-519]. Она сохранила сведения по истории, культуре и мифологии иранских народов. Для нас важно, что в этом источнике отображена и география. Помимо названий стран и городов в нем упоминаются племена и народности, а также указаны названия гор, рек, морей и озер.

Заметим, что дошедшие до нас части «Авесты» не дают полной картины окружающего мира древних обитателей Центральной Азии. Поэтому в ряде случаев приходится использовать сведения более поздних зороастрийских источников (пехлевийская литература) и эпических произведений. Одним из них является «Шахname» («Книга царей») Абулкасима Фирдауси [9]. Предания о легендарных царях, а также о борьбе между иранцами и туранцами, отраженные в «Авесте», получают художественное развитие и достигают финала в этом всемирно известном литературном памятнике. Несмотря на то, что «Шахname» – художественное произведение, для исследования древней истории и исторической географии Центральной Азии в доисламский период оно представляет особый интерес, так как в нем в поэтической форме излагается история Ирана с древнейших времен до арабского завоевания. Ценность поэмы заключается в том, что она содержит информацию о реальных исторических событиях, которые описываются в «Авесте». Идейным стержнем эпопеи является борьба добра и зла, вначале в форме борьбы Ахура-Мазды с Ахриманом, затем – Ирана с Тураном. Автор произведения, прославляя родную страну, призывает к объединению всех сил добра для отражения иноземных захватчиков, тем самым повторив сюжет «Авесты». Поэтому «Шахname», как и «Авеста», и пехлевийские источники, является важным источником не только по истории, истории культуры, но и исторической географии Центральной Азии в доисламский период.

Следует особо подчеркнуть, что утерянные фрагменты «Авесты», в которых упоминались географические объекты, восполнены «Шахname». Благодаря этому литературному памятнику удалось локализовать некоторые историко-культурные области и отождествить несколько оронимов и гидронимов.

В «Авесте» центральное место среди мифов занимает мифический цикл, состоящий из сказаний о вечной борьбе арийцев (иранцы) и туранцев (саки), которые являются восточноиранскими кочевыми племенами [22, 155-157; 24, 250 и сл.; 1, 23-56]. В источнике говорится:

«Владыки стран взывают,
К нему, идя на битву.
Против рядов сомкнутых,
Войск вражьих кровожадных.
Меж двух враждебных стран»,
(«Михр-яшт» 10.8) [TITUSTEXT; Авеста в русских].

Борьба в «Авесте» между земледельцами – иранцами и кочевниками – скотоводами туранцами отразила этническую ситуацию в Центральной Азии на рубеже II-I тыс. до н.э. В эпоху бронзы территория Центральной Азии являлась ареной постоянных межплеменных контактов и миграций, в это время происходит зарождение этнических образований, что в принципе и зафиксировано в «Авесте», о чем свидетельствует приведенный отрывок из источника. Контакты эти отмечены в многочисленных фрагментах «Авесты», описывающих борьбу арийцев и туранцев, которые поклонялись одним и тем же богам – Ардвисуре Анахите - Arəduu-sūrā Anāhitā и Аши-Aṣ̌ī.

В «Фравардин-яште» «Авесты», упоминаются страны арьев-airiia-, туров – tū̆ra-, tūiriia-, сайрима-sairima-, саэна-sāinu-, sāini- и дахов – dāhī-, då̊ŋha- («Яшт» 13. 143-144).

Скорее всего, упомянутые страны названы в честь сыновей Траэтаоны-θraētaona (ср.-перс. Фретон, фарси Феридун): области арья, турья, сайрима. Траэтаона известен как победитель чудовища Ажи Дахаки-aži-dahāka (ср.-перс. Аждахак, фарси Заххак, тадж. Аждахор) – («Яшт» 14.40; 19.37; «Ясна» 9.8). Рассказ о разделе царских владений Траэтоны между сыновьями повествуется в утраченном «Чихрдад-наске» «Авесты». Сведения из утерянных частей «Авесты восполняются зороастрийскими источниками (пехлевийская литература) и «Шахнаме». Так, согласно зороастрийской традиции, уничтожив Аждахака, Феридун сохранил Хванирату-x$^v$aniraθa – центральный Каршвар для трех своих сыновей («Денкарт» VII. I.26) [7; 26]. В «Шахнаме» говорится, что, покончив с Зохаком, Феридун отомстил за гибель отца и вернул народ к мирной жизни [10, 78-81]. У Феридуна было три сына: старшие – Сайрима-sairima и Тура-tūra-, и младший – Арья-airiia («Bd» 31.9; Dk. VII. I.126) [20; 9]. Об этом упоминается также и в «Шахнаме» [10, 99].

Следует отметить о том, что Траэтаона-Феридун разделил свое царство между тремя сыновьями засвидетельствовано только в «Шахнаме». Так, согласно поэме, Запад достался Сельму (авест. Сайрима), Чин (Китай) и Туран – Туру, и Иран – Иреджу (авест. Арья) [10, 99-110]. В «Шахнаме» отмечено также, что старшие братья затаили злобу на младшего, так как ему достались самые лучшие земли, а им – далекие окраинные. Сельм и Тур решили пойти с войной на Иреджа. Узнав о намерении братьев, Иредж сам пришел в воинский стан братьев с готовностью отдать им свой трон. Тур, терзаемый ненавистью и злобой к Иреджу, обезглавил его. Это убийство и стало причиной многовекой вражды Ирана и Турана [10, 99-115], что в принципе и объясняет причину «битв войск вражьих двух враждебных стран» (арийских и туранских), о чем свидетельствуют отрывки из «Авесты» («Яшт» 10.8,47-48; 14.48,53). Это говорит о том, что и те, и другие были выходцами из одной родовой семьи. Об этом пишут также Р. Фрай [13, 67] и Э. Башири [4, 166]. Р. Фрай заметил также, что все туранские имена, приведенные в «Шахнаме», – арийского происхождения и имеют аналогию в персидском языке [13, 68].

В «Авесте» отмечены многочисленные упоминания гидронимов и оронимов, с которыми связаны исторические события, отражающие борьбу арийцев и туранцев. События эти описываются в контексте молитв и жертвоприношений. Их локализация играет важную роль в определении территории контактов арийцев и туранцев. При отождествлении некоторых из них мы обращались к «Шахнаме».

Из десяти упомянутых в «Авесте» представителей династии Кеянидов, которых мы относим к арийцам, в контексте с географическими названиями связаны имена только трех царей – Кави Усан – kauuiusan – («Яшт» 5.45; 19.2), Кави-Хаосрава-kauuihaosravah – (5.49; 17.38, 41) и Кави-Виштаспа-kauuivītātāspa – (5.108, 17.49, 61). Они приносят жертвоприношения богине Ардвисуре. Так, Кави-Усан (ср.-перс. Кей Ус, перс. Кей Кавус) – старший сын Апивохи, второго царя династии Кеянидов просит Ардви-Суру дать ему власть над тиранами («Яшт» 5.46), под которыми мы подразумеваем туров. Кави-Усан отражал набеги тура Франхрасьяна-fraŋrasiian- (ср. -перс. Фрасийак Тур, фарси Афрасиаб). Это был злой туранец, созданный самим Ангра Майнью-Aŋramainiiu (среднеперс. Ахриман) как бич для арийских земель (Bd.34.7). Уже при КавеУсане Иран и Туран спорили о границах – где чья земля (Dk. VII. 2.62-66; IX. 22.11). В результате он получает «власть над семью каршварами и сделался весьма прославленным и преисполненным величия» (Dk. VII. I.35). «Шахнаме» повторяет авестийскую и пехлевийскую традицию повествования о Кави Усане [10, 442-456].

14. Мукимов Р.С. История и теория таджикского градостроительства /Под редакцией академика Н.Н. Негматова. – Душанбе: ООО «Контраст», 2009. – 560 с., 297.
15. Мукимова С. Архитектура научных центров Востока. – Душанбе: «Литрес», 2022. - С. 5-6 (65 с.). ISBN: 9785005619822 (Правообладатель: Издательские решения).

16. Негматов Н.Н. Ходжент. Основные этапы истории//Исследования по истории и культуре Ленинабада. – Душанбе: Дониш, - 1986. - С. 3-15.

17. Прибыткова А.М. Архитектура Средней Азии XI-XII вв//МИА, в 12-ти томах. - Том 8. – М.: Стройиздат, - 1969. - 491 с.

18. Пугаченкова Г.А. Пути развития архитектуры Южного Туркменистана поры рабовладения и феодализма. – М.: АН СССР, - 1958. – 490 с.

19. Ставиский Б.Я. Кушанская Бактрия. Проблемы истории и культуры. – М.: Наука, - 1977. -296 с.

20. Султанов Х.Т. К истории формирования архитектурных ансамблей Шахрисабза XIV-XV вв. -Автореф. дис. канд. истор. наук. – Самарканд, - 1990. – 24 с.

21. Толстов С.П. Древний Хорезм. – М.: МГУ им. М. Ломоносова, 1948. - 352 с., ил.

22. Хмельницкий С. Между арабами и тюрками. – Рига: Изд. «Гамаджун», 1992. –340 с., ил.

23. Хмельницкий С.Г. Между Саманидами и монголами. Архитектура Средней Азии XI-начала XIII вв. - Часть 1. – Берлин-Рига: Изд. «GAMAJUN», 1996. – 336 с.

24. Юсуф Ибиш. Содружество мастеров//Курьер ЮНЕСКО. – Январь. -1978. - С.12-16.

25. Якубовский А.Ю. Торговля с московским государством и международное положение в Средней Азии в XVI-XVII вв//Материалы по истории народов СССР. – Вып. 3. – Ч.2. – Л., 1932. – С. 32–33.

25. Karev Yury. Qarakhanid wall paintings in the citadel of Samarqand: first report and preliminary observations in Muqarnas. Annual on the visiual culture of the Islamic world. Editor Gutru Necipoglu. Volume 22. Leiden-Brill, - 2005, p.46-83.

## ГОРОДА МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА В XI – НАЧАЛЕ XIII ВВ

В статье рассматриваются вопросы развития городских поселений на территории Центральной Азии в XI - начале XIII вв. Основное внимание уделено городам на терри-тории Мавераннахра и Хорасана. Также приводятся данные по городам на территории Таджикистана. Раскрывается социально-экономические и культурные особенности формирования городов. Приводятся данные о благоустройстве, численности населения, водоснабжении и озеленении Мерва, Самарканда, Бухары, Ахсикента, Худжанда и др.

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, город, архитектура, Худжанд, Мерв, благоустройство, озеленение, водоснабжение, каризная система орошения.*

## ШАҲРҲОИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРИ XI - АВВАЛИ АСРИ XIII

Дар мақола рушди шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XI - ибтидои асри XIII баррасӣ гадида, таваҷҷуҳи асосӣ ба шаҳрҳои худуди Мовароуннаҳр ва Хуросон дода мешавад. Маълумот дар бораи шаҳрҳои имрӯзаи Тоҷикистон низ оварда шуда, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании ташаккули шаҳрҳо ошкор гардидаанд. Дар бораи ободонӣ, аҳолӣ, таъмин бо об ва сарсабзгардонии ноҳияҳои шаҳрҳои Марв, Самарқанд, Бухоро, Ахсикент, Хуҷанд ва ғайраҳо маълумот оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** *Осиёи Миёна, шаҳр, меъморӣ, Хуҷанд, Марв, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ, системаи обёрии корез.*

## CITIES OF MAVERANNAHR AND KHOROSON IN THE XI – EARLY XIII CENTURIES

The article discusses the development of urban settlements in Central Asia in the 11th - early 13th centuries. The main attention is paid to the cities on the territory of Maverannahr and Khoroson. Data is also provided for cities in Tajikistan. The socio-economic and cultural features of the formation of cities are revealed. Data is provided on the improvement, population, water supply and landscaping of the areas of Merv, Samarkand, Bukhara, Akhsikent, Khujand, etc.

**Key words:** *Central Asia, city, architecture, Khujand, Merv, landscaping, water supply, cornice irrigation system.*

**Сведения об авторе: Мукимов Рустам Саматович -** доктор архитектуры, профессор, старший научный сотрудник Отдела древней, средневекой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониш НАНТ. E-mail. ru: mukimovr@mail.ru Телефон мобильный: (+992) 907-77-18-02.

**Information about the author: Mukimov Rustam Samatovich,** Doctor of Architecture, Professor, Senior Researcher at the Department of Ancient, Medieval, and Modern History, Institute of History, Archeology, and Ethnography, A. Donish NANT. E-mail: mukimovr@mail.ru, Mobile phone: (+992) 907-77-18-02.

**УДК: 94(55):355.02(571.1)**

# ШИДДАТЁБИИ МУБОРИЗА БАЙНИ ҲОКИМОНИ ДАВЛАТИ САРБАДОРОНИ ХУРОСОН ВА ЗАВОЛИ ОН

**Абдуқаххор САИДОВ[1],**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Дар нимаи аввали асри XIV дар вилоятҳои Хуросон, аз он ҷумла, дар шаҳри Сабзавор, зулму истибдоди истилогарони муғул ва ҳокимони маҳаллӣ нисбат ба мардум беандоза афзун гардид ва соли 1337 мардуми ҷабрдида бо даъвати шайхони шиамазҳаб дар Сабзавор исён бардоштанд, ки он на бар зидди аҳли тасаннун, балки бар зидди зулму истибдоди муғулон ва ҳокимони маҳаллӣ равона гардида буд.

Дар натиҷа Сарбадорони Хуросон давлати худро таъсис дода, иқтидори худро мустаҳкам намуданд ва бар зиди лашкари муғул мубориза бурда, шаҳрҳои зиёдеро зери тасарруфи худ даровარданд.

Солҳои минбаъда байни ҳокимони давлати Сарбадорон барои ҳокимият муборизаҳои дохилӣ шиддат ёфт. Соли 753 ҳ.қ./1352-1353 баъди кашмакашиҳои бардавом ҳокими давлати Сарбадорон Хоҷа Шамсуддини Алӣ аз дасти мулозими худ Ҳайдари Қассоб кушта шуд ва бо дастгирии Ҳайдари Қассоб яке аз наздикони ӯ Хоҷа Яҳёи Карробӣ тахти давлати Сарбадорони Хуросонро соҳиб гашт. Ӯ Ҳайдари Қассобро сипаҳсолори худ таъйин намуда, барои таҳкими қудрати давлати Сарбадорон кӯшиши зиёд ба харҷ дод.

Хони муғул Тағотемурхон аз қудрати афзояндаи Сарбадорон дар ҳарос афтода, хост ӯро аз миён бардорад. Бо ин мақсад ӯ ба Хоҷа Яҳёи Карробӣ, ки дар Сабзавор буд, нома фиристода, ӯро ба урдуи худ даъват намуд. Хоҷа Яҳёи Карробӣ аз мақсади нопоки ӯ пай бурда, нахуст даъвати ӯро қабул накард, вале баъдтар даъвати ӯро пазируфта, дар охири соли 753 ҳ.к/1353 бо сесад марди баҳодур ба назди Тағотемурхон ба Мозандарон рафт.

Дар он ҷо се рӯз ҷашн ташкил намуданд ва дар охири рӯзи сеюм Ҳофизи Шағонӣ, Муҳаммад Ҳабаш ва дигарон аз ҷумлаи Сарбадорон гуфтанд, ки мо ҳанӯз аҳду паймон накардаем ва дар вақти муносиб метавонем, ки Тағотемурхонро дафъ намоем. Тағотемурхон низ мақсад дошт, ки пас аз анҷоми ҷашн намояндагони Сарбадоронро аз миён бардорад. Хоҷа Яҳёи Карробӣ ба наздикони худ гуфт, ки ҳар гоҳ ман даст ба сар ниҳам, шумо ба иҷрои ин кор шуруъ намоед.

Пас аз ишораи ӯ Ҳофизи Шағонӣ зарбае ба сари Тағотемурхон зад ва ӯ ҳалок гардид. Сипоҳиён ва писарони Тағотемурхон саросемавор ба ҳар тараф фирор намуданд. Ба муғулҳо зарбаи қатъӣ расонда шуд ва қисме аз онҳо кушта шуда, қисми дигар аз тарсу ҳарос ба ҳар тараф пароканда гардиданд. Сарбадорон амволи зиёдеро соҳиб гашта, ба

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (асри III - аввали асри XX), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1211 навишта шудааст.**

Сабзавор баргаштанд [2, 252-253, 3, 282-283, 4, 798-799, 6, 618-619, 9, 949, 10, 364, 11, 474]. Ғалабаи Сарбадорон бар муғулҳо пояи давлатдории онҳоро заиф намуда, ба Сарбадорон имконият фароҳам овард, ки шаҳру вилоятҳои зери нуфузи муғулҳоро ба тасарруфи худ дароранд.

Фасеҳи Хавофӣ менависад, ки Сарбадорон пас аз қатли Тағотемурхон шаҳрҳои Астаробод, Шасфон, Бастом, Домғон, Симнон, Хавор ва Тобаронро зери фармони худ оварданд [8, 949]. Тибқи ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ вилоятҳои Машҳад ва Тӯс, ки қаблан аз тасарруфи Сарбадорон берун шуда, харобу валангор гашта буданд, боз ба қаламрави Сарбадорон баргардонда шуда, Хоҷа Яҳёи Карробӣ ба ободонии онҳо даст зада, барои барқарор сохтани соҳаи кишоварзӣ ҷӯйҳои вайронаро аз нав барқарор намуд. Дар замони ҳукмронии Хоҷа Яҳёи Карробӣ шумораи шахсони ҳарбие, ки аз давлат маош мегирифтанд ба 22 ҳазор нафар мерасид [5, 273-274].

Ба қавли И.П. Петрушевский яке аз хизматҳои таърихии Сарбадорон ин аз байн бардоштани боқимондаҳои давлати муғулии элхониҳои ҳулогуӣ буд, ки он дар замони ҳукмронии Хоҷа Яҳёи Карробӣ амалӣ гашт [8, 453].

Тибқи ахбори Ҳофизи Абрӯ [2, 282] ва Мирхонд [6, 620] соли 1355 Хоҷа Яҳёи Карробӣ аз дасти бародари ҳамсараш, ки Алоуддин ном дошт, кушта шуд [2, 281-282, 6, 620].

Ба қавли Шабонкораӣ Хоҷа Яҳёи Карробӣ 13 моҳи ҷумодиу-л-охари соли 757 ҳ.қ. /13 июни соли 1356 ба қатл расид [11, 349]. Дар ин маврид соли зикрнамудаи Шабонкораӣ нисбат ба ахбори Ҳофизи Абрӯ ва Мирхонд саҳеҳтар буда, ба воқеаҳои таърихӣ мувофиқат менамояд.

Бояд қайд кард, ки И.П. Петрушевский низ ҳангоми нишон додани соли қатли Хоҷа Яҳё ба ахбори Шабонкораӣ ишора намуда, ба иштибоҳ роҳ додааст. Ӯ ба ҷои 13 ҷумодиу-л-охари соли 757 ҳ.қ/13 июни соли 1356 3 ҷумодиу-л-охари соли 757 ҳ.қ. /3 июни соли 1356 овардааст, ки иштибоҳ аст [8, 456, тавзеҳоти 1].

Ҳайдари Қассоб, ки ҳангоми рӯй додани ин воқеаҳо дар Султонмайдони Астаробод буд, хабари марги Хоҷа Яҳёи Карробиро шунида, роҳи Сабзаворро пеш гирифт. Онҳое, ки дар куштани Хоҷа Яҳёи Карробӣ даст доштанд, аз тарс дар қалъаи Шағон паноҳ burданд ва оқибат қалъаро оташ зада, онҳоро аз миён бардоштанд [6, 620, 10, 364]. Пас аз ин ба Сарбадорон имконият фароҳам омад, ки охирин мулкҳои боқимондаи муғулҳои элхониро, ки муҳимтарини онҳо вилояти васеи Гургон буда, то Тӯсу Машҳад тӯл мекашид, бе мушкилии зиёд ба даст оваранд [8, 455].

Пас аз чанд рӯзи қатли Хоҷа Яҳёи Карробӣ ба иттифоқи Ҳайдари Қассоб ҳокимияти Сарбадоронро Заҳируддини Карробӣ соҳиб гашт. Ба қавли муаллифи «Таърихи Сарбадорон» Заҳируддини Карробӣ бародари Хоҷа Яҳё буд [6, 620], вале Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ менависанд, ки Заҳируддини Карробӣ хоҳарзодаи Хоҷа Яҳё ба шумор мерафт [2, 282, 3, 304]. Тибқи ахбори Фасеҳи Хавофӣ Заҳируддини Карробӣ соли 759 ҳ.қ. / 1357-1358 ба ҷойи бародараш соҳиби тахт гардид [9, 954].

Заҳируддини Карробӣ ба корҳои идории мамлакат мудохила намекард ва бештари умури давлат дар дасти Ҳайдари Қассоб буд [5, 274, 6, 621, 1, 474]. Дар замони ҳукмронии Заҳируддини Карробӣ давлати Сарбадорон рӯ ба таназзул овард. Ҳайдари Қассоб дар ин кор Карробиро гунаҳкор дониста, ӯро аз ҳукумат дур сохт [5, 274] ва худаш соҳиби тахт гардид. Ба қавли Ҳофизи Абрӯ, Абдурразоқи Самарқандӣ, Мирхонд ва Хондамир Заҳируддини Карробӣ ҳамагӣ чил рӯз ҳукумат кард [2, 282, 3, 304, 6, 621, 10, 365]. Шабонкораӣ менависад, ки Заҳируддини Карробӣ моҳи шавволи 757 ҳ.қ. / октябри соли 1356 аз мансаб сабукдӯш гардид ва дар охири зулқаъдаи соли 757 / ноябри соли 1356 ба

қатл расид [11, 349].

Замони ба сари қудрат омадани Ҳайдари Қассоб амаки ӯ Хоҷа Насруллоҳи Боштинӣ, ки атобаки Лутфуллоҳ ибни Ваҷеҳуддини Масъуд буд, дар Исфароин исён бардошт. Ҳайдари Қассоб роҳи Исфароинро пеш гирифт ва Лутфуллоҳ бо ҳамроҳии Хоҷа Насруллоҳ дар қалъаи Исфароин пинҳон гардиданд. Ҳайдари Қассоб қалъаро ба муҳосира гирифт, вале яке аз бузургони Сарбадорон Ҳасани Домғонӣ ба ғуломи худ Қутлуқ Буқо амр дод, ки Ҳайдари Қассобро ба қатл расонад. Ин воқеа моҳи рабеъу-л-охари соли 761 ҳ.қ./феврал-марти соли 1360 рӯй дода буд ва Ҳайдари Қассоб ҳамагӣ чор моҳ ҳукумат кард [2, 282, 6, 621, 10, 365, 4, 800].

Пас аз қатли Ҳайдари Қассоб ҷонибдорони Хоҷа Насруллоҳ ва Лутфуллоҳ ҳардуро ба Сабзавор оварданд. Бо машварати Ҳасани Домғонӣ тахти Сарбадоронро Лутфуллоҳ соҳиб гашт [10, 365]. Пас аз чанде миёни Лутфуллоҳ ва Ҳасани Домғонӣ муносибатҳо сард шуд ва Ҳасани Домғонӣ Лутфуллоҳро ҳабс намуда, ба Дастҷурдон фиристода, амр дод, ки ӯро ба қатл расонанд [5, 276, 6, 621-622].

Дар замони давлатдории Ҳасани Домғонӣ дарвешони тоифаи Шайх Ҳасани Ҷӯрӣ, ки Дарвеши Азиз яке аз онҳо буд ва қаблан фитна бардошта, аз бими яке аз ҳокимони Сарбадор ба Ироқ рафт, сипас ба Машҳад баргашт. Ӯ дар он ҷо ба тоату ибодат машғул гардида, мардуми зиёдеро дар атрофи худ ҷамъ оварда, пас бар зидди Ҳасани Домғонӣ исён бардошта, қалъаи Тӯсро ишғол намуд. Баъди шаш моҳ Ҳасани Домғонӣ ба Тӯс рафта, қалъаро ба муҳосира гирифт ва Дарвеши Азизро дастгир намуда, сипас ӯро ба Исфаҳон фиристод [5, 276, 6, 622, 10, 365, 1, 475, 4, 801].

Гуфтаҳои фавқуззикр аз он далолат менамоянд, дар ин замон дар давлати Сарбадорон зиддиятҳои дохилӣ ниҳоят тезу тунд гашта, дар баъзе гӯшаву канори мамлакат бар зидди ҳокимони муғул ва маҳаллӣ исёнҳо сар мезаданд. Аз ҷумла, дар Тӯс ҳаракати оммавии мардум бар зидди ҳокимон бо сардори Дарвеши Азиз ба амал омад, ки он миқёси васеъро фаро гирифта, он танҳо пас аз шаш моҳ аз ҷониби Ҳасани Домғонӣ пахш гардид.

Дар ин муддат бодиянишинони муғулу турк бо сардории Амир Валӣ, ки яке аз амирони Тағотемурхони элхонӣ буд, дар Гургон исён бардоштанд. Баъди марги Тағотемурхон Амир Валӣ ба Нишопур рафта, хоҳари ҳокими ин шаҳрро ба никоҳи худ даровард. Амин Валӣ овозаи заиф гардидани қудрати Сарбадорон ва поин рафтани обрӯву эътибори ҳокими онро шунида, озими Астаробод шуд. Ҳокими Астаробод, ки аз дастпарварони Ҳасани Домғонӣ буд, бо панҷсад сипоҳи савора бар зидди Амир Валӣ бархест. Амир Валӣ Сарбадоронро мағлуб сохта, аксари онҳоро ба қатл расонд. Овозаи мағлубияти Сарбадорон дар гӯшаву канори мамлакат паҳн гардид ва тарафдорони хонадони Тағотемурхон, ки дар замони ҳокимияти Сарбадорҳо дар гӯшаву канор пинҳон шуда буданд, зери парчами Амир Валӣ ҷамъ омаданд. Абубакри Шосмонӣ, ки аз ҷониби Ҳасани Домғонӣ дар Шосмон ҳоким таъйин гашта буд, бо сипоҳи duҳазораи савору пиёдаи Сарбадорон бар зидди Амир Валӣ бархест, вале дар набард мағлуб гардида, ба Сабзавор баргашт. Ҳасани Домғонӣ 5000 марди шамшерзанро ба ӯ ҳамроҳ намуд ва Абубакри Шосмонӣ бори дигар озими Астаробод гардид. Дар соҳили дарёи Гургон байни онҳо набард сар зад, ки дар он Сарбадорон мағлуб гардида, Абубакри Шосмонӣ ба қатл расида, мардуми зиёде аз аҳли Сабзавор кушта гардид. Амир Валӣ мавқеи худро дар Астаробод мустаҳкам намуда, батадриҷ Бастом, Домғон, Симнон ва Фирӯзкӯҳро зери тасарруфи худ овард ва то замони расидани Темурланг дар он минтақа ҳукумат мекард [2, 314-316, 10, 366-367]. Ин воқеаҳо аз он шаҳодат медоданд, ки дар ин солҳо қудрати Сарбадорон коҳиш ёфта, бисёр шаҳру вилоятҳои муҳим аз тасарруфи онҳо берун гашта

буданд.

Дар ин давра Хоҷа Алии Муайиди Сабзаворӣ дар Домғон хуруҷ кард ва амир Насруллоҳро, ки гумоштаи Ҳасани Домғонӣ буд, аз шаҳр берун сохт. Пас, Маҳмуд Ризо, ки яке аз наздикони Хоҷа Алии Муайид буд, бо амри ӯ ба Исфаҳон рафта, Дарвеши Азизро ба Домғон овард. Хоҷа Алии Муайид дасти иродат ба Дарвеши Азиз дод ва мардуми зиёде дар он ҳудуд ба хидмати ӯ ҷамъ омаданд. Дар ин асно дар қалъаи Шағон гурӯҳе бар зидди Ҳасани Домғонӣ бархестанд. Ҳасани Домғонӣ Сабзаворро бе мудофеин гузошта, ба дафъи душман машғул гардид [6, 622-623, 10, 365]. Хоҷа Алии Муайид ва Дарвеши Азиз аз ин фурсат истифода буда, бо ҳазор нафар ба он сӯи Сабзавор ҳаракат карданд ва бе мушкилӣ вориди шаҳр гашта, ба тороҷи дороии раъият ва сипоҳиён машғул шуданд [6, 623]. Онҳо Юсуфи Симнониро, ки вазири Ҳасани Домғонӣ буд, ба қасоси амир Лутфуллоҳ ба қатл расонданд [5, 277, 6, 623, 10, 365]. Ҳасани Домғонӣ ин хабарро шунида, ба ғайр аз итоат ҷораи дигаре надид ва ба хаёли муридии Дарвеши Азиз ва навкари Хоҷа Алии Муайид шудан озими Сабзавор шуд. Хоҷа Алии Муайид ба сардорони сипоҳӣ мактуб навишт, ки аввал Ҳасани Домғониро кушта, пас ба Сабзавор баргарданд. Чун аҳлу аёли он мардум дар Сабзавор буданд, ба сухани ӯ мухолифат карда натавонистанд. Ҳасани Домғониро аз асп пиёда намуда, сарашро аз тан ҷудо карданд ва ба Сабзавор фиристоданд [5, 277-278, 6, 623, 10, 365]. Ин ҳодиса соли 766 ҳ.қ. /1364-1365 рӯй дода буд [5, 278]. Замони ҳукумати Паҳлавон Ҳасани Домғонӣ чор солу чор моҳ давом кард [6, 623].

Ҳамин тариқ, ҳокимияти Сарбадорон ба дасти Хоҷа Алии Муайид ва Дарвеши Азиз гузашт. Хоҷа Алии Муайид сардори сиёсӣ ва Дарвеши Азиз пешвои руҳонӣ ба шумор мерафтанд.

Пас аз нуҳ моҳи ҳукуматдории муштарак Дарвеши Азиз ба Хоҷа Алии Муайид арз намуд, ки меҳоҳад аз малик Ҳусайни Курт интиқом гирад ва Хоҷа Алии Муайид ба ин розигӣ дод. Дарвеши Азиз бо лашкари худ ба Нишопур омад ва ба Хоҷа Алии Муайид фармуд, ки ӯ сипоҳи худро аз қафои ӯ фиристад, то дар он ҷо ҷамъ шаванд. Вақте ки Дарвеши Азиз ба Нишопур омада, дар он ҷо қарор гирифт, Хоҷа Алии Муайид фикри худро дигар карда, ба сарони лашкар мактуб фиристод, ки Дарвеши Алиро бо дарвешонаш танҳо гузошта, ба Сабзавор баргарданд. Сарлашкарон Дарвеши Азизро ба ҳоли худ гузошта, ба Сабзавор баргаштанд. Дарвеши Азиз бо муридони худ, ки қариб чорсад нафар буданд, озими Ироқ гардид. Хоҷа Алии Муайид инро шунида, ба воҳима афтод ва барои қатли Дарвеши Азиз ҷонибдорони худ Исо туркман ва Сияҳшерро бо ду ҳазор Сарбадорон ба дунболи ӯ фиристод. Оқибат лашкари Сарбадорон Дарвеши Азизро қариб бо 70 нафар муридонаш ба қатл расонда, сари ӯро ба Сабзавор оварда, дар дарвозаи шаҳр овезон намуданд [6, 624]. Тибқи ахбори Фасеҳи Хавофӣ Дарвеши Азиз рӯзи 18 рабеъу-л-аввали соли 764 ҳ.қ. / 5 январи соли 1363 ба қатл расид [9, 959].

Хоҷа Алии Муайид пас аз саркӯб намудани пайравони тоифаи дарвешон дар ҳукумат мустақил гашт. Аксари мулозимони ӯ ба шаробнӯшиву базморой машғул буданд. Дар давлати Сарбадорон мазҳаби шиа аз ибтидои таъсиси он мазҳаби ҳукмрон ба шумор мерафт ва Хоҷа Алии Муайид низ пайрави ин мазҳаб буд. Ӯ баъди аз миён бардоштани Дарвеши Азиз ба азобу шиканҷаи дарвешони Шайх Ҳасани Ҷӯрӣ даст зада, ҳукм баровард, ки мардум ба ҳар ду шайх лаънат гӯянд [6, 624]. Ӯ фаъолияти тоифаи дарвешони Шайх Халифа ва Шайх Ҳасани Ҷӯриро манъ карда, амр дод, ки мақбараи Шайх Халифа ва Шайх Ҳасанро, ки дар Сабзавор ба зиёратгоҳи мардум табдил ёфта буданд, хароб намуда, ба партовгоҳи бозор табдил диҳанд [5, 378, 6, 624, 4, 803-804].

Давлатшоҳи Самарқандӣ аз ҷумла, менависад, ки Хоҷа Алии Муайид ҳуку-матро

мустақил гардонида, корҳои мамлакатро ба низом даровард ва раъиятро ба сӯйи худ ҷалб намуд. Ӯ ба номи худ сикка зада, хутба фармуда, ба мардум баъзе сабукиҳо дод [5, 378]. Аз гуфтаҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ бармеояд, ки Хоҷа Алии Муайид пас аз саркӯб намудани тоифаи дарвешони Шайх Ҳасани Ҷӯрӣ аз ғазаби мардум дар ҳарос буд ва барои ором намудани мардум маҷбур шуд, ки якчанд гузаштҳо намояд.

Ин тадбирҳои андешидаи Хоҷа Алии Муайид ба ӯ имконияти пурра надоданд, ки тамоми халқ ба ҷонибдории ӯ бархеста, ӯро дастгирӣ намоянд. Дар муборизаҳои минбаъда ӯ қудрати кофӣ надошт.

Соли 777 ҳ.қ. /1375-1376 малики Ҳирот Ғиёсуддин Пиралӣ шаҳри Нишопурро, ки дохили қаламрави Хоҷа Алии Муайид буд, забт намуда, идораи онро ба Искандари Шайхӣ, писари Афросиёби Ҷулобӣ дод. Соли 778 ҳ.қ./ 1376-1377 Дарвеш Рукниддин, ки аз ҷумлаи муридони Шайх Ҳасани Ҷӯрӣ ва Дарвеши Азиз буд, ба Форс рафта, аз Шоҳшуҷоъ мадад хост ва бо лашкари сершумор вориди Хуросон гашт. Искандари Шайхӣ ба ӯ ҳамроҳ гашта, дасти иродат дод ва онҳо озими Сабзавор гаштанд. Хоҷа Алии Муайид, ки қудрати муқовимат надошт, Сабзаворро тарк намуда, ба сӯйи Мозандарон фирор намуд. Дарвеш Рукниддин дар Сабзавор қарор гирифт ва мардуми зиёде дар атрофи ӯ ҷамъ омаданд. Соли 779 ҳ.қ. /1377-1378 дар масҷиди ҷомеи Сабзавор ба номи Дарвеш Рукниддин хутба хонда шуд [2, 515-516, 10, 366]. Ин ҳодисаҳо аз он далолат мекарданд, ки аз сабаби муносибати душманонаи Хоҷа Алии Муайид нисбат ба тоифаи дарвешони Шайх Халифа ва Шайх Ҳасани Ҷӯрӣ мардум дигар Хоҷа Алии Муайидро дар мубориза бар зидди душманон дастгирӣ намекарданд. Дар натиҷа шаҳру вилоятҳои зиёде аз зери тасарруфи Сарбадорон берун гардиданд.

Соли 780 ҳ.қ. / 1378-1379 Амир Валӣ, ки пас аз қатли Тағотемурхон дар Мозандарон ҳукмфармоӣ мекард, ба ёрии Хоҷа Алии Муайид шитофт ва онҳо озими Сабзавор шуданд. Дарвеш Рукниддин инро шунида, Сабзаворро тарк кард ва Хоҷа Алии Муайид бори дигар Сабзаворро зери тасарруфи худ овард [2, 554-555, 10, 366].

Амир Валӣ дар мамлакат мавқеи худро мустаҳкам намуда, қарор дод, ки Хоҷа Алии Муайидро мағлуб сохта, давлати Сарбадоронро аз миён бардорад. Бо ин мақсад ӯ соли 783 ҳ.қ. / 1381-1382 ба сӯи Сабзавор лашкар кашида, онро ба муҳосира гирифт. Хоҷа Алии Муайид аз хавфи душман ва аз тарси мардуми ба хашм омада, ба Темурланг, ки ин замон дар Хуросон лашкаркашӣ мекард, муроҷиат намуд. Ин амали ӯ аслан хиёнат ба мардуми Сабзавор буда, мехост ҳамчун дастнишондаи Темурланг дар сари ҳокимият боқӣ монад. Мақсади Темурланг аз дастгирии Хоҷа Алии Муайид барои ҳифзи давлати Сарбадорон дар Хуросон равона нашуда буд, балки барои ба корҳои дохилии Хуросон дахолат намудан барои Темурланг баҳонае буд ва бо ин амал ӯ метавонист давлати Сарбадорони Хуросонро аз миён бардорад [8, 462-463].

Темурланг ҳангоми ба Хуросон ворид гардидан, Амир Валиро аз он ҷо ронда, озими Сабзавор шуд. Хоҷа Алии Муайид аз омадани Темурланг огоҳ гашта, барои истиқбол ба урдуи ӯ омад. Ӯ Темурлангро самимона пазироӣ намуда, таъзимкунон худро ҳамчун тобеи ӯ эътироф намуд [7, 120-121, 11, 431]. Соли 1381 Темурланг Хоҷа Алии Муайидро ҳамчун ҷонишини худ дар Сабзавор гумошта, ӯро дар дарбори худ нигоҳ медошт. Аслан бо ҳамин давлати Сарбадорон истиқлолияти худро аз даст дод. Соли 1387 Хоҷа Алии Муайид дар лашкаркашии Темурланг ба Хуррамободи Луристон, ки ҳамроҳи буд, ба қатл расид.

Сарфи назар аз таъқибу шиканҷа аз ҷониби темуриҳо, мардуми Сабзавор муборизаи худро барои ба даст овардани истиқлолият давом медоданд.

Соли 1383 аҳолии Сабзавор зери роҳбарии шайх Довуди Сабзаворӣ, ки Темурланг

ӯро дар Сабзавор ба мансаби баланд бардошта буд ва доруғаи он ҷо Тобон Баҳодур ба дасти ӯ кушта гардид, бар зидди Темуриён исён бардоштанд. Шайх Довуди Сабзаворӣ девори қалъаи Сабзаворро, ки мавсум ба Бадробод буд, таъмир намуда, ба мубориза омодагӣ мегирифт. Темурланг аз исёни мардуми Сабзавор огоҳ шуда, охири моҳи октябри соли 1383 ба он ҷо лашкар кашида, қалъаи шаҳрро ба муҳосира гирифт. Аҳолии Сабзавор бар зидди душман муқовимати сахт нишон доданд. Онҳо аз атроф ба зери девор нақбҳо కанданд. Ногоҳ як девори бузурги қалъа бияфтод ва ҷамъе, ки дар даруни нақб буданд, ҳалок шуданд. Аз он ҷумла, шайх Яҳёи вазир, ки роҳи ниёбат ёфта, дар фатҳи қалъа истодагии бисёр менамуд, ҳалок гардид. Баъди фатҳи қалъа Темурланг нисбат ба мардуми Сабзавор ваҳшонияти гӯшношунид намуд. Бо амри ӯ ду ҳазор касро аз қалъа берун оварда, бар болои якдигар ниҳоданд ва гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд [2, 594, 7, 120-121]. То комилан ҷон додани мардум он манора меҷунбид. Дар он рӯзҳо вазъи аҳолии Сабзавор, аз зулму ғорати Темурланг ниҳоят душвор гардида буд. Сипоҳиёни Темурланг мардумро шиканҷа дода, даст ба ғорату тахрибкорӣ заданд ва қалъаи устувори Сабзаворро вайрон намуданд, вале мардуми қаҳрамони Сабзавор сарфи назар аз интиқоми бераҳмонаи Темурланг, мубориза худро бар зидди Темуриён давом медоданд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи шӯриши мардуми Боштин бар зидди муғулҳо давлати Сарбадорони Хуросон таъсис ёфт ва пас аз таҳким ва устувор гардидани давлат байни ҳокимони он барои ҳокимият мубориза оғоз гардид. Сарбадорон ду роҳбар дошт: яке, роҳбарони лашкару давлат ва дигаре роҳбарони маънавӣ, ки аз ҷумлаи шайхону руҳониён иборат буданд. Ба ҳам мувофиқ наомадани манфиати роҳбарони Сарбадорон оқибат ба парокандагӣ ва заволи давлати Сарбадорони Хуросон оварда расонд.

## АДАБИЁТ


1.Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Таърихи муғул ва авоили айёми Темурӣ. Ҷилди аввал ва дуввум. –Теҳрон, -1376 ҳ. -654 с.

2.Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ Ҳофизи Абрӯ. Зубдату-т-таворих. Ҷ. I. Муқаддима ва тасҳеҳи Сайид Ҷаводӣ. –Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, - 1380 ҳ. -638 с.

3.Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн. Ба эҳтимоми дуктур Абдулҳусайни Навоӣ. –Теҳрон: Муассисаи мутолеот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, - 1372. - 443 с.

4.Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. –Душанбе: Амри илм, - 1999. – 1008 с.

5.Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро. Дастхати китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, № 84. -537 с.

6.Мирхонд, Мирмуҳаммад ибни Сайид Бурҳониддини Ховандшоҳ. Таърихи Равзату-с-сафо. Ҷилди 5. –Теҳрон, - 1339 ҳ. - 628 с.

7.Мирхонд, Мирмуҳаммад ибни Сайид Бурҳониддини Ховандшоҳ. Таърихи Равзату-с-сафо. Ҷилди 5. –Теҳрон, - 1339 ҳ. -886 с.

8.Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране в XIII-XIV веков. – Москва-Ленинград, - 1960. - 492 с.

9.Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмали Фасеҳӣ. Муқаддима, тасҳеҳ, ва таҳқиқи Сайид Муҳсини Ноҷии Насрободӣ. Ҷилдҳои 1-3. –Теҳрон: Асотир, - 1386 ҳ. -1472 с.

10.Хондамир, Ғиёсуддин Ҳимомуддин ал-Ҳусайн. Таърихи ҳабибу-с-сияр. Ҷилди саввум. Зери назари доктор Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, - 1353 ҳ. -759 с.

11.Шабонкораӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад. Маҷмаъу-л-ансоб. Ба тасҳеҳи Мир Ҳошими Муҳаддис. – Теҳрон: Амири кабир, - 1363 ҳ. - 376 с.


## ШИДДАТЁБИИ МУБОРИЗА БАЙНИ ҲОКИМОНИ ДАВЛАТИ САРБАДОРОНИ ХУРОСОН ВА ЗАВОЛИ ОН


Дар мақола масъалаи мубориза байни ҳокимони давлати Сарбадорони Хуросон ва заволи он

мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳокими давлати Сарбадорони Хуросон Хоҷа Яҳёи Карробӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда, бисёр шаҳрҳои аз даст рафтаро боз зери тасарруфи худ даровард ва оқибат аз дасти душманони худ кушта шуд. Заҳируддини Карробӣ соҳиби тахт гардид. Дар ин замон давлати Сарбадорон рӯ ба таназзул овард ва Ҳайдари Қассоб ном шахсе, ки аз мулозимони ҳокимони пешинаи Сарбадорон буд, Заҳируддини Карробиро аз мансаб дур карда, соҳиби тахт гардид.

Ҳайдари Қассоб аз дасти Ҳасани Домғонӣ, ки яке аз ҷонибдорони писари Ваҷеҳуддини Масъуд – Лутфуллоҳ буд, кушта гардид ва тахти Сарбадорон ба дасти Лутфуллоҳ гузашт. Лутфуллоҳ пас аз чанде бо амри Ҳасани Домғонӣ ба қатл расона шуд ва Ҳасани Домғонӣ соҳиби тахт гардид. Дар натиҷаи тезу тунд гардидани муборизаҳои дохилӣ қудрати Сарбадорон коҳиш ёфта, бисёр шаҳру вилоятҳои муҳим аз тасарруфи онҳо берун гаштанд. Ҳасани Домғонӣ оқибат аз дасти Хоҷа Алии Муайид ва Дарвеши Азиз кушта шуд ва ҳокимият ба дасти ин ду нафар гузашт.

Хоҷа Алии Муайид сардори сиёсӣ ва Дарвеши Азиз пешвои руҳонӣ ба шумор мерафтанд. Пас аз нуҳ моҳи ҳукуматдории муштарак байни онҳо сардӣ ба амал омад ва Дарвеши Азиз бо амри Хоҷа Алии Муайид кушта шуд. Хоҷа Алии Муайид ба таъқиби тоифаи дарвешон даст зада, мақбараи Шайх Халифа ва Шайх Ҳасанро, ки дар Сабзавор ба зиёратгоҳи мардум табдил ёфта буданд, хароб намуд ва мардуми зиёде аз ҷонибдории ӯ даст кашиданд. Дарвеш Рукниддин, ки яке аз муридони Дарвеши Азиз буд, бо лашкари сершумор озими Сабзавор гашт ва Хоҷа Алии Муайид аз тарс ба Мозандарон фирор намуд.

Дарвеш Рукниддин дар Сабзавор қарор гирифт ва ба номи ӯ хутба хонда шуд. Пас Хоҷа Алии Муайид бо дастгирии ҳокими Мозандарон Амир Валӣ озими Сабзавор гардида, онро забт намуд.

Темурланг ҳангоми вориди Хуросон гаштан, Амир Валиро аз он ҷо ронда, озими Сабзавор шуд ва Хоҷа Алии Муайид ӯро самимона пазироӣ намуда, худро ҳамчун тобеи ӯ эътироф кард. Ҳамин тариқ, давлати Сарбадорон истиқлолияти худро аз даст дод. Сарфи назар аз таъқибу шиканҷаи Темуриҳо, мардуми Сабзавор муборизаи худро барои истиқлолият давом медоданд.

**Калидвожаҳо:** *Сарбадорон, тахт, давлат, қатл, Хуросон, Сабзавор, ҳоким, мубориза, Ҳайдари Қассоб, Дарвеши Азиз.*

## ОБОСТРЕНИЕ БОРЬБЫ МЕЖДУ ПРАВИТЕЛЯМИ ГОСУДАРСТВА САРБАДАРОВ ХОРАСАНА И ЕГО ПАДЕНИЕ

В статье рассматривается вопрос борьбы между правителями государства Сарбадаров Хорасана и его падение. Правитель государства Сарбадаров Хорасана Ходжа Яхья Карроби, усилив свое могущество, вернул под свой контроль многие потерянные города, но позднее был убит своими врагами. Трон перешел в руки Захируддина Карроби. Во время его правления Сарбадарское государство находилось в упадке, и один из приближенных бывших правителей Сарбадаров Хайдари Кассоб, отстранив Захируддина Карроби от должности, стал обладателем престола. Хайдари Кассоб был убит руками Хасани Домгони, который являлся сторонником Лутфуллаха, сына Ваджехуддина Масъуда, и трон перешел к Лутфуллаху. Через некоторое время Хасан Домгони убив Лутфуллаха, взял власть в свои руки. В результате внутренних противоречий мощь государства Сарбадаров ослабла и многие важные города и регионы вышли из-под их контроля. Ходжа Али Муайид и его приближенный Дарвеши Азиз, убив Хасана Домгони, взяли власть в свои руки. Ходжа Али Муайид являлся политическим лидером, а Дарвеши Азиз стал духовным лидером. После девяти месяцев совместного правления между ними вспыхнула вражда, и Дарвеши Азиз по приказу Ходжи Али Муайид был убит.

Затем Ходжа Али Муайид, подавив последователей дервишов, разрушил мавзолей шейха Халифы и шейха Хасана, ставший местом паломничества жителей Сабзавора, и многие люди отказались его поддерживать. Один из последователей Дарвеши Азиза по имени Дарвеши Рукниддин с большим войском отправился в сторону Сабзавора, а Ходжа Али Муайид от страха бежал в Мозандарон. Дарвеши Рукниддин остался в Сабзаворе и там на его имя была прочитана хутба.

Ходжа Али Муайид при поддержке правителя Мозандарона Амира Вали напал на Сабзавор

и завоевал его. Когда Темурланг вошел в Хорасан, он изгнал оттуда Амира Вали и отправился в Сабзавор. Ходжа Али Муайид, тепло встретив Темурланга, признал себя его вассалом, и таким образом Сарбадарское государство потеряло свою независимость. Несмотря на преследования и пытки темуридов, народ Сабзавора продолжал борьбу за независимость.

**Ключевые слова:** *Сарбадары, трон, государство, казнь, Хорасан, Сабзавор, правитель, борьба, Хайдари Кассоб, Дарвеши Азиз*.

## THE AGGRESSION OF THE FIGHT BETWEEN THE RULERS OF THE STATE OF THE SARBADARS OF KHORASAN AND ITS FALL

The article deals with the issue of the struggle between the rulers of the Sarbadar state of Khorasan and its fall. The ruler of the Sarbadar state of Khorasan Khoja Yahya Karrobi, having increased his power, regained control of many lost cities, but was later killed by his enemies. The throne passed into the hands of Zahiruddin Karrobi. During his reign, the Sarbadar state was in decline, and one of the approximate former rulers of the Sarbadars Haidari Kassob, removing Zahiruddin Karrobi from office, became the owner of the throne.

Haidari Kassob was killed at the hands of Hasani Domgoni, who was a supporter of Lutfullah, the son of Wadjehuddin Masud, and the throne passed to Lutfullah. Sometime later, Hassan Domgoni killed Lutfullaha, took power into his own hands. As a result of internal contradictions, the power of the Sarbadar state weakened and many important cities and regions fell out of their control. Khoja Ali Muayid and his associate Darveshi Aziz, having killed Hasan Domgoni, took power into their own hands.

Khoja Ali Muayid was the political leader, and Darveshi Aziz became a spiritual leader. After nine months of joint rule, enmity broke out between them, and Darveshi Aziz, on the orders of Khoja Ali Muayid, was killed. Then Khoja Ali Muayyid, having suppressed the followers of the dervishes, destroyed the mausoleum of Sheikh Khalifa and Sheikh Hasan, which became a place of pilgrimage for the inhabitants of Sabzavor, and many people refused to support it.

One of Darveshi Aziz's followers named Darveshi Rukniddin with a large army went towards Sabzavor, and Khoja Ali Muayid fled to Mozandaron out of fear. Darveshi Rukniddin stayed in Sabzavor and there a khutba was read in his name. Khoja Ali Muayid, with the support of the ruler of Mozandaron, Amir Vali, attacked Sabzavor and conquered it. When Temurlang entered Khorasan, he expelled Amir Vali from there and went to Sabzavor. Khoja Ali Muayid, having warmly welcomed Temurlang, recognized himself as his vassal, and thus the Sarbadar state lost its independence. Despite the persecution and torture of the Temurids, the people of Sabzavor continued their struggle for independence.

**Key words:** Sarbadars, throne, state, execution, Khorasan, Sabzavor, ruler, fight, Haydari Kassob, Darveshi Aziz.

**Сведения об авторе: Абдукахор САИДОВ -** доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. ак. Раджабовых, 7. E-mail: Saidov. 45 @mail.ru.

**Information about the author: Abdukakhor SAIDOV** - Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Department of Ancient, Medieval and Modern History of the A. Donish Institute of History, Archeology and Ethnography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. ac. Radjabovs, 7. E-mail: Saidov. 45 @mail.ru.

УДК: 94(575.6)"1941/1945"

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАУЧНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ И В ПЕРИОД ПОСЛЕВОЕННОГО ВОССТАНОВЛЕНИЯ[1]

**АКРАМОВ М.И.,**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ**

Великая Отечественная война 1941-1945 гг., несмотря на отдаленности Таджикистана от фронтов боевых действий нанесла огромный урон народному хозяйству республики. Практически вся экономика была переведена на военный лад. Наряду со всеми отраслями жизнедеятельности, сельского хозяйства, промышленности, пострадали также культурно-образовательные и научные учреждения. Во многих научных коллективах из-за нехватки кадров, средств и условий были приостановлены или переориентированы многие научные исследования, особенно это коснулось точных и технических наук. С первых дней войны началась перестройка работы всех научных учреждений Таджикистана на обеспечение в республике военнохозяйственного комплекса. Так, в официальном сообщении в печати председателя Таджикского Филиала АН СССР академика Е.Н. Павловского, отмечается, что: «Призывы по радио 3 июля 1941 г. о перестройке всей нашей работы на военный лад нашли живой отклик в институтах и научных учреждениях филиала...» [11,83].

В сложные годы войны значительный вклад для производства военной продукции внесли геологи республики. Институт геологии ТФ АН СССР уже с первых дней Великой Отечественной войны приступили к обеспечению оборонную промышленность стратегическим сырьем. Летом 1941 г. геологами были сделаны важные выводы по скарнам Западного Кара-Мазара, расположенного в Северном Таджикистане и являющегося важнейшим рудным районом Средней Азии. Под руководством старшего научного сотрудника И.К. Никитина были проведены геологические исследования в Варзобском районе Сталинабадской области. По результатам исследования были обнаружены новые месторождения с редкометальныморуднением и месторождений полезных ископаемых – марганца и гранита.

Большое оборонное значение имел удачный опыт Института ботаники ТФ АН СССР применения арчового масла для лечения ран, а также по выявлению новых технических культур как возможных источников сырья для промышленности. В совместных исследованиях приняли участие сотрудники Всесоюзного института эфиромасличной промышленности и завод «Эфиронос». Ботанический институт, работники медицины, которые апробировали применение масла в клиниках, получили хорошие результаты [12,8]. В 1942 г. во исполнение директивных указаний Совнаркома республики Ботанический институт заключил договор с трестом «Эфиронос» на обследование зарослей эфироносов. В итоге по рекомендации института проводились заготовки арчи и выгонка арчового масла в районе Таш-Кутана [13,16].

В 1941 году в истории науки Таджикистана начинается качественно новый этап.

[1] **Статья написана в рамках проекта «История таджикского народа» (Таджикистан в период Советского Союза). Государственный регистрационный номер 0121 TJ 1200.**

Этот исторический этап в научной жизни Таджикистана ознаменовал собой преобразование таджикской базы Академии наук СССР в филиал Академии наук СССР. При вновь созданного филиала Академии наук было учреждено три института естествознания (геологии, ботаники, зоологии) и один гуманитарный институт (истории, языка и литературы). Особо важно отметить, что невзирая на трудности военного времени, руководством СССР и республики уделялось огромное внимание совершенствованию научных учреждений и их соответствию требованиям народного хозяйства республики.

В годы войны гуманитарные исследования также были направлены на военно-патриотические темы. В мае 1942 г. на расширенном заседании ТФ АН СССР по докладу Б.Г. Гафурова был специально рассмотрен вопрос «О работе по написанию истории таджиков и Таджикистана». На заседании ученые единодушно выступили за углубленное изучение героической борьбы предков таджикского народа с чужеземными захватчиками – греко-македонскими и арабскими завоевателями, с полчищами Чингизхана и др. Под руководством Б.Г. Гафурова к разработке «Истории таджиков и Таджикистана», приступили В.Р. Чейлытко, Ш. Хусейнзаде, А.П. Колпаков и Б.И. Сирус. Ученые института выступали на страницах печати со статьями, освещающими героическую борьбу таджикского народа с чужеземными завоевателями. В апреле 1944 г. вышла в свет работа Б.Г. Гафурова и Н. Прохорова «Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Очерки из истории таджиков и Таджикистана». В книге получили освещение героическое прошлое таджикского народа и его участие в освободительной войне против немецко-фашистских захватчиков [14,14-15].

В годы Великой Отечественной войны политическая целеустремленность Б. Гафурова проявилась и в организации научно-исследовательских работ. Будучи секретарем ЦК КП(б) Таджикистана по пропаганде в 1941-1944 годы, а с 1944 года вторым секретарем ЦК КП(б) КП Таджикистана он вплотную занимается укреплением научно-технической и кадровой базы Таджикского филиала Академии наук СССР. В 1944 году при филиале Академии наук СССР была открыта аспирантура, которая приступила к подготовке научных кадров.

Таким образом, в годы Великой Отечественной войны ученые Таджикистана работали над актуальными проблемами теоретической и практической значимости, внесли значительный вклад в развитие экономики и культуры республики, в победу над фашистской Германией.

В 1946 – 1956 годах уже на посту руководителя Таджикской ССР в трудный период восстановления народнохозяйственного комплекса, Б.Г. Гафурову пришлось реорганизовать все сферы жизнедеятельности научных учреждений из военного в мирное русло. В течение короткого исторического периода научные учреждения Таджикистана достигли ощутимых результатов. Были осуществлены ряд как общесоюзных, так и республиканских проектов. Как ученый, Б.Г. Гафуров, несмотря на сложный период реанимации экономики, приоритетное значение придавал образованию и науке. Он был одним из первых борцов культурной революции, одним из первых организаторов современной науки и культуры Таджикистана [1]. В период его руководства в 1948 году был открыт Таджикский государственный университет, внесший огромный вклад в подготовку научно-педагогических кадров. Спустя три года на базе функционировавшего филиала академии наук СССР была организована Академия наук Таджикской ССР.

Деятельность Таджикского филиала АН СССР подготовила условия для учреждения в 1951 г. Академии наук Таджикской ССР. 14 апреля 1951 г. в зале Театра опера и балета в Сталинабаде при участии многочисленных представителей трудящихся

Таджикистана и ряда республик СССР была торжественно открыта первая сессия Академии наук Таджикской ССР. На сессии было оглашено постановление Президиума Верховного Совета Таджикской ССР, Совета Министров Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана об учреждении Академии наук Таджикской ССР.

Начиная с 50-х годов прошлого столетия начинается новый этап в жизни академической науки Таджикистана. Этот этап связан со статусом Академии наук Республики Таджикистан, образованной 14 апреля 1951 года.

Здесь важно отметить заслуги тех, кто стоял у истоков формирования Академии наук Таджикистана. Первым президентом АН Таджикской ССР был Садриддин Айни. На первом этапе вновь формированной академии огромная работа была сделана по организации штатной структуры научных коллективов. Были избраны члены академии, назначены руководители институтов подведомственных Академии наук. В первые годы функционирования в состав АН Таджикской ССР, согласно решению Совета Министров Таджикской ССР от 14 апреля 1951 г., из числа кандидатов, выдвинутых научно-исследовательскими учреждениями и высшими учебными заведениями Таджикской ССР, были утверждены 11 академиков и 14 членов-корреспондентов. Несмотря на трудности с научными кадрами, когда вся республика была мобилизована на восстановление народного хозяйства, экономики, сельского хозяйства ученым Таджикистана приходилось вести исследовательские работы с ограниченными возможностями. Поэтому с образованием Академии наук в республике было уделено особое внимание основанию и развитию республиканского научного фонда. После основания Академии наук в Таджикистане получили развитие научные исследования в научно-исследовательских учреждениях и высших учебных заведениях. При Академии наук были созданы новые научные учреждения, такие как институт сейсмологии, институт почвоведения, мелиорации и ирригации [4].

Важным направлением в исследовательской деятельности АН Таджикской ССР было развитие естественных и технических наук в республике. В этот период изучение территории, природных ресурсов Таджикистана приобрело особенно широкий размах. В 50-е годы XX века АН Таджикской ССР вела исследования в области астрофизики, сейсмологии, геологии, органической и неорганической химии, общей биологии. Основная доля исследований проводилась силами научных сотрудников самой республики. Был организован ряд институтов в системе АН Таджикской ССР и отраслевых НИИ. За короткий исторический период, с момента образования уникальные успехи были достигнуты в области геофизики. Институт астрофизики под руководством члена-корреспондента АН Таджикской ССР П.Б. Бабаджанова за этот период вел работу по программам Международного геофизического года (1957-1958 гг.) и Международного геофизического сотрудничества (1959 г.) [9, 145].

В целом, в 50-е годы основные направления исследования во вновь созданной Академии наук были сосредоточены на четырех крупных темах: «Научные основы комплексного развития производительных сил Зеравшанской долины», «Перспективы комплексного развития производительных сил юго-западных районов Таджикской ССР», «Изучение природных ресурсов и определение направления хозяйственного развития горных и высокогорных районов республики», «Рациональное использование водно-земельных ресурсов и водохранилищ присырдарьинской орошаемой зоны Ленинабадской области» [3,238].

В конце 50-х – начале 60-х годов широкое развитие получили исследования по математике, экспериментальной и теоретической физике, химии нефти и природных соединений, по физико-химическим проблемам обогащения полезных ископаемых, сейсмостойкому строительству, радиан, и молекулярной биологии, фотосинтезу, по физиологии и биофизике растений. Значительный вклад в развитие естественных и технических наук Т. внесли С.У. Умаров (физика); В.И. Никитин (химия ацетилена); И.К. Никитин, С.М. Юсупова, С.Ф. Машковцев, А.П. Недзвецкий (геология); П.Н. Овчинников, О.В. Заленский, А.П. Жуков (биология); В.П. Красичков (селекция и семеноводство); А.Н. Розанов, О.А. Грабовская, П.А. Керзум, В.И. Иванов, И.Н. Антипов-Каратаев (почвоведение); В.Ф. Бончковский, В.Н. Гайский (сейсмология) и др. [5,12-17].

Масштабные исследования начались по составлению схемы тектонического районирования Южного Таджикистана Институтом геологии АН Таджикской ССР под руководством С.А. Захарова. Под руководством М.М. Кухтикова было произведено тектоническое районирование Гиссаро-Алая, Памира. Сотрудниками института были изучены длительно живущие краевые разломы, были разработаны основные черты геологии, стратиграфии, тектоники, магматизма и рудоносности Карамазора. Отечественными учеными Р.Б. Баратовым, С.М. Бабаходжаевым и М.Р. Джалиловым проводились глубинные исследования в области магматической геологии, петрологии, геохронологии, эндогенной металлогении Гиссаро-Алая и Памира. П.А. Панкратовым были разработаны вопросы гидрогеологического районирования, использования термо-минеральных вод, мелиорации засоленных почв, геологии и геофизики Таджикистана. Ученые Таджикистана совместно с учёными других республик Средней Азии и Казахстана вели комплексные исследования земной коры и верхней мантии Земли, закономерностей размещения полезных ископаемых. Составлена карта магматических комплексов Средней Азии, которая стала основой поисковых работ. Учёные Таджикистана участвовали в создании тектонической карты нефтегазоносных областей юга СССР.

В период восстановления народного хозяйства исследования были в основном направлены на решение вопросов народного хозяйства. Учеными В.П. Красичковым, Ш.Т. Бурнашевым, А.И. Бабаевым, М.А. Алиевым и другими на основе метода межвидовой гибридизации были выведены новые сорта тонковолокнистого хлопчатника, пшеницы, ячменя, гороха, льна масличного. За десятилетие (1951-1960 гг.) селекционеры Таджикистана создали 7 новых сортов хурмы, 11 сортов граната, высокоурожайные сорта моркови, капусты, картофеля и других сельскохозяйственных культур [6,27-28].

Ученые-почвоведы Таджикистана изучали генезис и условия развития почв, чтобы улучшить их плодородие. Полезным в их работе было то, что они к 1958г. завершили картирование почв республики, карта содержала рекомендации ученых об использовании почв. Под руководством П.Н. Овчинникова такое картирование, но уже растительности Таджикистана, проводилось ботаниками, которые пытались установить запасы кормов в основных пастбищных районах Таджикистана [8,112].

Начиная с 50-х годов в Академии наук Таджикской ССР бурно развивалось издательское дело. Академия наук регулярно издавала Доклады (с 1951), Известия трёх отделений (с 1960) на таджикском и русском языках и другие издания, и научные труды, готовит к изданию Таджикскую советскую энциклопедию [10,67-68].

В послевоенный период, вплоть до начала 60-х годов XX века гуманитарные научные учреждения изучали проблемы истории партии, истории дореволюционного и советского Таджикистана, вопросы экономики и права, истории философии, истории материальной культуры, этнографии, языкознания, литературоведения, востоковедения.

Результатом этих исследований стали создание трехтомной «Истории таджикского народа» в пяти книгах, публикации в 1947 г. «Истории таджикского народа в кратком изложении» Б.Г. Гафурова, в 1959 г. – «Очерков истории Таджикистана», издание в 1956-1957 гг. двух частей «Очерков истории советской таджикской литературы», подготовка учебников по таджикскому языку для школ и вузов, публикации «Основных правил правописания таджикского языка» и другие труды. В 1960 г. вышел в свет первый том Каталога восточных рукописей, хранящихся в АН Таджикистана [3, 238].

Масштабные структурные изменения в научных учреждениях Таджикистана произошли во второй половине 50-х годов прошлого столетия. В 1955 г. два научных учреждения – Институт малярии и медицинской паразитологии и Санитарно-бактериологический институт, были объединены в Институт эпидемиологии и гигиены. А в 1958 г. из Института почвоведения, мелиорации и ирригации выделился Институт водных проблем, главным научным направлением которого стало исследование сельскохозяйственной мелиорации и гидротехнических сооружений.

Таким образом, в течение десяти лет (1950-1960 гг.) в Таджикистане было создано 22 новых научных учреждения, в том числе 11 институтов. В 1957 г. был организован Отдел физики и математики, в 1958 г. – Институт астрофизики и Институт сейсмологии, в 1959 г. – Институт краевой медицины. А в 1960 г. на базе Памирской биостанции начала функционировать Памирская база АН СССР. Двумя новыми учреждениями пополнилось Отделение общественных наук – Отделом востоковедения и письменного наследия, а также Комитетом терминологии [7,27-28].

## ЛИТЕРАТУРА

1.Абдурашитов Ф.М. Государственно - политическая деятельность Б.Г. Гафурова//histoty.tj. Сайт ИИАЭ им А. Дониша НАНТ. Дата обращения 4 января 2024 г.

2.История таджикского народа. Т.6. Душанбе, - 2011. - 688 с.

3.История таджикского народа. Сборник материалов. Душанбе, - 1967. – 340 с.

4.Коммунист Таджикистана. – 1951. - 15 апреля.

5.Краткие итоги деятельности АН Тадж. ССР за 10 лет. – Душанбе, - 1961. – 124 с.

6.Я.В. Пейве. Важнейшие достижения в области естественных и общественных наук в 1966/Я.В. Пейве//Вестник АН СССР. –1967. – №3. – С. 11-192.

7.З.Ш. Раджабов. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане/З.Ш. Раджабов. – Душанбе: «Дониш». - 1976. - 134 с.

8.З. Раджабов. Наука Советского Таджикистана, Душанбе, 1968. 145 с.

9.Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина - детище Великого Октября. Душанбе, - 1967. - 158 с.

10.Умаров С.У. Расцвет науки в Таджикистане, Сталинабад, - 1960. -127 с.

11.Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). – Душанбе: Ирфон, - 1985. – 160 с.

12.ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.1. – Оп.1. – Д.112. – Л.8.

13ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.1. – Оп.1. – Д.105. – Л.16.

14.ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.1. – Оп.1. – Д.99. – Л.14-15.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАУЧНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ И В ПЕРИОД ПОСЛЕВОЕННОГО ВОССТАНОВЛЕНИЯ

В статье рассматриваются вопросы деятельности научных учреждений Таджикистана в 40-50-е годы XX в. Именно на этом этапе в научной жизни республики произошли заметные изменения, начиная от обретения статуса республиканской академии наук, преобразования в струк-

туре научных учреждений и реализации масштабных научно-исследовательских проектов. Становление научно-исследовательских институтов происходило в условиях нехватки отечественных молодых научных кадров.

Поэтому АН СССР и руководство республики определили первостепенной и приоритетной задачей подготовки научных кадров, были созданы на базе институтов АН Таджикской ССР и ВУЗов республики отделы аспирантуры, выпускники которых в течение короткого времени приступили к научно-исследовательским работам. Принятые меры способствовали развитию как естественных и точных, так и гуманитарных наук.

Гуманитарные научные учреждения изучали проблемы истории партии, истории дореволюционного и советского Таджикистана, вопросы экономики и права, истории философии, истории материальной культуры, этнографии, языкознания, литературоведения, востоковедения. Проводились масштабные исследования по математике, экспериментальной и теоретической физике, химии нефти и природных соединений, по физико-химическим проблемам обогащения полезных ископаемых, сейсмостойкому строительству и молекулярной биологии, фотосинтезу, по физиологии и биофизике растений и т. д.

**Ключевые слова:** *Академия наук, научные учреждения, подготовка кадров, научно - исследовательская деятельность, естественные и точные науки, гуманитарные науки, ученые Таджикистана.*

## ACTIVITY OF SCIENTIFIC INSTITUTIONS OF TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR AND DURING THE POST-WAR RECOVERY PERIOD

The article discusses the activities of scientific institutions in Tajikistan in the 40-50s of the twentieth century. It was at this stage that noticeable changes took place in the scientific life of the republic, starting from the acquisition of the status of the Republican Academy of Sciences, transformation in the structure of scientific institutions and the implementation of large-scale research projects.

The formation of research institutes took place in conditions of a shortage of domestic young scientific personnel. Therefore, the USSR Academy of Sciences and the leadership of the republic identified the primary and priority task of training scientific personnel; postgraduate departments were created on the basis of the institutes of the Academy of Sciences of the Tajik SSR and universities of the republic, the graduates of which began research work within a short time.

The measures taken contributed to the development of both natural and exact sciences, as well as the humanities. Humanitarian scientific institutions studied the problems of the history of the party, the history of pre-revolutionary and Soviet Tajikistan, issues of economics and law, the history of philosophy, the history of material culture, ethnography, linguistics, literary studies, and oriental studies. Large-scale research was carried out in mathematics, experimental and theoretical physics, chemistry of oil and natural compounds, physical and chemical problems of mineral processing, earthquake-resistant construction, and molecular biology, photosynthesis, physiology and biophysics of plants, etc.

**Key words:** *Academy of Sciences, scientific institutions, personnel training, research activities, natural and exact sciences, humanities, scientists of Tajikistan.*

## ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ИЛМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ВА БАРҚАРОРНАМОӢ ПАС АЗ ҶАНГ

Дар мақола фаъолияти муассисаҳои илмии Тоҷикистон дар солҳои 40 -50-уми асри XX баррасӣ шудааст. Маҳз дар ҳамин марҳала дар ҳаёти илмии ҷумҳурӣ баъд аз гирифтани мақоми Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, дигаргунисозиҳо дар сохторҳои муассисаҳои илмӣ ва ҳамзамон ба амал баровардани лоиҳаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дигаргуниҳои намоён ба вуқуъ пайвастанд. Ташкили институтҳои илмӣ дар шароити нарасидани кадрҳои илмии ватанӣ сурат гирифт. Бинобар ин, Академияи илмҳои ИҶШС ва роҳбарияти ҷумҳурӣ омода кардани кадрҳои илмиро муайян карданд, ки ба ин васила дар базаи институтҳои Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ шуъбаҳои аспирантура ташкил карда шуданд, ки хатмкунандагони он дар як муддати кӯтоҳ ба кори илмӣ шуруъ намуданд.

Тадбирҳои андешидашуда ба инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ва инчунин илмҳои гуманитарӣ ҳамаҷониба мусоидат намуданд. Муассисаҳои илмии гуманитарӣ мушкилоти таърихи ҳизб, таърихи тоинқилобӣ ва Тоҷикистони шуравӣ, масъалаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ, таърихи фалсафа, таърихи фарханги моддӣ, этнография, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, шарқшиносиро таҳқиқ намуданд. Дар соҳаи математика, физикаи таҷрибавию назариявӣ, химияи нефт ва пайвастагиҳои табиӣ, мушкилоти физикию химиявии коркарди маъданҳо ва биологияи молекулавӣ, фотосинтез, физиология ва биофизикаи растаниҳо ва ғайраҳо тадқиқоти васеъ гузаронида шуданд.

**Калидвожаҳо:** *Академияи илмҳо, муассисаҳои илмӣ, омода кардани кадрҳо, фаъолияти таҳқиқотӣ, илмҳои табиӣ ва дақиқ, гуманитарӣ, олимони Тоҷикистон.*

**Information about the author: Akramov Murtazo Inomovich** - candidate of Historical Sciences, researcher of the Institute history, archeology and ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 907-14-43-65. E-mail: akramov. murtazo@mail.ru

**Сведения об авторе: Акрамов Муртазо Иномович** - кандидат исторических наук, научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: (+992) 907-14-43-65. Электронная почта: akramov.murtazo@mail.ru.

**УДК: 63.3(575.6)"1946/1960"**

# ПОВСЕДНЕВНАЯ ЖИЗНЬ КОЛХОЗНИКОВ ТАДЖИКИСТАНА В 1946 - 1960 ГОДЫ[1]

**АБДУРАШИТОВ Ф.М.,**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ**

Великая Отечественная война 1941-1945 гг. причинила большой ущерб народному хозяйству Таджикистана. Прежде всего, война прервала процесс становления социалистического сельского хозяйства, темпы строительства и развития колхозного движения. В результате мобилизации материальных ресурсов, техники, кадров резко сократилось объем сельскохозяйственного производства. Все это в свою очередь приостановило стремительный рост благосостояния тружеников села. На десятилетия были отброшены решения задач экономического и культурного развития республики. Только после победоносного завершения Великой Отечественной войны трудящиеся Таджикистана приступили к восстановлению народнохозяйственного комплекса, который в годы войны полностью был переведен на военно-хозяйственное русло несмотря на то, что Таджикистан находился далеко от фронта.

В послевоенные годы перед аграрниками республики стояла первоочередная задача восстановления сельскохозяйственного производства, которая целиком и полностью в годы ВОВ была переориентирована на обеспечение фронта. Для этого потребовалось дальнейшее укрепление колхозного строя, модернизация аграрной инфраструктуры, подготовка инженерно-технических, механизаторских кадров для сельского хозяйства.

Однако, важно отметить, что процесс восстановления народного хозяйства протекала в неимоверно сложных условиях.

[1] **Статья написана в рамках проекта «История таджикского народа (III - начало XX вв.). Государственный регистрационный номер 0121TJ1211.**

В годы ВОВ и первые послевоенные годы многие колхозы и совхозы функционировали не планомерно, большинства из них даже стихийно. Дело в том, что в годы ВОВ резко сокращались посевные площади, уменьшались доходы колхозов и колхозников, значительная часть колхозников отвлекалась на работы в своем личном, непомерно выросшем приусадебном хозяйстве.

В сложившейся ситуации в сельском хозяйстве республики, Совет Министров Таджикской ССР на основании Постановления Совета Министров СССР и ЦК ВКП(б) от 19 сентября 1946 г. «О мерах по ликвидации нарушений Устава сельскохозяйственной артели в колхозах» определил восстановление аграрного производства как приоритетное направление народного хозяйства республики. Важное значение в постановлении придавалось вопросу разбазаривания общественных земель, предотвращении самовольного захвата земель сельскохозяйственного назначения, из присвоения под приусадебные участки отдельными лицами [5,55-62].

Поэтому, учитывая создавшееся положение, было принято решение повсеместно в колхозах и совхозах республики провести общие отчетно-выборные собрания колхозников. Так, в проходивших в конце 1946 г., общих собраниях колхозников тщательным образом было анализировано положение дел в колхозах. Колхозники принципиально и жестко разоблачали нарушителей Устава сельхозартели. В результате многие председатели колхозов были отстранены от руководящих должностей. В правления колхозов были избраны люди, зарекомендовавшие себя честными и опытными организаторами. Так, в 2204 колхозах был переизбран состав правлений, в 598 – избраны новые председатели колхозов. Между тем, с целью укрепления административно-управленческого аппарата непосредственно на производство было направлено 4563 человека, сняты с оплаты, как не имевшие отношения к производству в колхозах, 1238 человек [8,208].

Одновременно в колхозах и совхозах республики велась беспощадная борьба с разбазариванием общественных земель, колхозного скота и средств. Колхозам республики было возвращено около 14 тыс. га земель, более 4 тыс. голов крупного рогатого и мелкого скота, около 800 т зерна, около 1,5 млн. руб. [2,130]. Общая задолженность была погашена в сумме 121,3 млн. руб. [8,209].

В первые годы восстановления особое внимание уделялось приоритетным задачам сельского хозяйства, прежде всего организационно-хозяйственного, социально-экономического укрепления сельскохозяйственных предприятий. Перед руководством республики стояла острая проблема повышения культурно-бытовых условий жизни колхозников. В течении короткого периода, благодаря планомерной подготовки опытных сельскохозяйственных кадров, специалистов агротехнических профессий, технически грамотных механизаторов и т.д. в значительной степени способствовали последовательному решению поставленных задач. Так, за этот период на основе этих достижений 30 районов республики существенно выполнили государственный план устойчивого развития и были номинированы к награждению Красным Знаменем СНК СССР. Среди них Фархарский, Даштижумский и Шурабадский районы Кулябской области, перевыполнившие государственный план по животноводству, были выдвинуты к Красному Знамени Совнаркома СССР [8,109].

В результате укрепления организационно-хозяйственной деятельности колхозов, трудовой дисциплины в производстве к 1947 году основная часть колхозов республики экономически окрепла. Благодаря укреплению материально-технической базы, энерговооруженности сельского хозяйства повысилась производительность труда, в результате чего количество колхозов-миллионеров выросло с 83 до 123 [2,130].

В послевоенные годы заметно укрепились хлопкосеющие колхозы. Этому способствовал высокий урожай хлопка, который значительно повысил материальный уровень жизни колхозников. Свыше 200 колхозов получили миллионные доходы. По сравнению с 1940 годом денежные доходы колхозов увеличились на 198 миллионов рублей. Неделимые фонды колхозов в целом по республике составили в 1948 году 334 % по отношению к 1940 году, а в некоторых областях этот показатель был ещё выше. В 1947 году по трудодням было распределено 35,9 % доходов, а в 1948 году – 44,9 %. по валовому сбору хлопка. Примечательно, но факт, что уже в первые послевоенные годы хлопководство становилось выгодной и высокодоходной отраслью производства колхозов. Все достигнутые успехи колхозников-хлопкоробов регулярно стимулировалось со стороны высшего руководства СССР. Так, например только в 1946-1947 гг. 184 передовикам республики, вырастившим рекордные урожаи хлопка, было присвоено высокое звание Героя Социалистического Труда, 4216 человек были награждены орденами и медалями Союза СССР [8,124].

Немаловажное значение имело принятое 3 сентября 1948 г. постановление «О сокращении штатов административного и обслуживающего персонала в колхозах и об упорядочении расходования трудодней на их оплату», которое было направлено на дальнейшее организационно-хозяйственное укрепление колхозов. На основе этого документа по республике административно - управленческий аппарат колхозов был сокращен на 2700 единиц, что дало экономию полмиллиона трудодней [8, 211].

Одной из острых проблем, в период восстановления сельского хозяйства Таджикистана, дальнейшего организационно-хозяйственного укрепления колхозов считалась подготовка и переподготовка сельскохозяйственных кадров. Именно поэтому вопросу подготовки сельскохозяйственных кадров, как руководящих, так и массовой квалификации, было уделено особое внимание в «Законе о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг.». С целью выполнения требования Закона повсеместно была организована работа по подготовке в достаточном количестве агрономов, инженеров, зоотехников, ветеринарных врачей, землеустроителей и других специалистов сельского хозяйства [9,276]. Вопрос подготовки квалифицированных кадров массовой квалификации для МТС, колхозов и совхозов был рассмотрен на февральском (1947 г.) пленуме ЦК ВКП (б) [5,214].

Вопрос подготовки сельскохозяйственных кадров стоял на всех уровнях руководства. На высшем уровне решение задач по обеспечению кадрами сельского хозяйства республики находилось в прерогативе Совета министров СССР, а в

республиканском под контролем Совета министров Таджикской ССР и Министерства сельского хозяйства республики. В 1947 году в республике были организованы специальные школы по подготовке председателей колхозов, бригадиров полеводческих бригад и т.д. Была создана двухгодичная республиканская школа по подготовке и постояннодействующие курсы по переподготовке председателей колхозов. Только в первом году в школу было принято 150 человек и на курсы – 50 человек [8,214-215].

А специалисты высшего звена и высококвалифицированные кадры для различных отраслей сельского хозяйства готовились в основном в высших и средних специальных сельскохозяйственных учебных заведениях республики. В основном квалифицированные специалисты для аграрного производства готовились в Сельскохозяйственном институте, в сельскохозяйственном и ветеринарном техникумах, агрономических школах и т.д. Только в период 1950-1951 гг. средними учебными заведениями было выпущено около 900 специалистов по сельскому хозяйству. Кроме того, помощь в подготовке кадров оказывали Таджикистану республики Союза ССР. Так, в 1949-1952 гг. из вузов других союзных республик в Таджикистан прибыло 300 специалистов [8,215-216].

Примечательно, что уже в первые годы послевоенной пятилетки специалистам аграрного сектора республики удалось добиться заметных результатов в развитии общественного хозяйства. Благодаря организационно-хозяйственному укреплению колхозов, совхозов и МТС, неделимые фонды колхозов с 1940 по 1950 г. выросли в 4 раза. Рост неделимых фондов происходил, прежде всего, за счет хлопкосеющих колхозов. Денежные доходы колхозов увеличились с 422 млн. до 1530 млн. руб. [8,278]. В результате развития сельскохозяйственного производства и увеличения неделимых фондов свыше 500 колхозов стали миллионерами [10,88]. Все это способствовало значительному повышению материального и культурно-бытового уровня тружеников села, в повышении благосостояния колхозников.

Важно констатировать, что в неимоверно трудных условиях поствоенного восстановления колхозники Таджикистана в течение одного пятилетия не только восстановили разрушенное в годы войны сельское хозяйство, но и намного увеличили его довоенный уровень. Уже в начале 50-х годов материально-техническая база колхозов и совхозов в значительной степени обновилась и укрепилась. Но наряду с успехами в сельскохозяйственном производстве еще сохранились не решенные проблемы, прежде всего структурного характера. Неэффективность, порою контрпродуктивность мелких колхозов не давало масштабному развитию аграрного сектора экономики. Поэтому, ситуация требовало кардинальных решений и ставило перед руководством республики задачу укрупнить эти коллективные хозяйства. Именно с этой целью было принято Постановление ЦК ВКП(б) от 30 мая 1950 г. «Об укрупнении мелких колхозов и задачах партийных организаций в этом деле» [6,307].

Так, по результатам реорганизации в республике в начале 1950 г. еще насчитывалось 2685 колхозов, в которых в среднем на одно хозяйство приходилось 58

дворов, 308 га посевной площади, 109 голов крупного рогатого скота и 341 тыс.руб. денежного дохода [7,37]. После проведенной реформы по укрупнению колхозов уже к концу 1950г. их количество уменьшилось до 1314 и на каждый колхоз в среднем приходилось 120 дворов, 606 га общественных посевов, 241 голова крупного рогатого скота, 116,5 тыс.руб. денежных доходов [8,212].

Другим немаловажным достижением в период послевоенного восстановления, фактически во всех хлопкосеющих районах, были созданы сравнительно крупные многоотраслевые сельскохозяйственные предприятия. Всего к 1952 г. в республике было образовано 848 укрупненных колхозов [2,6], средний размер посевных площадей которых составлял по республике 833 га [2,76] против 306 га в 1949 г. [10,37].

Проект укрупнения колхозов целенаправленно реализовался до конца 50-х годов. В ходе масштабной реорганизации сельскохозяйственных предприятий вместо функционировавших раньше многочисленных мелких и неэффективных колхозов к 1958 г. было создано 434 колхозных хозяйств, большинство из которых было достаточно крупными и экономически сильными. По результатам реализации проекта укрупнения колхозов произошли коренные изменения в аграрной жизни республики. За 1949-1958 гг. денежные доходы колхозов республики увеличились в 2,5 раза и составили около 2,2 млрд.руб. [4,156].

Между тем, наряду с успехами развития колхозного движения в сельскохозяйственном производстве наблюдалась диспропорция. Некоторые колхозы отставали в развитии, и одной из причин экономического отставания многих колхозов было то, что они недостаточно были обеспечены квалифицированными кадрами и грамотными руководителями.

Такая ситуация наблюдалась почти во всех аграрных районах республики и прежде всего, в её горных районах, о чем свидетельствуют многочисленные факты. Так, в 1952 г. из 622 председателей колхозов лишь один человек имел высшее сельскохозяйственное образование, 14 человек – среднее, а 527 человек, т.е. абсолютное большинство, имели только начальное образование, и среди них были также руководители, которые закончили лишь 2-3 класса (81 человек)[2,14].

Следует отметить, что, несмотря на огромную поддержку вновь созданных целинных хозяйств многие колхозы и совхозы, созданные на новых, вновь освоенных землях, находились на стадии становления. Многие из них прежде всего нуждались в сельскохозяйственных кадрах, особенно не хватало агрономов, зоотехников и механизаторов. Поэтому местные советские, партийные органы целинных районов придавали данному вопросу большое значение. В течение 1956-1958 гг. при МТС и РТС, в училищах механизации Ура-Тюбе и Канибадама для целинного Матчинского района было подготовлено более 365 механизаторов из числа молодежи [3,189].

Масштабные изменения в плане реорганизации и модернизации сельскохозяйственного производства произошли в северных районах республики. В результате планомерной работы сельскохозяйственных органов в 50-е годы XX в.

труженики Северных районов республики добились колоссальных успехов. Так, например, достижения десятки колхозов, совхозов, бригад, тысячи передовиков-колхозников МТС были демонстрированы в ноябре 1954 г. на Всесоюзной сельскохозяйственной выставке в Москве. За достигнутые успехи около тысячи комсомольцев области были награждены медалями и орденами Советского Союза.

За высокие показатели в сельском хозяйстве 64 молодых хлопкороба области были удостоены высокого звания Героя Социалистического Труда. Именно в этот период были реализованы масштабные проекты всесоюзного значения, проводилось крупное ирригационное строительство для орошения земель Дильверзина, Самгарского и Ходжа - Бакирганского массивов Ленинабадской области. Громких успехов добились мелиораторы области. Так, во второй половине 50-х гг. XX в. в результате строительства Кайраккумского водохранилища площадь поливных земель в Таджикистане увеличилась по сравнению с довоенным периодом более чем в 7 раз.

За этот период были ирригационно подготовлены и сданы в эксплуатацию ранее пустовавшие заболоченные и засоленные земли площадью около 40 тыс. га [1,5-6].

Примечательно, что модернизация структуры управления сельского хозяйства республики, укрепление их материально-технической и инфраструктурной базы последовательно обеспечили техническую самостоятельность колхозов и совхозов.

По результатам проведенных реформ укрупненные колхозы, особенно хлопководческие, которые стали уже экономически самообеспеченными, в сравнительно короткий срок выкупили у МТС сельхозмашины.

Теперь у каждого колхоза появился свой машинно-тракторный парк. К середине 1959 г. колхозами республики были приобретены 5351 трактор, 1904 плуга, 2452 сеялки, 3179 культиваторов и 363 комбайна. Для оказания колхозам технической помощи были организованы 38 РТС. Кроме того, 6 тыс. механизаторов перешли на работу в колхозы из МТС. Все это способствовало укреплению социальной структуры тружеников села [1,159].

Таким образом, 50-е годы прошлого столетия в аграрной истории Таджикистана были переломными. Сельское хозяйство республики не только было восстановлено, но и развивалось, благодаря модернизации сельскохозяйственного производства путем внедрения новой техники, технологии, использования новых, научно обоснованных агротехнических достижений. Масштабная работа проводилась по обеспечению высококвалифицированными кадрами колхозов и совхозов. Немаловажное значение имело структурная реформа колхозов, укрупнение колхозов за счет слияния мелких неэффективных хозяйств. Новый этап в развитии аграрного сектора Таджикистана наступил с момента осуществления электрификации сельского хозяйства. Это позволило дальнейшему росту и совершенствованию материально-технической базы колхозов и совхозов.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Баходурова Ф. Исторический опыт восстановления и дальнейшего развития аграрного сектора в Северном Таджикистане (1946-1961 гг.). -Худжанд, - 2021. -163 с.
2.Государственный архив новейшей истории Таджикистана. Ф.3. – Оп. 71. – Д.41. – Л.130; Ф.3. – Оп. 100. – Д.255. – Л.6.
3.Государственный архив новейшей истории Таджикистана. Ф.5741. – Оп.6. – Д.74. – Л.189.
4.История таджикского народа. – Т.3. – Кн.2. 1971. – 468 с.
5.КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и пленумов ЦК 1946-1955. - Т.8, - М.: Политиздат, - 1985. - 542 с.
6.КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и пленумов ЦК. – Т.6. – 1961. - 431 с.
7.Народное хозяйство Таджикской ССР. Стат. сборник. – Сталинабад, - 1957. – 412 с.
8.Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.). - Душанбе, - 1968. -432 с.
9.Решения партии и правительства по хозяйственным вопросам (1917-1967 гг.). – Т.3. – 1968. - 476 с.
10.Скоробогатов И.М. Компартия Таджикистана в послевоенный период (1945-1953 гг.). – Душанбе, - 1963. - 150 с.
11.Пак Н.П. Торжество ленинской аграрной политики в Таджикистане//В семье равных. – Душанбе, - 1985. - 232 с.

## ЗИНДАГИИ РӮЗМАРРАИ КОЛХОЗЧИЁНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1946 - 1960

Дар мақола роҷеъ ба масъалаҳои барқарор намудани хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар давраи баъдиҷангӣ сухан меравад. Колхозчиёни ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба барқарор намудани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ шуруъ карданд, ки он дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ комилан ба истеҳсоли маҳсулоти талаботи ҳарбӣ барои таъмин намудани фронт бо озуқа, либос ва дигар маҳсулоти стратегӣ табдил дода шуда буд. Дар солҳои барқароркунӣ ба вазифаҳои аввалиндараҷаи хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама аз ҷиҳати ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, беҳтар намудани шароити маданию маишии колхозчиён таваҷҷуҳи махсус дода мешуд.

Солҳои 1946 - 1960 дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба сабаби мунтазам омода кардани кадрҳои ботаҷрибаи хоҷагии қишлоқ, мутахассисони ҳирфаҳои агротехникӣ, механиза-торони аз ҷиҳати техникӣ сохибихтисос ва ғайраҳо ба таври қобили таваҷҷуҳ барои ҳалли доимии вазифаҳои таъйиншуда кумак карданд. Дар солҳои баъд аз ҷанг ба шарофати ислоҳоти сохторӣ дар бобати муттаҳид намудани хоҷагиҳои хурди каммаҳсул ва ба таври намоён мустаҳкам гардидани колхозҳои пахтакор ва ноил шудан ба ҳосили баланди пахта дараҷаи моддии зиндагонии колхозчиёнро хеле баланд бардошт.

**Калидвожаҳо:** *азнавсозии баъдиҷангӣ, хоҷагии коллективӣ, истеҳсолот дар совхозҳо, ислоҳот, муттаҳидкунӣ, хоҷагии қишлоқ, кадрҳои хоҷагии қишлоқ.*

## ПОВСЕДНЕВНАЯ ЖИЗНЬ КОЛХОЗНИКОВ ТАДЖИКИСТАНА В 1946 - 1960 ГОДЫ

В статье рассматриваются вопросы послевоенного восстановления сельского хозяйства Таджикистана. С первых дней завершения Великой Отечественной войны колхозники республики приступили к восстановлению сельскохозяйственного производства, которое в годы войны полностью было переведено на военнохозяйственное русло для обеспечения фронта продовольствием, одеждой и другой стратегической продукцией. В годы восстановления особое внимание уделялось приоритетным задачам сельского хозяйства, прежде всего организационно-хозяйственного, социально-экономического укрепления сельскохозяйственных предприятий, повышения культурно-бытовых условий жизни колхозников.

В 1946-1960 гг. в течение короткого исторического периода, благодаря планомерной подготовке опытных сельскохозяйственных кадров, специалистов агротехнических профессий, технически грамотных механизаторов и т.д. в значительной степени способствовали последовательному решению поставленных задач. В послевоенные годы, благодаря проведению структурной реформы по укрупнению мелких малоэффективных хозяйств заметно укрепились хлопкосеющие колхозы. Этому способствовал высокий урожай хлопка, который значительно повысил материальный уровень жизни колхозников.

**Ключевые слова:** *послевоенное восстановление, коллективное хозяйство, совхозное производство, реформа, укрупнение, сельское хозяйство, сельскохозяйственные кадры.*

**DAILY LIFE OF COLLECTIVE FARMERS OF TAJIKISTAN IN 1946-1960**

The article discusses the issues of post-war restoration of agriculture in Tajikistan. From the first days of the end of the Great Patriotic War, collective farmers of the republic began to restore agricultural production, which during the war years was completely transferred to the military economic channel to provide the front with food, clothing and other strategic products. During the years of restoration, special attention was paid to the priority tasks of agriculture, primarily the organizational, economic, socio-economic strengthening of agricultural enterprises, improving the cultural and living conditions of collective farmers.

In 1946-1960 over a short historical period, thanks to the systematic training of experienced agricultural personnel, specialists in agrotechnical professions, technically competent machine operators, etc. contributed significantly to the consistent solution of the assigned tasks. In the post-war years, thanks to the structural reform to consolidate small, inefficient farms, cotton-growing collective farms noticeably strengthened. This was facilitated by a high cotton harvest, which significantly increased the material standard of living of collective farmers.

**Key words:** *post-war reconstruction, collective farming, state farm production, reform, consolidation, agriculture, agricultural personnel.*

**Сведения об авторе: Абдурашитов Фозил Маматович -** старший научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Рудаки, 33. Контактный мобильный телефон: (+992) 935-70-02-05. E-mail: fozil8204@gmail.com

**Information about the author: Abdurashitov Fozil Mamatovich -** Chief Researcher of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after. A. Donisha National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki, 33, mobile phone (+992) 935-70-02-05. E-mail: fozil8204@gmail.com

**УДК: 94+930.85(5-011)**

# САФАРИ СЮАН - СЗАН БА ОСИЁИ МИЁНА

**АЮБОВ А.Р.,**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

Дар таърихи башар аксар вақт ном ва фаъолияти як зумра мардони далеру матин тавассути сафару кашфиётҳояшон ҷовидонӣ сабт гаштааст. Дар байни сайёҳон қайдҳои сафари зоҳиду роҳиби буддоии чинӣ Сюан-Сзан хеле ибратбахш мебошанд. Кору фаъолияти ӯ дар Аврупо маҳз тавассути тарҷумаи қайдҳои

сафараш аз тарафи муҳаққиқон: Станислав Жюлен, Коммел Вивен де Сен-Мартен, генерал Куннингам (дар бораи сафар ба Ҳиндустон), Генри Юл (доир ба Тахористон), С. Бил, Ф. Рихтгофен маълум гаштааст [8,56]. Оид ба саргузашти Сюан-Сзан пажӯҳишгароне чун И.В. Мушкетов, О. Федченко, О.И. Сенковский, Н.А. Минаев, Г. Григорев, В.В. Бартолд ва чанд нафари дигар маълумот додаанд.

Тарҷумаи русии асари Сюан-Сзан «Сиюй Сзи» аз ҷониби В.П. Афанасев анҷом дода шудааст. Дар илм бештар тарҷумаи С. Жюлен ба забони фаронсавӣ маъруф мебошад. Қайдҳои Сюан-Сзан барои омӯхтани таърихи Осиёи Марказӣ басо ҳам муҳим мебошанд.

Ҳангоми сафар аз Чин ба мулки афсонавии Ҳиндустон, ки мақсади сафари сайёҳ Сюан-Сзан зиёрати мавзеъҳои муқаддаси буддоӣ буд, ба ӯ лозим меомад, ки гоҳе роҳбарии корвони бузургеро ба зимма дошта бошад ва гоҳе асо ба даст дар биёбонҳои беканори тафсон тани танҳо пайи иҷрои мақсади хеш раҳсипор бошад.

Ӯ имтиҳонҳои ҷиддии ҳаётро дар сафар пушти сар менамуд, воқеоти душвору мухталифро сабурона дида, мушкилотро бартараф мекард ва ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёт, ки «фурсати умр ба ашки сари мижгон» баробар буд, нотарсона ба пеш мерафт, аз ҳама муҳим вай бо руҳи шикастнопазир, чӣ тавре, ки фалсафаи чинӣ таълим медод, ба ҳама душвориҳои ҳаёт тоқат мекард. Императори Чин аз сулолаи Тан Тай Тсун Сюан-Сзанро баъдан «ганҷинаи империя» номида буд [5,39].

Маълумот дар маҷмуъ, дар бораи «Кишварҳои ғарбӣ» ҷамъовардаи ӯ агарчи онҳоро барои давлатдорони замона омода намуда буд, лек то ба имрӯз қимат ва моҳияти худро гум накарда, доир ба Осиёи Миёнаи асрҳои миёнаи барвақт маводи ниҳоят муфиди таърихӣ буда, сарчашмаи муътамадтарин ба шумор меравад. Қадру манзалати асари Сюан-Сзан дар баробари маълумоти муаррихони арманӣ бо маводи сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ҳамқадам аст, ҳамчунин як қатор маълумоти китоби ӯ дар баъзе масоил аз сарчашмаҳои мазкур муҳимтар мебошанд.

Новобаста ба он ки сайёҳ бештар ба ҷойгоҳи дини буддоия ва мавқеи он дар байни аҳолии кишварҳои мухталиф таваҷҷуҳи асосии худро равона кардааст, маълумотҳояш дар бораи урфу одат, таомул, забон, тарзи давлату давлатдорӣ, сохти иқтисодӣ, ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии аҷдодони мо то ба имрӯз хеле муҳим ва диққатҷалбкунанда буда, ҳуҷҷати асосӣ ба шумор мераванд.

Новобаста ба он, ки «Роҳи абрешим» - роҳи муҳиммтарини тиҷоратӣ ва дипломатӣ ҳама вақт аз ҷониби давлатҳо муҳофизат карда мешуд, ҳанӯз дар ҳазорсолаи якуми то мелод Чин бо Осиёи Марказӣ робитаҳои мустақимро баркарор карда буд [9,119]. Дар ин давраи ҳассоси мураккаб касе бехатарии онро кафолат дода наметавонист ва ин ҳолат ба Сюан - Сзан маълум буд, аз ин рӯ ӯ ба таври пинҳонӣ дар соли 629 шаҳри Сианро тарк намуд ва ба сафару музофотҳои ғарбии империя баромад. Дар ин вақт ӯ ҳамагӣ 26-27-сол дошт [6,56].

Бо роҳи корвонгузар ӯ аз панҷ қалъаи мудофиавии сарҳадии империя ва биёбонҳои Такла Макану Гоби ва Хами гузашта, ба саргаҳи Тибет ва Ҳимолой омада

расид. Аммо минбаъд бо ин роҳ имконияти идома додани сафар ба Ҳиндустон набуд, зеро тамоми роҳҳо бо барфу пиряххо баста шуда буданд. Роҳи ягона тавассути қисмати шимолу ғарб, яъне, ба воситаи ҳудудҳои Осиёи Марказӣ, нобаста ба мушкилот кушода буд, ки Сюан - Сзан бо ин роҳ рафтанро интихоб намуд.

Сюан - Сзан Иссиққӯлро тавсиф намуда, дуруст шарҳ додааст, ки на ҳамаи оби он барои ошомидан мувофиқ аст. Мавриди зикр аст, ки соҳилҳои Иссиққӯл қароргоҳи зимистонаи ҳоқонҳои туркҳои Ғарбӣ буда, тобистон онҳо ба Тошканд мекӯчиданд. Сюан-Сзан бо хони туркҳо дар охирҳои соли 630 дар маҳаллаи Токмак вохӯрӣ намуд. Ин хон низ бо эҳтироми махсус меҳмони аз роҳи дур омадаро меҳмондорӣ намуда, ҳатто ба ӯ чанд порчаи абрешиму атласро туҳфа кард ва барои идомаи сафараш кумак расонид. Сюан - Сзан ҳокон, меҳмондорию сарват ва ӯрдуи ӯро тавсиф карда менигорад, ки дар тобеияти хон миқдори бешумори сарбозон мавҷуд буда, ҳама ҷангдидаю корозмуда мебошанд.

Нуктаи дигаре, ки дар он сайёҳон каме истироҳат кардаанд, шаҳри Тошканд буд, ки пас аз Авул-ато мусофирон ба он ҷо расиданд. Пас аз ин мусофирон ба шаҳри бостонии Самарқанд раҳсипор шудаанд. Хусусан, водии Фарғона аз ҷониби Сюан-Сзан васеъ шарҳ ёфтааст. Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки шаҳри Самарқанд дар он давраи пуртазод низ мавқеи тиҷоратии худро ҳамчун яке аз марказҳои муҳим аз даст надода буд ва бо сарвату масолеҳи кишоварзию ҳунармандӣ ва дигар маснуоти худ машҳур буд.

Шаҳри Самарқанд дар чорроҳаи тиҷоратӣ қарор дошта, тоҷирони давлатҳои мухталиф метавонистанд дар ин ҷо бо ҳам табодули молу коло намоянд. Сюан-Сзан низ дар ин ҷо, аз як тараф ба савдогарони аз Чин омада мулоқот кард ва аз дигар ҷониб бо тоҷирони ҳиндӣ вохӯрд. Суғди он замон агарчи ба мисли ҳамсояаш - Тахористон дар ҳолати парокандагии сиёсӣ қарор дошт, аммо дар мулкҳои алоҳидаи он дар бисёр соҳаҳо пешравию тараққӣ дида мешуд. Худи сайёҳ доир ба урфу одат, заковату дониши суғдиён ва кордонию маҳорати онҳо бо эҳтиром сухан баён кардааст.

Самарқанд он нуқтаи охирини ғарбие буд, ки Сюан-Сзан онро тасвир намудааст. Ӯ ҳокими Самарқандро далеру нотарс нишон дода, қайд кардааст, ки ӯ сарбозони содиқе дар ихтиёр дорад. Дар Осиёи Марказӣ дар нимаи дуввуми асри VI (солҳои 563-567) давлати абарқудрати Ҳайтолиён аз байн рафта буд [10, 129].

Дар Тирмиз Сюан - Сзан миқдори зиёди ҷамоаи буддоиёнро мушоҳида намуда, менависад, ки дар ин ҷо 10 маъбад ва зиёда аз беш ҳазор нафар роҳиби буддоӣ мавҷуданд. Ӯ инчунин аз вуҷуд доштани дайр, ҳайкалу муҷассамаҳо ва маъбадҳои буддоӣ хабар медиҳад. Тирмиз шаҳру сарватманду зебо буда, мавҷудияташ дар наздикии дарё ба имкони пешрафти иқтисодию иҷтимоии он меафзуд [7, 82].

Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо Тирмиз шаҳри бузург буда, гирду атрофи он бо деворҳои дарозу баланди мудофивӣ фаро гирифта шуда, масоҳаташ тақрибан 450 га ташкил медод [4, 33].

Сюан-Сзан дар бораи Уструшана маълумот додааст. Вай ин мулкро Сутулисена номидааст. Сайёҳ навиштааст, ки «дар Сутулисена подшоҳ ҳаст, ноҳия ба туркҳо тобеъ мебошад. Дар тарафи шимолу ғарбии ноҳия биёбони бекароне ҳаст, ки на об дораду на алаф» [12, 31].

Нуктаи дигари ҷойи исти сайёҳон шаҳри бостонии Балх - маркази Бохтар - Тахористон интихоб гашт, ки он низ маркази муҳимми тиҷоратию фарҳангӣ ва сиёсӣ ба шумор мерафту дар «Роҳи абрешим» мавқеи хосро ишғол мекард, аммо дар ин вақт он шаҳри хурде буд. Маркази қадимтарини фарҳанги эронӣ, шояд кӯҳнатарин марокизи сохти давлатдории мардуми эронӣ Балх бошад, ки дар ҷойи қулай сохта шуда, 12- фарсах дуртар аз Омуя ҷой дошт [1,37]. Дар ин ҷо маъбади бузурги Навбаҳор мавҷуд буд, лек он ҳам рӯ ба футур оварда буд.

Тавре академик Бобоҷон Ғафуров навиштааст: «…Сюан-Сзан умуман Тахористонро тасвир карда, дар бораи бисёр мулкҳои вилояти он хабар медиҳад ва андозаи масоҳати ин мулкҳо ва шаҳрҳоро меоварад. Вай аз шимол омада, аз Дарвозаи оҳанин (аз кӯҳҳои Бойсун) гузашта, ба Тухоло – Тахористон расидааст. Ба қавли вай, арзи Тахористон нисбат ба тӯлаш се баробар зиёдтар будааст. «Наҳри аъзам (дар ин ҷо номи ҳамонвақтаи хитоии Амударё оварда шудааст) сарзаминро ба самти ғарб бурида гузаштааст». Ба гуфти Сюан-Сзан, ба оли шоҳони Тахористон кайҳо қирон омада буд, бинобар ин якчанд ҳокимон дар маҳалҳои алоҳида зӯран ба сари ҳукумат баромаданд. Сарзамин аз рӯйи сарҳадҳои табиӣ ба 27 мулк тақсим буду ҳамаи онҳо ба туркҳо итоат дошт» [3, 222].

Пас аз он сайёҳон бо роҳи душворгузари Ҳиндукуш ба Бомиён расиданд. Сюан-Сзан иқлими ин ҷойро дар тобистон низ салкину сард баҳо дода, кӯҳҳои осмонбӯси онро барфпӯш қаламдод кардааст ва аз мардумони ҷангҷӯю аз баъзе афроди айёру duздпеша ёдоварӣ намудааст. Албатта, он чизе, ки ӯро ба ваҷд овард, ин он ду ҳайкали машҳури бузурги Буддо дар шахи кӯҳ буд.

Тавре маълум аст, бар асари кирдори вахшиёна дар асри XXI ин мероси фарҳангию таърихӣ қисман вайрон карда шуд. Аммо дар он вақт барои зиёрат ва тамошои он буддоиён аз гӯшаву канори олам ба Бомиён меомаданд. Ҳатто андоза ва тарҳи он барои сохтмони ҳайкалҳои азими Буддо дар Чин ва Ҷопон намунае гашт [5, 41]. Ба қавли Генри Юл, Сюан-Сзан дар байни солҳои 630-644 давлати Ҳайтолиёнро дар ҳолати парокандагӣ ва мулки онҳоро тобеи ҳоконҳои туркҳо медонад. Дар Тирмизу Хулм, Балх бахусус дар Бомиён ва ҳатто дар Андаробу Хуст ва Вахону маркази Помиру дайрҳои буддоиро дидааст [11,3].

Вақте Сюан-Сзан ба Бомиён ташриф овард, дар ин ҷо низ ӯро ҳокими ин мулк бо эҳтиром пешвоз гирифт. Дар Бомиён ҳамчунин чандин дайрҳои буддоӣ фаъолият доштанд. Тааҷҷубовар он аст, ки қайдҳои ин сайёҳ дар бораи Бомиён тақрибан пурра ба замони мо рост меояд.

Дар Ҳиндустон Сюан-Сзан беш аз даҳ сол зиндагӣ карда, тамоми вақти худро сарфи омӯзиши таълимоти Буддо ва буддоия намуд. Ӯ садҳо асару рисола ва китобҳои буддоиро мутолиа карда, бо бузургтарин донандагон, зоҳидон, файласуфон ва мубаллиғони дини буддоия ва равияҳои зиёди он аз наздик шинос шуда,

аз онҳо тамоми паҳлӯҳои ин нахустдини ҷаҳониро омӯхт, бо эшон баҳсу мунозираҳо анҷом дод, ба миқдори зиёд дар бораи буддоия китоб, ҳайкалу дастхат ва маълумоти зиёде ҷамъоварӣ намуд.

Роҳи бозгашт аз Ҳиндустон ба Чин тавассути Помир сурат гирифтааст. Бо гузаштан аз Ҳиндукуш шояд онҳо бо воситаи ағбаи Хавак ба Бадахшон омада бошанд. Ӯ дар бораи мулкҳои Вахон ва Шуғнону Читрол маълумот додааст ва аз Бадахшон ба Помир гузашта, ин манотиқро ҳаматарафа тавсиф кардааст. Дар таҳқиқоти худ В. Григорев ёде аз гузаштани роҳҳои Вахону Помир ва Қошғари сайёҳон Сюан-Сзан, Марко Поло ва Гоэси карда, душвории он роҳҳоро қайд менамояд [2,9].

Новобаста ба ҳамаи душвориҳо ҳайати корвониёни Сюан-Сзан роҳи худро давом дода, мумкин аст, ки тариқи - роҳҳои «Помири хурд» гузашта, аз рӯйи шунидаҳояш оид ба «Кӯли аждаҳо» маълумот медиҳад [6, 65]. Сипас аз Сари кӯл гузашта то ба Қошғар мерасад ва аз он ҷо бо василаи Ёркарду Хутан, Сюан-Сзан пас аз 16 соли мусофирату зиёрати ҷойҳои муқаддас ба Чин бармегардад.

Тамоми умри боқимондаи худро Сюан-Сзан ба тарҷумаи асарҳои буддоӣ ба забони чинӣ сарф кард, ки дигар ягон нафар муҳаққиқ дар ин масоил ба ӯ баробар нагашт. Сюан-Сзан ва шогирдонаш беш аз ҳазор лӯлаҳои матнҳои буддоиро ба забони чинӣ омода намуданд ва ба ганҷинаи ҷаҳонии дини буддоӣ захираи бузургеро эҳдо карданд. Шиносоӣ бо саргузашт ва фаъолияти ин гуна родмардон дар замони муосир аз аҳамият холӣ набуда, дар баробари омӯзанда будан дар таҳкими муносибатҳои фарҳангию дипломатӣ низ нақши мусбӣ мебозад.

**АДАБИЁТ**


1.Бартольд В.В. Работы по исторической географии и истории Ирана. - М.: Изд-во Вост. лит, - 2003. – 659 с.

2.Григорьев В.В. Об арабском путешественнике X века Абу-Долефе и странствовании его по Средней Азии: Исслед. Г. Григорьева. – СПб.: тип. В.С. Балашева, 1872. - 45 с.

3.Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе: Дониш, - 2008. - 870 с.

4.Исоматов М.М. Ирано-среднеазиатские взаимоотношения по «Таърихи Табари» Балъами; Таджик. гос. нац. ун-т, Кыргыз. гос. пед. ун-т им. И. Арабаева. - Душанбе-Бишкек: Эҷод, - 2006. - 182 с.

5.Мирзаев Р. Сюань Цзян: Путешествие по шелковому пути к буддийским святыням//Эхо истории. – 2004. – №1(21). – С.38-44.

6.Мушкетов И.В. Туркестан. Геологическое и орографическое описание по данным, собранным во время путешествий с 1874 по 1880 г. Имп. рус. геогр. о-во. - 2-е изд., знач. доп. Т. 1. - Петроград: тип. М.М. Стасюлевича, - 1915. – 27 с.

7.Омонтурдиев Ж. Термиз атамаси таърихдон //Вестник ТерГУ. - 2005. - №1. – С.77-82.

8.Поло Марко. Путешествия венецианца Марко Поло в XIII столетии. Пер с немец. А.Н. Шемякина. - М., - 1862. – 528 с.

9.Ртвеладзе Э.В. Великий шелковый путь. Энциклопедический справочник. Древность и раннее средневековье. - Ташкент: Узбекистон миллий энциклопедияси, - 1999. – 138 с.

10.Хмельницкий С. Между арабами и тюрками. Раннеисламская архитектура Средней Азии. - Берлин-Рига: Continent, - 1992. – 340 с.

11.Юль Г. Очерки географии верховьев Аму-Дарьи (пер. с анг. О.А. Федченко, с допол. и

примеч. А.П. Федченко, Н.В. Ханыкова и Г. Юля). - СПб.: тип. В. Безобразова и К, - 1873. – 82 с.
12.Beal S. Buddhist records of the Western world = Vol. 1: Si-yu-ki: in 2 volumes / translated from the Chinese of Hiuen Tsiang (A.D. 629), by Samuel Beal. - Kegan Paul, Trench, Trubner & Co., - 1906. - 242 с.

## САФАРИ СЮАН СЗАН БА ОСИЁИ МИЁНА

Мақола ба сафари Сюан-Сзан ба Осиёи Миёна бахшида шудааст. Сюан-Сзан аз қабили он сайёҳоне буд, ки маълумоти ҷамъовардаи ӯ барои рушди илми таърих аҳаммияти басо муҳим дорад. Новобаста ба шароити номусоиди таърихӣ Сюан-Сзан аз мулкҳои зиёди ҳамсоя дидан кардааст. Аз ҷумла, ӯ ба Осиёи Миёна омада, дар бораи баъзе шаҳру вилоятҳои он маълумоти ҷолиб додааст. Сюан - Сзан дар бораи мулкҳои Суғди асримиёнагӣ аз қабили Мимокия ё Мимохэ (Маймурғ), Сзебудан (Кабудон), Сюйшуаннисзя (Кушония), Бухэ (Бухоро), Сзешуанна (Кеш) ва ғайра сухан меронад.

Ахбори ӯ доир ба Иссиққӯл, Тошканд, Самарқанд, водии Фарғона, Тахористон ва мулкҳои вай - Да-ми (Тирмиз), Чи-о-ян-на, Сзюй-хэ-ян-на (Қабодиён), Хо-ша (Вахш), Хатлон, ҳамчунин Помир ва маҳалҳои дигари Осиёи Миёна муҳимияти хоса доранд. Сюан-Сзан ҳамчунин дар бораи соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ, либосҳои мардумӣ, забон ва хат, урфу одатҳои маҳаллӣ навиштааст.

**Калидвожаҳо:** *Суғд, Фарғона, Тахористон, Помир, ҳудуди ҷуғрофӣ, забони маҳаллӣ, хат, урфу одат.*

## ПОЕЗДКА СЮАНЬ - ЦЗАНА В СРЕДНЮЮ АЗИЮ

Статья посвящена поездке Сюань-Цзана в Среднюю Азию. Сюань-Цзан относится к путешественникам, чьи собранные сведения имеют огромное значение для развития исторической науки. Несмотря на неблагоприятные исторические условия, Сюань-Цзан побывал в соседних владениях. В частности, находясь в Средней Азии, он предоставил сведения о некоторых городах и областях этого региона. Он описывал города средневекового Согда, включая Мимокию или Мимохэ (Маймург), Сзебудан (Кабудон), Сюйшуаннисзя (Кушония), Бухэ (Бухара), Сзешуанна (Кеш) и другие.

Его данные о Иссыкуле, Ташкенте, Самарканде, Ферганской долине, Тохаристоне и его владениях - Дами (Термез), Чи-о-ян-на, Сзюй-хэ-ян-на (Кабадиян), Хо-ша (Вахш), Хатлоне, а также Памире и других поселениях Средней Азии имеют особое значение. Сюань-Цзан также писал о сельском хозяйстве, животноводстве, одежде, языках и письменности, а также народных обрядах местного населения.

**Ключевые слова:** *Согд, Фергана, Тохаристон, Памир, географические границы, местный язык, письменность, обряды.*

## SYUAN - SZAN 'S TRIP TO CENTRAL ASIA

The article is devoted to Syuan-szan's trip to Central Asia. Syuan-szan is one of those travelers whose collected information is of great importance for the development of historical science. Regardless of the unfavorable historical conditions, Syuan-szan g was in neighboring possessions. In particular, while he is in Central Asia, he gives information about some of its cities and regions. He wrote about the cities of medieval Sogd, including Mimokia or Mimokhe (Maymurg), Szebudan (Kabudon), Syushuanniszya (Kushonia), Buhe (Bukhara), Szeshuanna (Kesh) and others.

His information about Issikkul, Tashkent, Samarkand, the Fergana Valley, Tokhariston and his possessions - Dami (Termez), Chi-o-yan-na, Szyu-he-yan-na (Kabadiyan), Kho-sha (Vakhsh), Khatlon, as well as the Pamirs and other settlements in Central Asia, are of particular importance. Syuan-szan also wrote about agriculture, animal husbandry, clothing, languages and writing, and folk rituals of the local population.

**Key words:** *Sogd, Fergana, Tokhariston, Pamir, geographical boundaries, local language, writing, rituals.*

**Сведения об авторе: Аюбов Абдусалом Рауфович -** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой всеобщей истории. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: *abdusalom-1@mail.ru.* Тел.: (+ 992) 927-09-06-65.

**Information about the author: Ayubov Abdusalom Raufovich -** Khujand State University named after B. Gafurov, doctor of historical sciences, professor, head of the Department of World History. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1. E-mail: *abdusalom-1@mail.ru.* Phone: (+ 992) 927-09-06-65.

**УДК: 94(55):327.4(571.1)**

# ҲОДИСАҲОИ ҚАРШИИ СОЛИ 1868 – МУҚАДДИМАИ ЭКСПЕДИТСИЯИ ИСКАНДАРКӮЛ

**ОДИНАЕВ А.Н.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

**Л.В. БОЖИНСКАЯ (АРАНДАРЕНКО), С.Л. БОРОШКО,**
**Донишгоҳи федералии Ҷанубӣ, шаҳри Ростови лаби Дони Федератсияи Русия**

Соли 1868 дар рафти воқеаҳое, ки ба номи «Ҳодисаҳои Қаршӣ» маъруфанд, императори Русия бо амири Бухоро Музаффар муоҳидаи сулҳ баст ва марзҳои тарафайнро таъйин намуда, бо ҳамин ҳузури худро дар ин минтақа тасбит кард. Маълум шуд, ки ин ҳодисаҳо барои экспедитсияи Искандаркӯл ва тақвияти минбаъдаи мавқеи Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна муқаддимае буданд. Дар ин мақола дар бораи ҷанге, ки сабаби шикасти лашкари амири Бухоро ва ҷузъиёти паймони сулҳ, ки аморати Бухороро ба таҳтулвасоя (протекторат)-и Русия табдил дода буд, сухан меравад. Дар партави ин воқеаҳо, ҳамчунин дар ин мақолаи мазкур иттилооти мухтасаре дар мавриди зиндагӣ ва фаъолияти генерал - майор А.К. Абрамов ироа медиҳем, ки яке аз чеҳраҳои калидӣ дар созмондеҳӣ ва иҷрои эъзомияҳои низомиву илмии водии Зарафшон буд.

Дар моҳи августи соли 1868 А.К. Абрамов ба Кауфман хабарнома дар бораи «ихтиёран ба Русия ҳамроҳ шудани Панҷакент»-ро фиристод. Сарфи назар аз норозигии Департаменти осиёӣ аз фаъолияти ҳарбӣ ва «васеъ кардани марзҳои» империя, Кауфман иҷозат дод, ки Панҷакент ба ҳайати округи Зарафшон дохил карда шавад [8, в. 26].

Ба ин муносибат ба мақсад мувофиқ аст, ки нахуст дар бораи ҳаёт ва фаъолияти фармондеҳии экспедитсияҳои ҳарбию илмии водии Зарафшон генерал - майор А.К. Абрамов маълумот диҳем.

А.К. Абрамов аз дворянҳои губернияи Новгород баромада, дар Полки дворянҳо таҳсил намуда, 17 апрели соли 1854 ба вазифаи размсоз (прапоршик)-и артиллерия хизмати ҳарбиро оғоз кардааст. Ҳашт сол дар рутбаи якуми афсарӣ монд. Дар соли 1862 размсоз (прапоршик) А.К. Абрамов ба Осиёи Миёна ба хизмат омад. Дар соли аввали хизмат дар Осиёи Миёна, ҳангоми ҳуҷуми қалъаи

Хӯқанд Пишпек (ҳоло пойтахти Қирғизистон, Бишкек) 14 октябри соли 1862 А.К. Абрамов аз сараш сахт захмдор шуд - қисми болоии косахонаи сараш бо зарбаи пораи гулӯла (снаряд) маҷруҳ шуд. Пораи снаряд қисмати болоии сарро шикаст ва аз ҳамин сабаб то охири ҳаёт сарашро бо як кулоҳаки сиёҳи хурде, ки доғҳои сершумори онро пинҳон мекард, мепӯшонд [1, 6].

Болоравии босуръати касбии минбаъдаи ӯ ҳайратовар аст – пас аз 6 сол, соли 1868 А.К. Абрамовро ба унвони генерал - майор сардори ноҳияи навтаъсиси округи Зарафшон таъйин карданд.

А.К. Абрамов ба маъюбияш нигоҳ накарда, дар саф монд ва қариб дар ҳамаи муҳорибаҳои калони Осиёи Миёна - забт кардани қалъаи Авлиёато, ишғол кардани Чимкент, қалъаи Чинос дар Сирдарё фаъолона иштирок намуд ва дар муҳорибаи Ирҷор (Эрҷор) кордониву уҳдабароияшро исбот кард. Дар забт кардани Хуҷанд, Тошканд, дар задухӯрдҳои ҳарбӣ бо қӯшунҳои амири Бухоро корномаҳо нишон дод. Дар муддати оромиҳои нопойдор вазифаҳои ҳарбӣ - маъмуриро иҷро мекард, ба вазифаи коменданти Ҷиззах таъйин шуд. Ҳукмронии ӯ бо қатъияту уҳдабароияш фарқ мекард - А.К. Абрамов қалъаи ҳарбии Бухоро - Янгиқӯрғонро, ки гурӯҳҳои мусаллаҳи хони Бухоро аз ин истеҳком ба корвонҳои силоҳу озуқаи русҳо ҳуҷум мекарданд, вайрон намуд. Барои корномаҳояш дар набардҳо бо аксари орденҳои империяи Русия мукофотонида шудааст [1; 6].

Дар баробари хислатҳои мусбати шахсии А.К. Абрамов ҳамзамононаш қувваю кордонӣ, муоширати хуб, хоксорӣ ва саховатмандиашро қайд кардаанд. А.К. Абрамов соҳиби ақли расо, хотираи нодир ва афсари далер буд. Ҷанговари шуҷоъ, ҳамеша дар маркази ҷанг, дар пеши назари ҳама, бо ҳузури худ, ҳам афсарон ва ҳам аскаронро руҳбаланд мекард, дар лаҳзаҳои ҳалкунанда таваккал карданро дӯст медошт, ба истеъдоди ҷангӣ ва хушбахтии худ бовар дошт. Ҳама роҳбарони болоӣ ба А.К. Абрамов эътимоди қавӣ доштанд, чунки тамоми амалиёти ӯ бомуваффақият ва ғалабаи доимӣ анҷом меёфтанд.

Дар лаҳзаҳои оромӣ А.К. Абрамов барои як задухӯрди дигар омодагӣ медид ва дар муҳорибаҳои оянда низ бо қаҳрамониҳояш фарқ мекард. Соли 1879 баъди 17 соли ҷангҳои пай дар пай дар Туркистон ба А.К. Абрамов рутбаи генерал - лейтенант дода шуд ва узви комиссияи муаллифони Низомномаи идораи Туркистон таъйин гардид. Ӯ 25 октябри соли 1886 дар синни панҷоҳсолагӣ дар Симферопол вафот кард ва дар қабристони низомии Симферопол ба хок супорида шуд [12, 6; 63]. Дар ҳар як тарафи санги қабри ӯ, ки дар шакли пирамида сохта шудааст, суханони «Генерал-лейтенант», «Абрамов», «Александр Константинович», «Мардуми Фарғона миннатдор» ҳаккокӣ шудааст.

Мутаассифона, пас аз Инқилоби Октябр қабри ӯ вайрон шудааст.

### Экспедитсияи Қаршӣ (моҳи октябри 1868)

Экспедитсияи Қаршӣ, ки моҳи октябри соли 1868 оғоз шуда буд, аввалин экспедитсияи зарафшонии А.К. Абрамов буд.

Пас аз шикаст ва аз даст додани як қисми сарзаминҳо, вазъи иқтисодии амо-

рати Бухоро бадтар шуд. Аз сабаби зарурати пардохти товони ҷанг ва барои ҷуброн намудани даромади андозҳои аз даст рафтаи бекигариҳои Самарқанд ва Каттақӯрғон истисмори аҳолӣ пурзӯр гардида, норозигии мардум вусъат меёфт. Табақаи руҳонӣ, бахусус эшонҳо аз ин ҳиссиёти норизогӣ ва эътирозҳои мардум ба муқобили амири Бухоро истифода бурданд. Маркази сиёсии онҳо шаҳри Қаршӣ буд. Дар ин ҷо қувваҳои зидди амир ҷамъ омада, писари калонии ӯ Каттатӯра ва бекҳои Шаҳрисабз бо роҳбарии Ҷӯрабий ва Бобобий бар зидди амир Музаффар шӯриш бардоштанд. Каттатӯра аз Бухоро ба Қаршӣ рафта, худро хон эълон намуд. Музаффар кӯшиш мекард, ки душманонашро торумор намояд. Қушунҳои ӯ ба Қаршӣ (Насаф) ҳамла бурда, аскарони Каттатӯраро бо тарафдоронаш, ки ба саҳроҳои Шаҳрисабз фирор карда буданд, пеш карданд. Амир аз дунболи онҳо ба Шаҳрисабз ва Китоб рафт. Дар ноҳияи Чироқчӣ задухурд байни лашкари амир Музаффар ва лашкари Каттатӯра ва бекҳои Шаҳрисабз ногузир буд. Дар ин вақт ба амир дар бораи шӯриш дар шимолу шарқии хонигарӣ, ки Содиқсултон шаҳрҳои Нурато ва Карминаро ишғол карда буд, хабар расид. Музаффар маҷбур шуд, ки ба Кармина равад. Шӯриши Содиқсултон фурӯ нишонда шуд, амир ба Бухоро баргашт. Каттатӯра аскар ҷамъ карда, Қарширо аз нав забт намуда, ният дошт, ки Музаффарро сарнагун карда, шартномаи сулҳи бо Русия басташударо бекор кунад.

Амир Музаффар ноустувории мавқеи худро дарк карда, ба сардори округи Зарафшон А.К. Абрамов муроҷиат намуда, хоҳиш кард, ки ба ӯ ёрӣ расонад. А.К. Абрамов дар гузориши худ ба Кауфман дар бораи вазъияти Бухоро ва сабабҳое, ки ӯро маҷбур кардаанд, ки ба ниятҳои душманонаи писари амир дахолат кунад, маълумот медиҳад: «Писари амир (Каттатӯра) бо мусоидат ва ёрии бекҳои Шаҳрисабз шаҳри Чироғчиро ба тасарруфи худ гирифт ва ба зудӣ лашкаре тақвият дод. Бо Содиқ ҳамкорӣ намуда, Каттатӯра ҳатто барои беки Кармина шудан ярлиқ дод ва онҳо мехостанд амирро то Бухоро таъқиб карда, ӯро барканор ва муоҳадаи сулҳро бо Русия бекор кунанд» [4, 241-249].

Вазъияти аморати Бухоро нақшаҳои Ҳукумати подшоҳиро нақз мекард. Вай бо Бухоро шартномаи сулҳи барои худ манфиатдорро баста буд. Ҳукумати подшоҳӣ ба мустаҳкам шудани ҳокимияти амир ва беҳтар шудани робитаҳои иқтисодии Русияву Бухоро ва пурзӯр намудани нуфузи империяи Русия дар Бухоро манфиатдор буд. Аз ин рӯ, фон-Кауфман ба А.К. Абрамов фармуд, ки хоҳиши Музаффарро қонеъ кунад: «Ҷӯрабий худро чунон мустақилу тавоно мешуморад, ки ба огоҳӣ ва таҳдидҳои мо заррае эътибор намедиҳад. Ман тасмим гирифтам, ки ба Ҷӯрабий нишон диҳам, ки мавқеаш он қадар амн нест ва дарае, ки ӯро аз мулкҳои мо ҷудо мекунад, барои дар як рӯз ба он расидан монеае шуда наметавонад» [4].

3 октябр аввалин отряди капитан А.Д. Гребенкин ба деҳаи сарҳадии Ҷон омад ва бекҳои Шаҳрисабзро безобита кард. Ҷамъоварии минбаъдаи аскарон дар Ҷон онҳоро нигарон намуда, тарсонд: «Ҷӯрабий ва Бобобий ҷамъ омадани аскарони моро дар Ҷон аз вазъи ноором̄ӣ амир истифода бурдан ва барои кирдорҳои пештараашон нисбат ба мо дар наздикии Самарқанд ҷазо додани онҳо талаққӣ

намуданд <...> Ман ба хотири он ки писари амир мақсади лашкаркашии моро равшантар фаҳмад ва дар нияти худ ба муқобили амир эҳтиёткор бошад, ба воситаи ҷосусҳо дар байни аҳолӣ овоза паҳн кардам, ки мо на танҳо ба нақшаҳои Каттатӯра тарафдор нестем ва дар Бухоро табаддулот намехоҳем <...> балки ҳуҷуми ӯ ба сӯйи Бухоро метавонад ба зарари ӯ анҷомад» [11].

А.К. Абрамов ба дастае сардорӣ мекард, ки аз 4 то 7 октябр ба деҳаи сарҳадии Ҷони Самарқанд ва Каттақӯрғон омада, аз 7 ротаи пиёдагард, 2 садаи казакҳо ва 6 тӯп иборат буд» [11, 80].

9 октябр вай отряди ҷосусии А.Д. Гребенкинро ба Чироғчӣ фиристод:

Ин амал маро бовар кунонд, ки писари амир дар Чироғчӣ нест ва ӯ дубора Қарширо ишғол намуда, лашкар ҷамъ карда истодааст ва боз бо Ҷӯрабий ҳамкориву робита барқарор кардааст. Бо дарназардошти тамоми шароит маълум буд, ки сарчашмаи тамоми кирдорҳои писари амир – Ҷӯрабий будааст.

А.К. Абрамов 10 октябр дар роҳи Шаҳрисабз амалиёти таҷассусӣ анҷом дод. Ӯ аскарони пиёдагардро дар рӯди кӯҳии Қайкам гузошта, бо аскарони савора ва бо взводи артиллерия ва саворахо аз дара гузашта, ба баромадгоҳи водии Шаҳрисабз расид. Дар пеши назараш тамоми водии шаҳрҳои Китоб, Шаҳрисабз, Шаматан, Ӯртақӯрғон ва Даик доман паҳн карда буданд. Ин 5 шаҳр, ки бо девори ягона иҳота шудаанд, аз даҳанаи дара намоён буданд.

Ҳаракати босуръати дастаи ҳарбии А.К. Абрамов ногаҳонӣ пайдо шуда, бо роҳи душвори кӯҳӣ поён фаромадани онҳо, ки басо душвор ҳисоб мешуд, барои Ҷӯрабий ва Бобобий ғайримунтазир буд. А.К. Абрамов дар гузоришаш ба Кауфман хабар дод, ки аз пайдо шудани ногаҳонии қӯшунҳои рус тарсида, омадани дастаи таҷассусиро бо нияти забт кардани Шаҳрисабз гумон карданд:

Онҳо ба воҳимаи комил афтода, дарҳол қувваи ягонаи худ - халқро ба мусаллаҳшавӣ даъват карданд. Аммо мардум ба даъвати онҳо, чунон ки онҳо интизор доштанд, ҷавоб надоданд ва ба кӯҳистон паноҳ бурданро авлотар донистанд <...> Сипас, Ҷӯрабий ва Бобобий ба писари амир муроҷиат карданд. Онҳо аз ӯ хоҳиш намуданд, ки лашкари худро, ки ҳанӯз дар Қаршӣ қарор дошт, ба ёрии онҳо фиристад. Каттатӯра ин муроҷиати муттакои ягонаи худ – Ҷӯрабийро рад карда наметавонист, аз ин рӯ, дар рӯзи 14-ум қариб 4 ҳазор нафарро бо чанд тӯп ба ёрии онҳо фиристод [8].

Амалиёти таҷассусӣ ва иктишофии дастаи А.К. Абрамов дар рӯзи 14 –уми октябр дар роҳи Қаршӣ нишон дод, ки аҳолии водии Шаҳрисабз нияти Каттатӯраро дастгирӣ накарда, балки сулҳу оромиро мехоҳанд.

А.К. Абрамов овоза паҳн кард, ки агар Ҷӯрабий ва Бобобий бо русҳо душманӣ кунанд, ба мулки онҳо омада, онҳоро вайрон мекунад. Ҷӯрабий хабарбарони худро ба Самарқанд фиристод ва ба А.К. Абрамов расонд, ки аз корҳои кардааш пушаймон буда, мехоҳад, бо русҳо бо сулҳу рафоқат зиндагӣ кунад. Каттатӯра иттифоқчиёни худро аз даст дода, ба Бухоро ҳуҷум карда натавонист.

Амир Музаффар аз Абрамов дар бораи мақсади дастаҳои рус, ки дар Ҷон ҷамъ омада буданд, маълумот гирифта, ба Бухоро баргашт. Амалиёти дастаи Абрамов амирро аз ҳамлаи бекони Шаҳрисабз ва писари калониаш ба Бухоро дар

амон монд. Музаффар ба номаи Абрамов посух надод, то дар муқобили душманони дохилӣ беқувват будани худро нишон надиҳад. Абрамов ба амир мактуби дуюм фиристод. Дар он гуфта мешуд, ки агар вай хоҳиши зудтар дар вилоят барқарор кардани оромиро хоҳад, бояд ба Қаршӣ лашкар кашад. Абрамов ба ҷавоби амир мунтазир нашуда, ҳамроҳи дастаи Ҷам ба Қаршӣ ҳаракат намуд. Вай 21 октябр бо лашкари Каттатӯра ба ҷанги аввалин дохил шуда, то 23 октябр ғалабаи боварибахш ба даст овард. Талафоти умумии сарбозони Русия 2 кушта ва 11 захмӣ буд. Каттатӯра ба Шаҳрисабз гурехт. 27 октябри соли 1868 А.К. Абрамов ҳокимияти воҳаи Қарширо ба намояндагони амир, ки баъди ҷанг омада буданд, супорид [11, 80].

«Амалҳои А.К. Абрамов, – менависад Л. Соболев, комилан бо барномаи сиёсӣ мутобиқат дошт, ки давлати мо (яъне, ҳукумати подшоҳӣ), дар Осиёи Миёна хоҳони пайравӣ аз он буд.

Бо вуҷуди ин, Ҳукумати мо ба таври куллӣ хоҳони тасарруфоти ҷадиде набуд, бо ин вуҷуд мебоист вазни лозимро дар назари ҳокимони Осиёи Миёна ба даст овард ва онҳоро ба нотавонии худ дар баробари империяи Русия огоҳ мекард.

Бадеҳист, ки агар барои расидан ба ин ҳадаф, лозим буд аз зӯри аслиҳа истифода шавад, давлат дар иҷрои ин иқдом тардид намекард. Аммо замоне ки ҳадаф ҳосил шуд, замоне ки ҳамсоя таҳти тасаллути шароите қарор гирифт ва дигар талоше барои муборизаи ҷадид намекунад, чорае ҷуз таҳаммули чунин ҳамсояе боқӣ намемонад.

Амири Бухоро пас аз бастани сулҳ бо ин вазъият рӯ ба рӯ буд.

А.К. Абрамов бо таваҷҷуҳ ба ҳифзи равобити «дӯстона» бо Бухоро, ки тавассути генерал-адъютант фон-Кауфман барқарор шуда буд, чорае ҷуз саркӯб мухолифати Каттатӯрро намедид» [10, 3].

А.К. Абрамов дар гузориш ба Кауфман навишта буд: «Ҷаноби олӣ, аз ҳамаи маълумотҳои дар боло оварда маълум мешавад, ки аз ҷониби тамоми корҳо барои дастгирии амир сурат гирифтааст. Натиҷаи дахолати мо комилан равшан аст: бе ин амалиёт амир, агар ба Бухоро мерасид, дер ҳукмронӣ намекард. Аз як тараф Каттатӯра ва Ҷӯрабий, аз тарафи дигар Содиқ кори худро бе душворӣ ба охир мерасонданд. Ҳоло яке аз онҳо аллакай несту нобуд шудаасту дигаре қариб беқувват аст. Минбаъд чӣ мешавад, ба амалиёти худи амир вобаста аст» [4].

А.К. Абрамов барои ишғол кардани шаҳри Қаршӣ, ки аз тарафи шӯришгарон ишғол шуда буд, бо «Шамшери тиллоӣ» бо навиштаҷоти «Барои шуҷоат» мукофотонида шуд.

Бадарға кардани Каттатӯра ва ба амири Бухоро баргардондани шаҳри Қаршӣ дар хонигарӣ тартиботро барқарор намуда, ба амир имкон дод, ки бекигариҳои Ҳисор, Деҳнав ва Қаротегинро, ки аз Бухоро гирифта шуда буданд, баргардонад. Ин дастгирӣ ба амир исбот намуд, ки ҳузури қушунҳои рус дар қаламрави аморати Бухоро аз аҳамият холӣ нест.

Дар натиҷаи воқеаҳои Қаршии соли 1868 маълум гардид, ки марказгурезӣ ва

ҷудоихоҳиҳои дохилӣ дар аморати Бухоро устувории онро ба таври ҷиддӣ халалдор мекунанд. Мушкилоти иқтисодие, ки дар натиҷаи аз даст додани ҳудудҳо ва зарурати пардохти товон ба амал омада буд, норозигии аҳолиро боз ҳам бештар кард. Шӯриш бо сарварии писари амир Каттатӯра дар шаҳри Қаршӣ ва бекҳои Шаҳрисабз дастгирӣ ёфт. Аммо тасмими дурусти амир Музаффар, ки дар симои А.К. Абрамов аз русҳо кумак хостааст, боиси пешгирии исён гардид. Абрамов амалиёти иктишофию таҷассусиро бомуваффақият гузаронида, ба амалиёти қатъии баъдина, омода будани худро нишон дода, ҳарифони худро ба ақибнишинӣ маҷбур кард.

Ҳамин тариқ, дахолати дипломатии русҳо ба ҳодисаҳои аморати Бухоро ба нигоҳдории субот ва таҳкими ҳокимияти амир мусоидат кард, ки ин дар навбати худ ба манфиати империяи Русия дар минтақа мувофиқ буд.

## АДАБИЁТ


1. Абрамов А.К. Генерал-лейтенант А.К. Абрамов, начальник Ферганского отряда// Всемирная иллюстрация. – №531. – [Рис. П.Ф. Борель, гравир. Ю. Барановский]. – Туркестанский сборник. – Том 287. – С. 9-11.

2. Бухара. Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. Т. V. 1891. – С. 97-108.

3. Генерал-лейтенант А.К. Абрамов (Некролог)//Туркестанский сборник. – 1883. – Т. 411. – Санкт-Петербург, 1883. – С. 318-319.

4. Государственный архив Российской Федерации. Ф. Л 15. Оп. 1. Д. 37. Л. 241-249.

5. Дмитриев Г.Л. Самаркандский вопрос в русско-бухарских отношениях 1867–1873 гг. / Г.Л. Дмитриев//Материалы по истории присоединения Средней Азии к России/ред. П.А. Ковалев, А.М. Ташмухамедов, Г.Л. Дмитриев. Ч. I. Ташкент: Изд-во Ташкент. гос. ун-та им. В.И. Ленина, - 1969. – С. 74–92. Материалы по истории присоединения Средней Азии к России: Сборник статей. Ч. 1 /Ред. коллегия: д-р ист. наук П.А. Ковалев [и др.]. – Ташкент: [б. и.], - 1969. – 158 с. (Научные труды…/ Ташк. гос. ун т им. В.И. Ленина; Вып. 343).

6. Иванов Д. Памяти А.К. Абрамова//Туркестанский сборник. – 1883. – Т. 397. – Санкт-Петербург, -1883. – С. 157–163.

7. Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. – С. -Петербург: Военная тип. - 1890. – С. 274.

8. Национальный Архив Узбекистана. Ф. КТГГ, Оп. 34, Д. 20, Л. 26.

9. Пирушмоев Х. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений. – Душанбе: Российско-Таджикский ун-т. - 2009. – 687 с.

10. Соболев Л.Н. Среднеазиатская политика России в 1875 году/Л.Н. Соболева//Голос. – 1875. – № 195. – С. 1–3. (16 (28) июля).

11. Хронологический указатель военных действий русской армии и флота. – С. -Петербург: Военная тип. Т. IV. 1911. – С. 80.

12. Чернопятов В.И. Некрополь Крымского полуострова. – Москва, 1910. – С. 6.


## КАРШИНСКИЕ СОБЫТИЯ 1868 Г. – ПРОЛОГ К ИСКАНДАРКУЛЬСКОЙ ЭКСПЕДИЦИИ


В данной статье исследуются ключевые события, произошедшие в 1868 году и известные как «Каршинские события», а также их влияние на последующие события в Средней Азии. В результате этих событий Российская империя заключила мирный договор с бухарским эмиром Музаффаром, укрепив свои позиции в регионе. Также рассматриваются боевые действия, приведшие к поражению бухарской армии, и подробности мирного договора, который превратил Бухарское ханство в протекторат России.

В статьи также освещаются на жизнь и деятельность генерала А.К. Абрамова - ключевой

фигуры в организации и выполнении Зеравшанских военно-научных экспедиций, способствовавших укреплению влияния России в Средней Азии. Рассмотрены важнейшие боевые события, такие как битва при Зирабулаке, завоевание Самарканда и другие, подчеркивая превосходство русской армии над армией Музаффара.

В заключение статьи отмечается, что после подписания мирного договора 1868 года в Бухарском эмирате начался период смуты, в ходе которого русские войска активно участвовали в подавлении мятежей и расширении границ Российской империи в Средней Азии. Генерал Абрамов, несмотря на тяжелое ранение, продолжал активное участие в военных действиях и стал главным организатором Зеравшанских военно-научных экспедиций, подчеркивая его важную роль в истории этого периода.

**Ключевые слова:** *Бухара, Российская империя, мирный договор, Средняя Азии, Бухарский эмират, Самарканд, сын эмира, войска, эмир, Туркестанское генерал-губернаторство.*

## ВОҚЕАҲОИ ҚАРШИИ СОЛИ 1868
## - МУҚАДДИМАИ ЭКСПЕДИТСИЯИ ИСКАНДАРКӮЛ

Дар ин мақола, рӯйдодҳои асосии соли 1868, ки бо номи «Ҳодисаҳои Қаршӣ» маъруфанд ва таъсири онҳоро ба рӯйдодҳои минбаъдаи Осиёи Миёна баррасӣ гардида, ки дар натиҷаи ин ҳодисаҳо империяи Русия бо амири Бухоро Музаффар шартномаи сулҳ баста, мавқеи худро дар минтақа мустаҳкам кард. Инчунин ҷангҳое, ки боиси шикасти лашкари Бухоро гардид, тафсилоти шартномаи сулҳ, ки аморати Бухороро ба таҳтулвасояи Русия табдил дод, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мақола инчунин, ба ҳаёт ва фаъолияти генерал А.К. Абрамов, шахсияти муҳимми экспедитсияҳои ҳарбӣ - илмии Зарафшон, ки дар таҳкими нуфузи Ҳукумати подшоҳии Русия дар Осиёи Миёна саҳм гузоштааст, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муҳимтарин воқеаҳои ҷангӣ, аз қабили муҳорибаи Зирабулоқ, фатҳи Самарқанд ва ғайраҳо баррасӣ шуда, бартарии лашкари русро бар лашкари амири Бухоро – Музаффар таъкид мекунанд.

Хулоса, дар мақола қайд карда мешавад, ки баъди тасвиби аҳдномаи соли 1868 дар аморати Бухоро давраи нооромиҳо оғоз ёфт, ки дар ин давра лашкари рус дар пахш кардани шӯришҳо ва васеъ намудани сарҳадҳои империяи Русия дар Осиёи Миёна фаъолона иштирок намуданд. Генерал А.К. Абрамов бо вуҷуди сахт захмӣ шуданаш дар муҳорибаҳои ҷангӣ фаъолона иштирок карда, мубтакири асосии экспедитсияҳои ҳарбиву илмии водии Зарафшон гардид ва нақши муҳимми ӯро дар таърихи ин давра таъкид намудем.

**Калидвожаҳо:** *Бухоро, Империяи Русия, аҳдномаи сулҳ, Осиёи Миёна, аморати Бухоро, Самарқанд, писари амир, лашкар, амир, Генерал-губернатори Туркистон.*

## CARSHIN EVENTS OF 1868 – PROLOGUE TO THE
## ISKANDARKUL EXPEDITION

This article explores the key events that took place in 1868, known as the Karshi Events, and their impact on subsequent developments in Central Asia. As a result of these events, the Russian Empire concluded a peace treaty with the Emir Muzaffar of Bukhara, strengthening its position in the region. The hostilities that led to the defeat of the Bukhara army and the details of the peace treaty that turned the Bukhara Khanate into a Russian protectorate are also examined.

The article also focuses on the life and activities of General A.K. Abramov, a key figure in the organization and execution of the Zarafshan military and scientific expeditions that contributed to the strengthening of Russia's influence in Central Asia. The most important military events, such as the battle of Zerabulak, the conquest of Samarkand and others, are considered, emphasizing the superiority of the Russian army over the army of Muzaffar.

The article concludes by noting that after the signing of the peace treaty of 1868, a period of turmoil

began in the Bukhara Emirate, during which Russian troops actively participated in suppressing rebellions and expanding the borders of the Russian Empire in Central Asia. General Abramov, despite a serious injury, continued to actively participate in military actions and became the main organizer of the Zarafshan military and scientific expeditions, emphasizing his important role in the history of this period.

**Key words:** *Bukhara, Russian Empire, peace treaty, Central Asia, Bukhara Emirate, Samarkand, son of the emir, troops, emir, Turkestan Governor-General.*

**Сведения об авторах: Одинаев Абдумавлон Назирович** – младший научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. E-mail: abdumavlon1987@gmail.com

ORCID идентификатор: https://orcid.org/0000-0002-9730-8735.

Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, 734025, проспект Рудаки, 33, ул. Академиков Раджабовых, д. 9.

**Божинская (Арандаренко) Людмила Васильевна** - M.S.; Южный Федеральный Университет, г. Ростов-на-Дону, Российская Федерация. Л.В. Божинская (Арандаренко) - прямой потомок дворянского рода Арандаренко по мужской лини и дворянского остзейского рода фон Мебес по женской линии. E-mail: lvbor2017@mail.ru

Адрес: Российская Федерация, г. Ростов-на-Дону, 344058, улица 2-я Краснодарская, д. 135, кв. 26.

ORCID идентификатор: https://orcid.org/0000-0003-1842-1498

**Борошко Сергей Леонидович** - Ph.D in Chemical Sciences; Южный Федеральный Университет, г. Ростов-на-Дону, Российская Федерация. Директор и учредитель компании «Ольвекс Диагностикум-Юг», г. Ростов-на-Дону, Российская Федерация. E-mail: slbolvex@rambler.ru

ORCID идентификатор: https://orcid.org/0000-0001-7587-2557

Адрес: Российская Федерация, г. Ростов-на-Дону, 344058, проспект Коммунистический, 25/3, кв. 134.

**Information about the authors: Odinaev Abdumavlon Nazirovich** is a Junior Researcher at the Department of Ancient, Medieval, and Modern History of the Institute of History, Archaeology, and Ethnology, A. Donisha National Academy of Sciences of Tajikistan.

E-mail: abdumavlon1987@gmail.com

ORCID Identifier: https://orcid.org/0000-0002-9730-8735

Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 734025, Rudaki Avenue 33, st. Akademiki Radzhabov, building 9.

**Bozhinskaya (Arandarenko) Lyudmila Vasilievna** - M.S.; Southern Federal University, Rostov-on-Don, Russian Federation. L.V. Bozhinskaya (Arandarenko) is a direct descendant of the noble family Arandarenko on the male line and the noble Baltic family von Mebes on the female line.

E-mail: lvbor2017@mail.ru

Address: Russian Federation, Rostov-on-Don, 344058, 2nd Krasnodarskaya street, 135, apt. 26.

ORCID identifier: https://orcid.org/0000-0003-1842-1498.

**Boroshko Sergey Leonidovich -** Ph. D in Chemical Sciences; Southern Federal University, Rostov-on-Don, Russian Federation. Director and founder of the «Olvex Diagnosticum-South» company, Rostov-on-Don, Russian Federation. E-mail: slbolvex@rambler.ru

ORCID identifier: https://orcid.org/0000-0001-7587-2557

Address: Russian Federation, Rostov-on-Don, 344058, Kommunistichesky Avenue, 25/3, apt. 134.

УДК: 02:316 (575.3)

# ОПРЕДЕЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ РОЛИ БИБЛИОТЕК В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**РАДЖАБЗОДА С.С.,**
**Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде**

Начало 20-х годов после образования ТАССР для молодого Таджикистана были тяжелыми годами - восстановление Советской власти, борьба с басмачеством, создание органов власти, организаций и учреждений, в том числе создание культурно-просветительных учреждений. Предстояло саздать библиотеки и определить их социальные функции. По словам известного советского библиотековеда А.Н. Ванеева «Важнейшее значение для определения социальной роли библиотек имели указания VIII съезда партии о тесной связи просвещения с политикой, об общности целей всех политико-просветительных учреждений и подчинении их хозяйственно-политическим задачам страны».

В резолюции «О политической пропаганде и культурно-просветительной работе в деревне» съезд подчеркнул, что общее образование – школьное и внешкольное – «должно тесно примыкать к коммунистической пропаганде» [1, 23].

В эти годы, и дальнейшее резолюция данного съезда стала для советских библиотек директивой. Клубы и библиотеки стали создаваться в тяжелых условиях становления Советской власти в республике. Однако после библиотек при частях Красной Армии, также стали создаваться в культурных центрах, городах и сёлах. Постепенно настало и время организации городской библиотеки в столице республики городе Душанбе. Итак, на заседании коллегии Наркомпроса Таджикской ССР от 13 декабря 1925 г. официально был рассмотрен вопрос о создании городской библиотеки в Душанбе, на базе библиотеки-читальни. А в 1929 г. она была преобразована в республиканскую библиотеку. В 1927 г. в Таджикистане уже работали 28 культурно-просветительных учреждений, обслуживающих городское и сельское население. Была открыта библиотека в г. Душанбе с фондом более 4 тыс. книг на русском, таджикском и узбекском языках. Кроме того, имелись 3 сельские библиотеки с фондом 3900 книг [2, 316-317].

Во многом этому способствовало образование Таджикской Советской Социалистической Республики 16 октября 1929 г. К тому времени в республике уже имелось 43 культурно-просветительных учреждений,11 библиотек с фондом 12 тыс. книг и 32 клубных учреждений, в которых проводилась огромная культурно - массовая работа по воспитанию трудящихся города и деревни. В статье М. Липского «Библиотека - энергетическая база культурной революции», автор отмечает, что ЦК КП(б) Таджикистана принял решение о состоянии и мерах улучшения библиотечной работы в республике. Это постановление, конкретно намечало программу действий в области библиотечного строительства. Проблемы организации культурного строительства в Таджикистане, до такой степени было важ-

ным, что в 30-х годах данный вопрос рассматривался в постановлениях Средне-азиатского Бюро ЦК ВКП (б) и резолюциях съездов КП (б) Таджикистана. Свидетельством тому является доклад одного из руководителей Среднеазиатского Бюро ЦК на августовском пленуме. В части «Культурное строительство - в ногу с социалистическим строительством» доклада У. Ашурова «О национализации советского аппарата и вопросы культурного строительства в республиках Средней Азии» рассматривался вопрос культурного строительства. От успешного разрешения этого вопроса зависело не только успешное разрешение национализации советского аппарата, но и разрешение всех хозяйственно-политических задач, которые стоят перед ними. Касаясь вопросов массово-политической литературы, он отмечает, что массово-политическая литература также имеет огромное значение в деле успешного разрешения предстоящих задач. Массово - политическая литература рассчитана на широкие слои трудящихся, поэтому она должна быть понятной и доступной им как по содержанию, так и по техническому оформлению. Постановлением Среднеазиатского Бюро Центрального Комитета ВКП(б) «О работе партийных организаций Таджикистана» от 14 августа 1932 года, были поставлены конкретные задачи по немедленному устранению недостатков, в том числе в области культуры. О социальной роли библиотек было отмечено во многих других документах партии и правительства республики. В «Отчётном докладе Правительства пятому Съезду Общему Совету Таджикистана» [2, 317]. Председатель Совета Таджикской ССР А. Рахимбаев в том числе, касался общих вопросов культуры. Он отмечал: «У нас развивается национальная литература и печать. С 1928 года, наше издательство, выпустило 1130 наименований книг, общее количество которой составляет 6,9 миллионов экземпляров» [13]. Другим важным документом является «Резолюция II Съезда КП(б) Таджикистана» (7-14 января 1934 г.).

В нём наряду с другими важными вопросами рассматривались и проблемы в области культурного строительства в республике. В Москве вышла книга одного из руководителей республики А.Р. Рахимбаева «Таджикистан» [7]. «Таджикистан» - популярный очерк, в котором показано историческое прошлое таджикского народа, современное состояние хозяйства, огромные успехи социалистического строительства и культуры. В части «Народное образование» на странице 98 по библиотекам написано следующее: «За последние четыре года (имеется в виду 1933-1936 гг. С.Р.) значительно выросла сеть библиотек, особенно в кишлаках. Количество библиотек с 77 в 1933 г. выросло до 373 в 1936 г. А на взгляд автора, несмотря на этот рост, библиотеки не могут полностью удовлетворить возросшие потребности читателей. Большую роль в деле организации культурного отдыха дехканина играют красные чайханы. Партийная организация республики постоянно брала под контроль деятельность культурно-просветительных учреждений, в том числе библиотек. В 1930 году было принято Постановление ЦК КП(б) Таджикистана, обязывающее все культурно-просветительные учреждения усилить просветительную и агитационно-массовую работу среди сельского населения. Это постановление показало значительное влияние на рост

сети культурно - просветительных учреждений на селе, в том числе и сети библиотек. К 1931 году в колхозах республики было создано 19 библиотек-читален. Постоянно укреплялась материально-техническая база библиотек, улучшалось комплектование книжных фондов. Библиотеки стали получать литературу на родном языке. В 1932 году в республике насчитывалось 119 библиотек с книжным фондом 107 тыс. экземпляров. А уже в 1937 году число массовых библиотек увеличилось до 416 с книжным фондом 258 тыс. экземпляров. В 1933 году были созданы крупнейшие научные библиотеки Таджикистана - Государственная библиотека им. Фирдоуси и Центральная библиотека АН Таджикской ССР [1, 318].

Становлению и развитию библиотек Таджикистана в исследуемый период было посвящено много партийно-правительственных документов, которые определили дальнейшую деятельность этих идеологических учреждений. Эти документы и впредь были опубликованы в качестве сборников документов. В 1940 году вышла часть первая сборника документов под авторством Д. Фанъяна «К истории Советского строительства в Таджикистане (1920-1929 гг.) [10].

В данный сборник документов конкретно не вошли документы, непосредственно касающиеся деятельности библиотек. Однако имеются некоторые данные касающиеся вопросов ликвидации неграмотности, строительства школ, введение нового алфавита и т.д. В данный период времени всех их считали культурными учреждениями. «С начала 1925/26 учебного года в ТАССР (не считая Пенджикентского, Истаравшанского вилоятов и Памира) уже начали функционировать 29 учебных заведений (начальных школ – 20, педкурсы – 1, курсы совработников – 1, музыкальная школа – 1, интернатов – 6 с 1610 учащимися и 75 педагогами. Издавались газеты, имелась одна больница, библиотека, типография и т.д. [1,22-23].

В «Обращение Революционного Комитета Таджикской АССР ко всем трудящимся Таджикистана об образовании ТАССР, от 7 декабря 1924 года, №14» [1,65-70] в том числе отмечалось, что «Строя социалистическое государство в центре Востока, Революционный Комитет вполне сознает, что успех этого строительства зависит от культурного роста трудящихся масс нашей страны. Также в «Постановление 2-й Сессии КИК Советов Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики 2-го созыва о хозяйственном и культурном строительстве дальнейшего развития, принятое 11 сентября 1929 года» [10,138-139], в том числе отмечается, что «Дальнейшее развитие социально-культурного строительства Таджикистана, особенно в части ликвидации неграмотности среди трудящихся масс и всемерного содействия росту национальной по форме, социалистической по содержанию культуры» [10,138]. В «Приветствие товарища Сталина таджикскому народу по случаю провозглашения ТАССР» от (15) марта 1925 года [10,73-74], озвучено следующее: «Работники Таджикистана! Подымайте культуру своей страны, развивайте ее хозяйство, помогайте труженикам города и деревни, сплачивайте вокруг себя всех лучших сынов своей родины и покажите всему Востоку, что Вы являетесь лучшими потомками своих предков, крепко державшими в своих руках знамя освобождения…» [10, 74]. С целью

укрепления государственного руководства учреждениями культуры, в том числе библиотеками, 27 сентября 1945 года в республике был создан Комитет по делам культурно-просветительных учреждений при Совете Народных Комиссаров Таджикской ССР. Комитетом был разработан пятилетний план развития библиотечной сети республики, который предусматривал полное восстановление и дальнейшее развитие библиотечной сети. Иногда в вышедших сборниках по партийной работе, высказаны ценные мысли по улучшению библиотечной деятельности. Особенно стоит остановиться на сборнике материалов «В помощь партработнику» [11, 23-24], в которое напечатана статья секретаря ЦК КП(б) Таджикистана по пропаганде и агитации Б.Г. Гафурова под названием «Парторганизации и вопросы культуры» [12, 3-4]. В том числе автор в своей статье подробно пишет об истории таджикского народа с древнейших времен до 40-х годов XX века.

В данной статье автор касался и деятельности культпросвет. учреждений. Огромное место в работе по подъёму культурного уровня населения отводится политпросвет учреждениям - красным чайханам, клубам, библиотекам. Надо сказать, что многие политпросветучреждения плохо используются партийными организациями, они плохо оборудованы, часто их помещения занимаются не по назначению, в них слабо проводится политико-массовая и культурно-просветительная работа» [12, 32].

Далее, по словам Б.Г. Гафурова, «невозможно переоценить роль и значение библиотек в деле поднятия культурного уровня народа и просвещения масс. Без книги нет знания – говорил В.И. Ленин. В чём заключаются основные недостатки в работе наших библиотек? Круг читателей по сравнению с количеством населения очень узок, особенно мало читателей из числа таджиков и узбеков. Надо не ждать, когда колхозник, рабочий сам придёт в библиотеку, а заботиться о продвижении книг в массу, прививать населению вкус к чтению.

Популяризировать книги можно путём объявлений в газетах и по радио о поступивших новинках, через книжные витрины, рекомендательные списки, аннотации, кратко передающие содержание книг, через коллективные читки отрывков из наиболее выдающихся произведений, через организацию библиотек-передвижек в колхозах, МТС и на предприятиях через книга-новшество. Распространение книг должно быть делом не только библиотечных работников, к этому следует привлекать актив. Руководящие работники обязаны показать в этом пример и быть активными читателями библиотеки, добиваться, чтобы её посещали трудящиеся. Для этого должны хорошо оборудовать библиотеки, так чтобы в них было приятно зайти, а также перенести работу библиотек на часы, наиболее удобные для населения. Многие библиотечные работники жалуются на недостаток книг, но почему-то не думают об обмене книжного фонда. Например, в Кокташе библиотека имеет много литературы, которая уже прочитана жителями райцентра и лежит без движения. В тоже время в Шахринау нет таких книг. Следует подумать так и по пополнению книжного фонда путём скупки литературы у населения» [12, 33-34]. Несмотря на неизбежные трудности, которые переживала вся страна в период Великой Отечественной Войны и в первые послевоенные годы,

Коммунистическая партия и Советское правительство не переставали заботиться о дальнейшем развитии культуры народов Советской страны. Ассигнования на социально-культурные мероприятия по бюджету Таджикской ССР на 1945 год составляли 370,4 млн. рублей, из них 263 млн. рублей - на народное образование. Это составляло 40 процентов всего бюджета республики [13].

Например, в 1946 году был опубликован «Закон о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг.» [15, 11-12]. В нём было отмечено, что в результате героических усилий народов Советского Союза и его доблестной Красной Армии достигнута всемирно-историческая победа – разгром гитлеровской Германии и поражение японского империализма. Промышленность СССР снова вступила в период мирного социалистического строительства, прерванного вероломным нападением гитлеровской Германии. Верховный Совет СССР устанавливает, что основные задачи пятилетнего плана восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг. состоят в том, чтобы восстановить довоенный уровень промышленности и сельского хозяйства и затем превзойти этот уровень в значительных размерах [15,7]. Данный план обязывал и союзные республики, в том числе Таджикскую Советскую Социалистическую Республику. Наряду с утверждением плана народного хозяйства, 106 пункт утвердил основные задания по культурному строительству и здравоохранению: довести в 1950 году число школ до 3 123, учащихся в них 301 тыс. человек и число больничных коек до 7300 [15, 70-71]. Далее, на главном форуме партийной организации республики съезда партии обратили особое внимание на деятельность культурно-просветительных учреждений. В том числе библиотек. На наш взгляд интересные мысли и факты имеются в партийном документе «Резолюция XII съезда Коммунистической партии большевиков) Таджикистана по отчётному докладу тов. Гафурова Б. «О работе ЦК КП(б) Таджикистана» [16, 11-13]. В нём сказано, что за время с марта 1940 года по декабрь 1948 года, VII-й съезд КП(б) Таджикистана признает политическую линию ЦК КП (б) Таджикистана правильной и практическую работу удовлетворительной. Съезд отмечает, что многие партийные организации неудовлетворительно используют для воспитания трудящихся в духе коммунистической сознательности культурно-просветительные учреждения: библиотеки, клубы, чайханы-читальни, а также радио и кино. Существенные недостатки имеются в области народного образования. Руководство республики, и конкретно отрасли, обратили свое внимание и на усиление работы библиотек в селе.

По этому поводу в передовой статье газеты «Коммунист Таджикистана» под названием «Усилить работу культпросвет учреждений на селе» [17] отмечено, что общеизвестна роль культурно-просветительных учреждений в выполнении хозяйственных и политических задач, в культурном обслуживании трудящихся. Роль культпросвет учреждений особенно возрастает в свете постановлений ЦК ВКП(б) об идеологической работе. Культпросвет работа – это не самоцель. Это важное средство повышения политического и производственного подъёма трудящихся, мобилизации их на быстрейшее выполнение хозяйственных и политических задач, стоящих

перед республикой. За последнее время значительно улучшили свою работу культпросвет учреждения Курган-Тюбинской области. Достаточно сказать, что сейчас в области работают 54 клуба, 84 красных чайханы, 41 красный уголок, имеется 11 лекторских групп и 32 кружка художественной самодеятельности, которые регулярно выступают перед колхозниками. Плохо работают культпросвет учреждения Шаартусского, Фархарского и других районов, совершенно неудовлетворительно руководит своими учреждениями Комитет по делам культпросветучреждений при Совете Министров Таджикской ССР. Он не оказывает им повседневной практической помощи в работе.

В статье Председателя Комитета по делам культпросветучреждений при Совете Министров Таджикской ССР Ф. Уразова пишет: «Повсеместно улучшать работу культпросвет учреждений» [18] автор отмечает, что в настоящее время (1949, С.Р.) в республике имеются 105 районных и городских домов культуры, более 700 клубов, на предприятиях, учреждениях и колхозах, в учебных заведениях 1311 чайхан-читален, свыше 1000 массовых библиотек с книжным фондом в 2,5 экземпляров книг. Выполняя решение XII съезда КП(б) Таджикистана, многие культпросвет учреждения, в частности библиотеки значительно улучшили свою работу, лучше и оперативно стали работать, завязала более тесную связь с читателями Государственная публичная библиотека им. Фирдоуси, книжный фонд которой в этом году вырос на десятки тысяч экземпляров. Несколько улучшилась работа некоторых городских и районных библиотек. ЦК КП (б) Таджикистана в своем решении от 1 сентября 1949 года, обязал Комитет коренным образом улучшить руководство работы культпросвет учреждений, направив их деятельность на успешное решение задач коммунистического воспитания трудящихся, повысить качество и идейное содержание естественно - научной пропаганды [1, 166-167]. На наш взгляд. Интересные мысли и факты имеются в партийном документе «Резолюция XII съезда Коммунистической партии большевиков) Таджикистана по отчётному докладу тов. Гафурова Б. «О работе ЦК КП(б) Таджикистана» [16, 18]. В нём сказано, что заслушав и обсудив отчетный доклад товарища Гафурова Б. «о работе ЦК КП(б) Таджикистана за время с марта 1940 года по декабрь 1948 года», VII-й съезд КП(б) Таджикистана признает политическую линию ЦК КП(б) Таджикистана правильной и практическую работу удовлетворительной. VII съезд Коммунистической партии (большевиков) Таджикистана отмечает, что за истекший период, насыщенный событиями великого исторического значения, народы нашей Родины, руководимые большевистской партией, обеспечили победу в Великой Отечественной Войне против гитлеровской фашистской Германии и империалистической Японии. В послевоенные годы советский народ самоотверженно борется за досрочное выполнение новой пятилетки [16, 13-14]. Большие недостатки еще имеются и в политической агитации. Многие партийные организации несерьезно подходят к подбору агитаторов, руководству ими, повышению идейного содержания политической работы в массах, неудовлетворительно используют для воспитания трудящихся в духе коммунистической сознательности культурно-просветительные учреждения: библиотеки, клубы, чайханы-читальни, а также радио и кино. Художественная литература Таджикистана отстает от требований, предъявляемых к ней постановлениями ЦК ВКП(б) об идеологической

работе [16, 12]. Съезд считает, что ЦК, обкомы, горкомы и райкомы партии еще недостаточно ведут борьбу за преодоление пережитков капитализма в сознании людей. Во многих районах, особенно Ленинабадской области, продолжает иметь место феодально-байское отношение к женщине [16, 13]. Существенные недостатки имеются в области народного образования. Школы республики не полностью обеспечены квалифицированными преподавателями.

VII съезд КП(б) Таджикистана постановляет:

- Считать важнейшей задачей партийной организации Таджикистана мобилизацию всех трудящихся на досрочное выполнение послевоенной пятилетки к 20-летию образования Таджикской ССР, дальнейший подъем сельского хозяйства и его главной отрасли – хлопководство, развитие промышленности и культуры и повышение материального благосостояния трудящихся. Союзу советских писателей Таджикистана обеспечить полное выполнение плана в издании учебников для школ и увеличить издание детской, художественной и научно-популярной литературы [16,13].

И впредь партия и правительство республики проявляли постоянную заботу об улучшении работы библиотек, обеспечении ими новой литературы в библиотечном строительстве. Перед ними были поставлены задачи широкой пропаганды лучшей литературы среди населения, проведения различных мероприятий, увеличение числа книжных фондов и т.д.

Руководство республики, и конкретно отрасли, обратили свое внимание и на усиление работы библиотек в селе.

Таким образом, после образования Таджикской Автономной Советской Социалистической республики (ТАССР) были созданы предпосылки для более быстрого развития советской системы библиотек, которые были открыты в тяжелых условиях становления советской власти в республике частями Красной Армии. Во многих документах партии и правительства республики, выступлениях многих лидеров партии и опубликованных работах, определена социальная роль библиотеки, обращено внимание на создание сети массовых библиотек, обеспечение кадров, обслуживание массового читателя, увеличение ассигнований на культурно - массовые работы по воспитанию трудящихся города и деревни, пополнение книжных фондов на родном языке. С целью улучшения единого руководства этими учреждениями в республике был создан Комитет по делам культурно-просветительных учреждений при СНК Таджикской ССР.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Ванеев А.Н. Развитие библиотековедческой мысли в СССР 1917-1980 гг. -М.: Наука, - 1980. – 232 с.

2.Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941-1960 гг. Сборник документов и материалов. - Душанбе: «Ирфон», - 1972. -Том. 2. – 350 с.

3.Липский М. Библиотека - энергетическая база культурной революции//Коммунист Таджикистана. -1932. - 6 сент.

4.Ашуров У.О. Национализации советского аппарата и вопросы культурного строительства в республиках Средней Азии. - Москва - Ташкент, 1933. - 82 с.

5.О работе партийных организаций Таджикистана. Постановление Среднеазиатского бюро ЦК ВКП (б) от 14 августа 1932 г.- Сталинабад - Ташкент: Таджикгосиздат, 1932. -18 с. (на тадж.яз.).

6. Рахимбаев А.Р. Отчёт правительства пятому съезду общих Советов Таджикистана. - Сталинабад: Нашрдавточик, - 1935. - 78 с. (на тадж. яз.)

7.Резолюция II Съезда КП(б) Таджикистана (7-14 января 1934 г.). - Сталинабад: Таджикпартиздат, - 1934. – 22 с.

8.Рахимбаев А.Р. Таджикистан. - М.: Госсоцэкономиздат, - 1936. -120 с.

9.Каримов. Становление и развитие библиотечного дела в Таджикистане//Итоги и перспективы развития библиотечного дела в Таджикистане: Материалы научно-практ. конференции. - Душанбе, - 1975. – 65 с. (общ.3-31.)

10.Фанъян А.Н. К истории Советского строительства в Таджикистане (1920-1929 гг.): Сборник документов. - Сталинабад, - 1940. - Часть 1. - 151 с.

11.В помощь партработнику: Сборник материалов. - Сталинабад: Госиздат при СНК Тадж. ССР, 1944. - Вып. 11. - 78 с.
12. Гафуров Б. Парторганизации и вопросы культуры//В помощь партработнику. Сборник материалов. -Сталинабад: Госиздат при СНК Тадж.ССР, 1944. - Вып.11. - С.3-47.
13.2000 передвижных библиотек//Коммунист Таджикистана. - 1946. - 1 января.
14.Коммунист Таджикистана. -1946. – 1 янв.
15.Закон о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг. – Хабаровского: Дальневосточ. гос. из-во, 1946. - 79 с.
16.Резолюция XII съезда Коммунистической партии большевиков Таджикистана по отчётному докладу тов. Гафурова Б. О работе ЦК КП(б) Таджикистана. -Сталинабад: Таджикгосиздат, -1949, -32 с.
17.Усилить работу культпросвет учреждений на селе//Коммунист Таджикистана. - 1946. -19 окт.
18.Уразов Ф. Повседневно улучшать работу культпросвет учреждений//Коммунист Таджикистана. - 1949. - 26 окт.

## МУАЙЯН КАРДАНИ НАҚШИ ИҶТИМОИИ КИТОБХОНАҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

Мақола ба муайян кардани нақши ҷамъиятии китобхонаҳои Тоҷикистони Шуравӣ бахшида шудааст. Дар мақола рафти ташкил ва инкишофи шабакаи китобхонаҳо дар давраи ташкил ёфтани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҷумҳурӣ аз ташкили клубу китобхонаҳои назди қисмҳои Армияи Сурх сар карда, то ташкили китобхонаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ таҳлил карда шудааст. Ба масъалаи дар соли 1929, дар Душанбе ташкил карда шудани китобхонаи республикавӣ ва дар тамоми ҷумҳурӣ васеъ намудани шабакаи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ диққати махсус дода мешавад.

Муаллифи мақола аҳаммияти китобхонаҳоро ҳамчун заминаи энергетикии инқилоби маданӣ қайд намуда, қарорҳои КМ ҲК Тоҷикистонро дар бораи беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар ҷумҳурӣ қайд мекунад.

**Калидвожаҳо:** *Нақши иҷтимоӣ, китобхонаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ ва омӯзишӣ, тавсеа, шабака, китобхонаҳо, китобхонаи ҷумҳурӣ.*

## ОПРЕДЕЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ РОЛИ БИБЛИОТЕК В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная научная статья посвящена определению социальной роли библиотек в Советском Таджикистане. В статье анализируется процесс создания и развития библиотечной сети в период становления советской власти в республике, начиная с формирования клубов и библиотек при частях Красной Армии до организации городских и сельских библиотек. Особое внимание уделяется созданию республиканской библиотеки в Душанбе в 1929 году и расширению сети культурно-просветительных учреждений по всей республике.

Автор статьи подчеркивает важность библиотек как энергетической базы культурной революции и освещает решения Центрального Комитета КП(б) Таджикистана по улучшению библиотечной работы в республике.

**Ключевые слова:** *социальная роль библиотек, культурно-просветительные учреждения, развитие библиотечной сети, республиканская библиотека.*

## DEFINING THE SOCIAL ROLE OF LIBRARIES IN SOVIET TAJIKISTAN

This scientific article is devoted to the definition of the social role of libraries in Soviet Tajikistan. The article analyzes the process of creation and development of the library network during the establishment of Soviet power in the republic, starting from the formation of clubs and libraries at the Red Army units to the organization of urban and rural libraries. Special attention is paid to the establishment of the republican library in Dushanbe in 1929 and the expansion of the network of cultural and educational institutions throughout the republic.

The author emphasizes the importance of libraries as the power base of the cultural revolution and highlights the decisions of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan to improve library work in the republic.

**Key words:** *social role of libraries, cultural and educational institutions, development of the library network, republican library.*

**Сведения об автора: Раджабова Салима Советовна** - соискатель Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Техрон, 5. Тел: (+992) 98-507-29-29. E-mail: r.salima1969@mail.ru

**Information about the author: Radzhabova Salima Sovetovna** - applicant for the Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Tekhron, 5. Tel: (+992) 98-507-29-29. E-mail: r.salima1969@mail.ru

**УДК: 327.844.4(565.4)**

# ТЕРРОРИЗМ ВАСИЛАИ ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**НЕЪМАТОВ И.,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар ҷомеаи навин падидаю ҳодисаҳои зиёду мухталифе ба амал меоянд, ки оқибатҳои гуногунро ба бор меоранд. Қисме аз онҳо хосияти манфию иртиҷоӣ дошта, барои инкишофи ҷомеаи мутамаддин ва инсонгаро зиддиятҳо ва монеаҳои гуногунро пайдо месозанд. Гарчанде ки онҳо моҳияту хусусиятҳои асосии инкишофи олами глобалиро инъикос карда натавонанд ҳам, дар инкишофи таърихии халқҳо, кишварҳо ва минтақаҳои гуногун таъсири муайянкунанда мерасонанд. Баъди ба охир расидани ҷанги сард, ё худ хосияти дигари сифатӣ пайдо намудани инкишофи низоми сиёсии олам қоидаҳо, меъёрҳо, принсипҳо ва арзишҳои дигари муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ тадриҷан ташаккул ёфтанд.

Низоми нави ҷаҳонӣ ва муносибатҳои нави байни халқҳо ва кишварҳо ҳодисаҳо, ҳаракатҳо ва тамоюлҳои сиёсиро дар маънои васеъ ва умқиашон нишон доданд. Муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳои миллӣ ва низоми таъсиррасонии байниҳамдигарии онҳо дар даҳсолаи охир хеле зиддиятнок ва муқовиматомез гардидаанд, хосияти бераҳмона пайдо намудаанд. Ҳаракатҳо ва нерӯҳои сиёсии хосияти канорадошта беш аз пеш сифатҳои иртиҷоию ифротии худро ба таври ошкоро намоиш медиҳанд. Дар доираи чунин муносибатҳо ҳаракати экстремизми сиёсӣ пешсаф аст. Асоси бунёдии онро ғояҳо, андешаҳо ва амалу фаъолияти канора дар шакли идеологияи моҷарогарона ва низорталабона ташкил медиҳанд.

Экстремизм дар навъҳо ва шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Шакли мураккабтарин ва иртиҷотарини он терроризм ба шумор меравад. Махсусан, агар терроризм ба таври сартосарӣ хосияти сиёсӣ пайдо намояд, ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ ба раванди инкишофи мамлакатҳо, минтақаҳо ва рушди глобалӣ таъсири ҷиддӣ расонида, дар ҳалли масъалаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа хатарҳо ва таҳдидҳои гуногунро ташаккул медиҳад. Терроризм дар таърихии инсоният ҳодисаи нав нест. Ҳанӯз аз замонҳои қадим рӯ овардани қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ки барои ҳокимият мубориза мебурданд, рӯ ба зӯроварӣ оварда, даҳшат овардан ва тарсонидани одамонро ҳамчун шакли асосии фаъолияти хеш медонистанд. Қувваҳои гуногун террорро ҳамчун воситаи самараноки муборизаи сиёсӣ ва ғасби ҳокимият медонистанд.

Терроризм яке аз шаклҳои ифротгароӣ мебошад. Калимаи «террор» дар лотинӣ маънои «даҳшат»-ро (тарсондан бо ҳукми қатл, куштор ва ҳама даҳшатҳои

ифротгарой) дорад [7]. Мавҳуми «терроризм», «террорист» дар Фаронса дар охири асри XVIII пайдо шудааст. Якобинчиҳо ин мафҳумро зуҳуроти мусбат ва самаранок дар мавриди ба даст даровардани ҳокимият арзёбӣ намуда, худро ҳамин тавр меномиданд. Луғатҳо мафҳуми «терроризм»-ро ҳамчун амалҳои зӯроварии ҷиноят-корон бо ҳадафи барҳам задани ҳукумати мавҷуда, печидатар сохтани муносибат-ҳои байналмилалӣ, тамаъҷӯии сиёсӣ ва иқтисодӣ аз давлатҳоро муайян мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир дар саросари ҷаҳон теъдоди зиёди созмонҳои террористӣ мавҷуд буда, ифротгарой шаклҳои гуногун ва миқёси густурдаро касб мекунад. Дар шароити ҳозира созмонҳо ва гурӯҳҳои террористӣ доираи васеи мамлакатҳо ва минтақаҳоро дар бар мегиранд. Махсусан, муқовимати гурӯҳҳои террористии кишварҳои шарқиро дар муборизаи зидди мақсадҳо ва вазифаҳои стратегии давлатҳои муқтадири Ғарб сарфи назар намебояд. Зеро фаъолияти онҳо аз доираи халқҳо ва кишварҳои алоҳида берун рафта, хосияти байналмилалӣ пайдо намудаанд.

Шумораи аниқи гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористиро муайян намудан но-мумкин аст. Зеро иттиҳодияҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳадафҳо ва фаъолияту амала-шонро махфӣ медоранд. Набудани меъёрҳо ва қоидаҳои асосию умумии муносибат ба ташкилотҳо ва ҳаракатҳои террористию экстремистӣ монеаҳои гуногун эҷод менамоянд. Аммо, фаъолияти ташкилотҳои байналмилалию минтақавии терро-ристӣ назаррасанд ва хосияти мунтазам пайдо намудаанд. Фаъолияти онҳо тадриҷан мураккаб гашта, хусусиятҳои мухталифро ба худ гирифта, ҳарчи бештар хосияти зиддиинсонӣ пайдо менамоянд.

Терроризм ҳаракати зӯригарии ғайрилегалии муташаккил буда, бар зидди сох-ти сиёсӣ равона гардида, мақсади тағйири сохти иҷтимоиро дорад. Чунин ҳадафро тавассути тарсонидан, ноумед гардонидани одамон ва ба худ моил намудани халқҳою қавмҳои гуногун амалӣ карданӣ мешаванд [3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зуҳуроти ниҳоят хатарноки олами муосир – терроризм ва экстремизм, ки солҳои охир дар бархе аз кишварҳои ҷаҳон густариш пайдо кардааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Ба ақидаи ӯ: «Терроризм ва ифротгарой бо ҳамлаи оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри XXI табдил ёфтааст. Бинобар ин зарур аст, ки фаъолияти тамоми сохторҳои давлатию ҷамъиятиро барои таъмини боэътимоди сулҳу суббот, ҳаёти осоишта ва амнияти кишварамон равона созем» [1].

Сарвари давлат дар Паёмҳои ҳамасолаи хеш ба ин масъалаи доғ дахл карда, хатари ҷиддии глобалӣ будани онро таъкид мекунанд. Мавсуф дар Паёми соли 2017 қайд намуда буданд, ки: «дар гӯшаҳои гуногуни олам ноороmиву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф гардид. Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон ва ифротгароён қарор гирифтанд» [5]. Ё худ дар Паёми соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: «Терроризм ва экстремизми динию маз-ҳабӣ имрӯз ба як хатари бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфта, боиси харобиву куштор ва фирорӣ гардидани одамон шудааст… Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки

террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст» [6].

Дарвоқеъ, зуҳуроти номатлуби терроризм дар замони муосир хатари ҷиддӣ барои тамоми инсоният буда, дар аксарияти кишварҳо ва минтақаҳои олам доман афрӯхтааст. Ҳатто кишварҳои кӯчакро низ фаро гирифта, вазъияти онҳоро ноором гардонидааст. Терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таърихи хеле тулонӣ дорад ва олимону сиёсатмадорон вобаста ба он таҳлилҳои гуногуну ҷолиб доранд, ки сарфи назар аз ангеза ва баҳонаҳои арзи вуҷуди он дар маҷмуъ, бештари муҳаққиқон онро маҳкум менамоянд.

Баъзе муҳаққиқон терроризмро ҳамчун аксуламал нисбат ба абарқудратҳо, давлатҳои тавоно ва кишварҳои монополист таъриф менамоянд. Зеро чунин иттиҳодияҳо дар саромади ташаккули ташкилот ва ҳаракатҳои террористӣ қарор мегиранд. Беҳуда нест, ки давлатҳои зиёди тавоноро ҳамчун давлатҳои террористӣ ном мебаранд. Дар ҳама ҳолат терроризмро бояд маҳкум кард. Чунки ин зуҳурот на ба дину ойин ва на ба миллату мазҳаб ҳеҷ гуна вобастагие надоранд ва ҳар нафаре, ки муборизаи худро бо чунин амали номатлуб ба анҷом мерасонад, ӯ ҷиноятпеша ва муқобили пешрафти инсоният ва ҷомеа мебошад.

Фаҳмиши терроризм дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори инсон, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншооти гуногуни истеҳсолӣ ва маишиву фароғатӣ, рабудани воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ва амсоли инҳо дониста мешавад. Экстремизм бошад, хислати ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва иғвоангезиро доро буда, бо терроризм алоқаи ногусастанӣ дорад. Бо баёни дигар, мақсад ва оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале, дар умум чунин баҳогузорӣ мебояд намуд, ки ҳарду ба истилоҳ комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доро буда, оқибати басо нанговар доранд.

Гурӯҳҳои ҷиноӣ, унсурҳои ҷиноии ҷомеа, аъзои гурӯҳҳои муайяни динӣ ва ғайра метавонанд ба сифати субъектҳои экстремизм ва терроризм баромад намоянд. Бо дарназардошти онҳо намудҳои терроризмро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Терроризм - ҷинояткории террористӣ, зӯроварӣ, ё ин ки таҳдиди зӯроварӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноӣ, ҷамъиятҳо ва ё ташкилотҳо, роҳнамоӣ дар ташкили фазои тарснок ва ноил шудан ба ин ҳадафҳои ғаразнок мебошад. Дар сатҳи дохилидавлатӣ, чун қадами охирин аз ҷониби унсурҳои ҷиноӣ дар робита бо суръат ва миқёси муваффақият, одатан хатари муайяни миллиро пешниҳод наменамояд.

Мушкилоти сиёсӣ, ҳавасмандии созмондиҳандагони терроризми авбошонаю ҷиноӣ ба сиёсат бо мақсади заиф кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташаббусҳои қонунӣ, дохил шудан ба мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва ғайраҳо таъсир мерасонанд.

2. Терроризми психологӣ фаъолияти террористии шахси воқеие мебошад, ки фаъолияти террористии шахс, гурӯҳ ё ташкилотро (зӯровариҳои ғайриқонунӣ ё таҳдиди содир намудани ҷиноят) зери таъсири психологии худ қарор медиҳад.

3. Терроризми сиёсӣ усули ғайриқонунии муборизаи сиёсӣ дар асоси амалиёти террористиро дар назар дорад, вақте ки қурбониёни бегуноҳ василаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошанд. Муайянсозии консепсияи терроризми сиёсӣ метавонад чунин бошад:

«Терроризми сиёсӣ зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ мебошад, ки ба ташкили фазои тарс ва ноил шудан ба ягон тағйироти сиёсӣ нигаронида шудааст» [9].

Террористон зӯровариро ҳамчун воситаи муошират шарҳ медиҳанд. Мавриди зикр аст, ки ҳоло терроризм барои амалҳои худ, пеш аз ҳама, асосҳои идеологиро истифода менамояд, барои ин, дар навбати аввал, шабакаи Интернетро истифода мебаранд. Ин падидаҳои номатлуб дар ҳама ҷое, ки шабакаҳои телекоммуникатсионии иттилоотӣ, аз ҷумла, Интернет роҳандозӣ мегардад, ба вуҷуд меоянд. Маҳз бо кумаки онҳо аъзои нав ба созмонҳои ғайриқонунӣ ҷалб карда мешаванд. То он даме, ки ин шабакаҳо ва манбаъҳо мавҷуданд, таҳдиди амалиёти таҳрибкор боқӣ мемонад. Дин аксар вақт ҳамчун воситаи ҷалбкунӣ ва василаи пурзӯр кардани низоъҳои байни динҳо истифода мешавад. Ҷараёнҳои радикалии ислом на танҳо хосияти худ, балки усулҳои зӯроваронаи паҳн кардани ин эътиқодро таблиғ мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар байни нишонаҳои асосӣ, ки терроризмро ҳамчун як падидаи манфии иҷтимоию сиёсӣ нишон медиҳанд, ҳолатҳои зеринро метавон ном бурд: таҳдидҳои ҷамъиятӣ, номуайянӣ, бегуноҳӣ, маҷбуркунӣ ва таҳқиркунӣ.

Агар мо ба таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз солҳои 1921 то охирҳои солҳои 40-ум назар афканем, маълум мегардад, ки босмачиҳо низ бадбахтии зиёде ба сари мардуми ин сарзамин овардаанд. Вале, мутаассифона, оид ба терроре, ки дар раванди таҳаввулоти иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ босмачиҳо анҷом додаанд, ҳанӯз дар таърихи навини ин кишварҳо таҳқиқоти ҷиддие гузаронида нашудааст.

Босмачиҳо худро пуштибони миллату сарзамин ҳисобида, дар навбати аввал ба мардуми таҳҷоӣ зарару зиёни калон расониданд. Ғоратгар дар кадом либосе, ки набошад, ғоратгар аст. Босмачӣ ҳам дар кадом либосе, ки набошад, босмачӣ аст, хоҳ миллаташ турк бошаду хоҳ тоҷику, хоҳ ӯзбеку туркману қирғиз. Масалан, барои куштор ва террорҳое, ки Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Анварпошшо ва дигар ғоратгарони ҷиноятпеша дар минтақаи Осиёи Марказӣ анҷом додаанд, онҳоро на танҳо босмачӣ, балки ҷинояткори сиёсӣ шуморидан равост. Яъне, ин саҳифаи махуфи террор намудани мардум бояд мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шавад, то ин ки чеҳраи манфури омилони он ошкор карда шавад.

Ё ин ки ҳолати баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ байни солҳои 1995-1997 барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле замони пуризтироб буд. Махсусан, барои Тоҷикистон бештар аз ҳама чунин таҳдидҳо ба миён омаданд. Чунончи, танҳо дар соли 1996 мухолифони ҳукумати конститутсионӣ 19 амали террористӣ гузаронидаанд, ки дар он 16 нафар ҳалок ва 28 нафар маъюб гардидааст [4,354]. Террористони ифротгаро табибони шинохта, шахсиятҳои бузурги кишвар Ю. Исҳоқӣ, М. Ғуломов ва якчанд ашхоси саршиноси дигар, ба мисли профессор М. Назаршоев ва академик М.С. Осимиро ба қатл расониданд. Мақсади террористон сиёҳ кардани Ҳукумату давлати тозабунёд ва ба ноором сохтани ҷомеа буд.

Масалан, дастаи террористии Ризвон Содиров зиёда аз 300 нафар террорист дошт. Баъдан бародарони Ризвон дар деҳаи Қалъаи Нави ноҳияи Файзобод як гурӯҳи 50–60 нафараи ҷинояткор ташкил намуда, мардумро қатлу ғорат мекарданд. Онҳо 4 феврали соли 1997 корвони автомашинаҳои СММ-ро боздошта, кормандони ин созмони байналмилалиро ба гаравгон гирифтанд. Ҳамин тавр, онҳо то соли 1998 даҳҳо амалҳои террористӣ содир намуданд ва оқибат соли 1998 ин гурӯҳи террористӣ безарар гардонида шуд [4, 354].

Дигар амали террористии ҷинояткорони кӯрдил 30 апрели соли 1997 дар шаҳри Хуҷанд ба муқобили Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом дода шуд, ки онҳо дар назди театри ба номи Камоли Хуҷандӣ бо сардории ҷинояткор Х. Абдушукуров (бо лақаби Тайсон), Ф. Дӯстбоев ва дигар аъзои ин дастаи террористӣ ба тарафи Ҷаноби Олӣ норинҷаки Б-1 партофта, террор намуданд. Дар натиҷа Президенти кишвар ва афроди зиёде ҷароҳат бардошта, ду кӯдак ба ҳалокат расиданд. Ҷинояткорон дастгир шуда, ҷазои сазовор гирифтанд [4, 354].

Соли 1998 бошад, амалиёти вазнини террористиро гурӯҳи полковники исёнгар М. Худобердиев анҷом дод, ки хатари хеле ҷиддие буд. Онҳо ба вилояти Суғд ҳамлаи террористӣ карда, талафоту зиёни зиёде ба вилоят расониданд [8, 132]. Дар айни ҳол, онҳо дар кофтукови ҷиноятӣ қарор доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосие, ки дар солҳои охир боиси тезу тунд шудани вазъияти ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва дар ин замина содир гаштани чунин ҷиноятҳо дар Тоҷикистони мо гаштаанд, инҳо мебошанд:

- оқибатҳои задухӯрдҳои мусаллаҳонаи дохилии солҳои 1991 то 1993 ва идома ёфтани он то солҳои 2000, дар ин замина зиёд гаштани гурезаҳо дар хориҷи кишвар ва хатари таҳдид ба кишвар аз тарафи онҳо, алалхусус, дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва дигар давлатҳои исломӣ;

- оммавӣ ва ғайриқонунӣ ҷалб гаштани ҷавонон ба донишкадаҳо ва ё мактабҳои динӣ дар ҳудуди ҷумҳуриҳои исломӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ, дар он ҷо беназорат ғайр аз таълимоти динӣ ба таълимоти ҳарбӣ фаро гирифтани онҳо ва фавран тариқи падару модар ва мақомоти дахлдор то ба охир ба ҷумҳурӣ барнагардонидани онҳо;

-тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, тахминан 80 дарсади тоҷикистониёни дар муҳорибаҳои мусаллаҳонаи кишварҳои хориҷӣ иштироккунанда собиқ муҳоҷирони меҳнатӣ ва ё ҷавононе мебошанд, ки аз ҳудуди Федератсияи Россия ба ин давлатҳо рафтаанд ва ё дар хориҷи кишвар таҳсилоти ғайриқонунии диниро фаро гирифтаанд;

- таҷриба инчунин нишон дод, ки шомилшавии бархе аз ҷавонон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз фаро гирифтан ба таҳсилоти ғайрирасмии динӣ дар дохил ва хориҷи кишвар сарчашма мегирад.

Феълан таҳдидҳои хатарноки дохилӣ ва хориҷӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, зиддиятҳо байни гурӯҳҳои сиёсию минтақавӣ мебошад, ки барои ба даст овардани ҳокимият кӯшиш менамоянд; зиддият байни гурӯҳҳои этникӣ; низоъҳои сарҳадӣ ва вобаста ба масъалаи об байни кишварҳои минтақа; ҷараёнҳои ифротии динию сиёсӣ; гурӯҳҳои ҷинояткори дохилӣ, фаромиллӣ ва ғайраҳо мебошанд. Ин омилҳо барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле осебпазир мебошанд.

Аз ҷумла Ҳизби наҳзати исломӣ фаъолияти худро ба сиёсигардонии ислом ва истифода аз номи ин дини муқаддас равона кард ва то ҳоло карда истодааст. Ниҳоят, дар асоси қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2015 Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти террористӣ - экстремистӣ эътироф шуда, фаъолияти он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд [11].

Ҳизби наҳзати исломӣ, ки имрӯз роҳбарони он дар Аврупо дар паноҳи хоҷагони худ аз имтиёзҳои муҳоҷирони сиёсӣ истифода мебаранд, чорабиниҳо бар зидди кишвари мо баргузор намуда, тавассути сомонаҳои интернетӣ ақидаҳои нопоки худро паҳн менамоянд.

То ба имрӯз аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти қариб 20 ҳизбу ҳаракатҳо, равияҳо ва созмонҳо ҳамчун ташкилоти террористиву экстремистӣ дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст, ки инҳо: «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Ташкилоти бародарони мусулмон», «Ташкилоти лашкари Тайиба», «Гурӯҳи исломӣ (Ҷамъияти исломии Покистон)», «Ҷамъияти Таблиғ», «Ташкилоти динии миссионерии Созмони Таблиғот (Даъват ба ислом)», «Тоҷикистони озод», «Ҳизб-ут-таҳрир», Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ», Ҳаракати ҷамъиятии «Гурӯҳи 24», Равияи динии «Салафия», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат-ан-Нусра» ва «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» ва ғайраҳои дигар мебошанд [10].

Ҳамин тавр, терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба тамоми самтҳои ҳаёти инсон таъсири манфӣ расонида, душмани асосии рушди ҷомеа ва инсон маҳсуб меёбад. Барои бартараф ва ё пешгирӣ намудани он, пеш аз ҳама, ба тарбияи хонаводагӣ ва мактабу маориф диққати махсус бояд дод. Махсусан, ба фаъолияти мактабҳои ғайридавлатии динӣ, мактабҳои махсуси варзишие, ки дар таххонаҳои биноҳои баландошёна ва гирду атрофи шаҳрҳои калон амал менамоянд, таваҷҷуҳи хосса доштан зарур аст. Дар баробари ин, шустушӯи мағзҳои ҷавонони кишварро ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бояд пешгирӣ намуд ва нагузошт, ки душманони миллат идеологияи ифротгароии хешро дар Тоҷикистон пиёда карда тавонанд. Бояд итминони комил дошт, ки ягон террорист ба мақсади ниҳоии худ бо чунин амалҳои зишт расида наметавонад, агар шаҳрвандон зиракии сиёсиро аз даст надода, дар таълиму тарбияи ҷавонон ва таъмини амнияти кишвар нақши бориз дошта бошанд.

Дар радифи дигар кишварҳои ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо ин зуҳуроти номатлуб мубориза бурда, саъю талош менамояд, то ки пайомади ногувори чунин амалҳоро пешгирӣ намояд. Вобаста ба ин ва баҳри татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи амният, шаҳрвандони он ва дигар шахсони дар қаламрави он қарордошта, аз таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) мебошанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (соли 1999), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (соли 2020), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бо терроризм» аз 21-уми апрели соли 1997, таҳти рақами 707, «Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000,

№320 тасдиқ шудааст, «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ гардидааст, «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ шудааст, Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротталабӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2002, №513 тасдиқ шудааст ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ шудааст, қабул гардиданд, ки барои муборизаи оштинопазир бурдан бо чунин зуҳуроти номатлуб мусоидат намудаанд ва тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ гардида истодаанд [10].

## АДАБИЁТ


1.Гулзор Р. Бо ифротгароӣ муборизаи дастаҷамъона мебояд [Матн]: Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон//Ҷумҳурият. – 2015. – 28 май.

2.Жаринов К.В. Терроризм и террористы. - М., - 1999. - 608 с.

3.Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. - Душанбе, - 2007. - 602 с.

4.Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана. – Душанбе: Матбуот. – 2002. – 573 с.

5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.president.tj/node/ 16771#isfara.

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://president.tj/node/29823.

7.Терроризм//https://tg.wikipedia.org/wiki/

8.Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол/И. Усмонов. –Душанбе: Нури маърифат, -2003. – 178 с.

9.Холиқназар Х. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ифротгароии динӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе: Ирфон, 2016. – 317 с.

10.Ҳизбу гурӯҳу созмону ҳаракатҳои мамнуъ эълонгардида [Манбаи электронӣ] vk.com› wall-61061489_542712 (Санаи истифодабарӣ: 15. 09. 2023).

11.ҲНИТ созмони террористӣ эълом шуд [Манбаи электронӣ] https://sputnik.tj /20150930/ 1016934598.html/ (Санаи истифодабарӣ: 15. 09. 2023).


## ТЕРРОРИЗМ ВАСИЛАИ ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ


Дар мақола терроризм ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ, ки ба раванди инкишофи мамлакатҳо, минтақаҳо ва рушди глобалӣ таъсири ҷиддӣ расонида, дар ҳалли масъалаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа хатарҳо ва таҳдидҳои гуногунро ташаккул медиҳад, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он муаллиф ба мафҳуми «терроризм», ки яке аз шаклҳои ифротгароӣ мебошад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро ҳамчун амалҳои зӯроварии ҷинояткорон бо ҳадафи бар-ҳам задани ҳукумати мавҷуда, печидатар сохтани муносибатҳои байналмилалӣ, тамаъҷӯии сиёсӣ ва иқтисодӣ аз давлатҳо арзёбӣ намудааст. Илова бар ин, муаллиф таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ин зуҳуроти

ниҳоят хатарноки олами муосир – терроризм ва экстремизм, ки солҳои охир дар бархе аз кишварҳои ҷаҳон густариш пайдо кардааст, таъкид намуда, ҳамзамон амалҳои террористиеро, ки солҳои 90-уми асри XX дар қаламрави ҷумҳурӣ рух дода буданд, ёдрас гардида, саъю талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб баррасӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** *Террор, терроризм, терроризми сиёсӣ, ифротгароӣ, воситаи зӯроварӣ, амалҳои террористӣ, зуҳуроти номатлуб, санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ.*

## ТЕРРОРИЗМ – УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье исследован терроризм как экстремистское движение, оказывающее серьезное влияние на процессы развития стран, регионов и континентов, создающее угрозы при решении различных вопросов развития общества. В ней автор уделил особое внимание понятию «терроризм», которое является одной из форм экстремизма, и оценил его как насильственные действия преступников, с целью разрушения существующей власти, усложнения международных отношений, политического и экономического вымогательства. Кроме того, автор подчеркнул внимание Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона к этим чрезвычайно опасным проявлениям современного мира – терроризму и экстремизму, которые распространились в некоторых странах мира в последние годы. В то же время, автор напоминает о террористических актах, произошедших на территории республики в 90-е годы XX века и подчеркивает усилия Республики Таджикистан в борьбе с этими нежелательными явлениями.

**Ключевые слова:** *Террор, терроризм, политический терроризм, экстремизм, средства насилия, террористические акты, нежелательное явление, правовые акты и нормы.*

## TERRORISM IS A THREAT TO NATIONAL SECURITY

The article examines terrorism as an extremist movement that has a serious impact on the development processes of countries, regions and continents, creating threats when solving various issues of social development. In it, the author paid special attention to the concept of “terrorism”, which is one of the forms of extremism, and assessed it as violent actions of criminals with the aim of destroying the existing government, complicating international relations, political and economic extortion. In addition, the author emphasized the attention of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to these extremely dangerous manifestations of the modern world - terrorism and extremism, which have spread in some countries of the world in recent years. At the same time, the

author recalls the terrorist attacks that occurred on the territory of the republic in the 90 s of the twentieth century and emphasizes the efforts of the Republic of Tajikistan in the fight against these undesirable phenomena.

**Key words:** *terror, terrorism, political terrorism, extremism, means of violence, terrorist acts, undesirable phenomenon, legal acts and norms.*

**Сведения об авторе: Неъматов Икромидин -** доцент кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, 734003, ш. Душанбе, ул. Саида Носира, 33**,** тел. (+992) 907-70-58-75, E-mail: i.nemat@mail.ru

**Information about the author: Nematov Ikromidin -** Docent of Diplomacy and Internation Relations of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidat of historical sciences, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str. Phone (+992) 907-70-58-75, E-mail: i.nemat@mail.ru

## ТАЪРИХНИГОРӢ ВА МАЪХАЗШИНОСӢ - ИСТОРИОГРАФИЯ И ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ - HISTORIOGRAPHY AND SOURCE STUDY

УДК: 94(570)"945"

# ҲУНАРМАНДӢ ВА ТИҶОРАТ ДАР АҲДИ СОМОНИЁН[1]

**Ҳайдаршо ПИРУМШО,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Мафҳуми ҳунармандӣ ниҳоят васеъ буда, садҳо шуғли ҳунарии мардуми сарзамини зархези Мовароуннаҳру Хуросонро дар бар мегирад. Вале вобаста ба ҳадафи таҳқиқоти мазкур, аз таҳлили доманадори самтҳои мухталифи ҳунармандӣ дар ахди Сомониён сарфи назар карда, фақат ба муайян кардани дараҷаи инъикоси шуғли мардуми ҳунарманд дар осори муаррихони асримиёнагии ба таърихи давлатдории Сомониён иртибот дошта маҳдуд шудан ба мақсад мувофиқ аст.

Яке аз намудҳои ниҳоят муҳимми ҳунармандӣ истихроҷу коркарди маъдан ҳисоб меёбад. Аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ ниҳоят бой будани Осиёи Марказӣ ба касе пӯшида нест. Паҳнои Мовароуннаҳру Хуросон аз замонҳои қадим, яке аз марказҳои коркарди биринҷиву нуқраву тилло ва ба мамлакатҳои дуру наздик интиқол додани онҳо ва тиҷорати маҳсулоти аз ин ва дигар филизоту сангҳои арзишнок омода кардаи ҳунармандони маҳаллӣ ҳисоб меёбад. Ҳунармандӣ, алалхусус дар замони Сомониён хеле рушд ёфта буд. Инро маълумоти дар осори муаррихон ҷойдошта, равшан тасдиқ менамояд.

Дар «Худуду-л-олам», муаллифи номаълум, доираи ҷуғрофии Хуросон ва сарватҳои табиии онро муайян намуда, аз ҷумла, қайд кардааст: «Ноҳиятест, машриқи вай Ҳиндустон аст ва ҷануби вай баъзе аз ҳудуди Гургон аст ва баъзе биёбони Каргаскӯҳ ва мағриби вай навоҳии Гургон аст ва ҳудуди Ғур ва шимоли вай рӯди Ҷайҳун аст. Ва ноҳиятест бузург бо хостаи бисёр ва неъмате фарох. Ва наздики миёнаи ободонии ҷаҳон аст. Ва андар вай маъданҳои зар аст ва сим ва гавҳарҳое, ки аз кӯҳ хезад» [11, 53]. Аз рӯйи маълумоти дар асари мазкур омада дар навоҳии Тус, аз ҷумлаи Турон, Навқон, Баждеғур (Баруғун), Ройгон, Банвода, ки дар миёни кӯҳҳост «Ва андар миёни кӯҳҳои вай маъдани пирӯза аст ва маъдани мис аст ва сурб ва сурма ва шаба ва деги сангин ва санги фасон... хезад» [11, 57]. Ба ҳамин монанд дар кӯҳҳои Гӯзгонон «маъдани зар ва сим аст ва оҳан ва сурб ва мис ва санги сурма ва зогҳои гуногун» [11, 57]. Чунин мисолҳо доир ба Бадахшон ҷой дошта, аз ҷумла, дар он ҷо мавҷуд будани сим, зар, беҷода ва лоҷуворд ишора ёфтааст [11, 61].

Ба ҳамин монанд нишондиҳандаҳо нисбат ба Мовароуннаҳр низ хеле зиёд ҷой доранд. Аз ҷумла, бисёр будани симу зар, зок, зарник, гӯгирд ва дигар намуди

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик (асрҳои III - аввали XX)», рақами қайди давлатӣ 012TJ1211 таълиф шудааст.**

маъдану сангҳои арзишманд қайд шудааст [ниг.:11, 62-70].

Аз боигарии табиии дар Мовароуннаҳр ҷой дошта, Ёқути Ҳамавӣ ёдовар шуда қайд намудааст: «Ва дар кишвари эшон [Моварауннаҳр] конҳои оҳан чандон асг, ки аз эҳтиёҷоташон дар аслиҳаву адавот зиёдат меояд. Ва дар он ҷо конҳои тиллову нуқра ва симоб ҳаст ва дар фаровонии ин мавод кишвари дигар ба Моварауннаҳр баробар набошад, ба ҷуз Банҷаҳир дар нуқра, симоб, тилло ва мис, ки аз конҳои Моварауннаҳр истеҳсол мешавад, беҳтарин навъҳои ин мавод маҳсуб мешаванд» [4, 290].

Чунин маълумот дар чанде аз дигар осори замони Сомониён ва баъди он ба такрор омадаанд, ки то ҳоло чун маъхази боэътимод дар хизмати таҳқиқотчиёни таърихи минтақа ва берун аз он қарор доранд. Маҳз дар такя ба онҳо муҳаққиқони маъруф Б. Ғафуров, Н. Неъматов ва дигар мутахассисони соҳа хулосае бардоштаанд, ки асри Сомониён дар ин ё он манотиқ ба роҳ мондани истихроҷу коркарди маъданҳои тилло, нукра, мис, оҳан, навшодир, сурб, симоб ва ғайра ба таври васеъ ба роҳ монда шуда буд [ниг: 10, 467-469; 7, 79-83; 6, 364-370; 8, 578-585].

Табиист, ки мавҷудияти садҳо намуди гуногуни маъдан, канданиҳои барои рӯзгори мардум ва тиҷорат зарурӣ барои рушди ҳунармандӣ мусоидат мекард. Дар осори муаллифони замони Сомониён доир ба ҳунармандӣ маълумоти зиёде оварда шудааст. Ба шинохти вазъи ҳунармандӣ маводи ниҳоят зиёди бостоншиносон, ки дар тамоми манотиқи Осиёи Марказӣ ба даст омадааст, маълумоти муаррихони асримиёнагиро тақвият мебахшад.

Муаллифи «Таърихи Бухоро» Наршахӣ, ба рушди ҳунармандӣ ва тиҷо-рати замони Сомониён далелҳои мушаххас оварда, аз ҷумла, яке аз марказҳои муҳимми савдои дар деҳаи Искаҷкати назди шаҳри Бухоро аз қадим ҷой доштаро чунин қаламдод намудааст: «дар миёни зимистон ҳар соле даҳ рӯз аз вилоятҳои дур омадандӣ ва бозаргониву савдо кардандӣ. Ва он чи аз он ҷо хостӣ, бештар ҳалвои мағзин будӣ аз дӯшоб карда, қинтор (қинтори хушоб - дору барои бастани хун ва қатъи истиҳол) будӣ ва чубтор ва моҳии шӯр ва моҳии тоза ва пӯстини гӯсфандӣ ва аз барра. Ва бисёр бозаргонӣ шудӣ. Ва имрӯз ба рӯзгори мо, ҳар одина бозор бошад, ки аз шаҳру навоҳӣ бозаргонон ба он ҷо раванд ва он чи аз он деҳ хезад, имрӯз бозаргонон ба вилоятҳо баранд... Ин деҳро амир Исмоили Сомонӣ, раҳимаҳу-л-Лоҳ, ҷумлаи зиёъоту ақороти (замину об ва ғайра) ӯро бихарид ва он ҷумларо вақф кард бар работе, ки карда буд ба «Дарвозаи Самарқанд» дар даруни шаҳри Бухоро» [1, 41-42].

Бухоро ва дигар шаҳрҳои бузурги қаламрави давлати Сомониён чун марказҳои муҳимми ҳунармандию тиҷорат шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буданд. Дар «Таърихи Бухоро» деҳаи бузурги Зандана, ки дар чорфарсахии (тахминан 24 километрии) шимоли Бухоро ҷой дошт ва муҳимтарин маркази истеҳсоли матоъ ҳисоб меёфт, ёдовар шудаанд. Аз ҷумла, доир ба ин деҳа дар «Таърихи Бухоро омадааст: «Зандана кандизе бузург дорад ва бозори бисёр ва масҷиди ҷомеъ [ки] ҳар одина он ҷо намоз гузоранд ва бозор кунанд. Ва он чи аз вай хезад, онро «занданаҷӣ» гӯянд, ки карбос бошад, яъне, аз деҳаи Зандана, ҳам некӯ бошад ва

ҳам бисёр бувад. Ва он карбос ба бисёр деҳаҳои Бухоро бофанд ва онро ҳам «занданачӣ» гӯянд, аз баҳри он, ки авал бад-ин деҳа падид омадааст. Ва аз он карбос ба ҳамаи вилоятҳо баранд, чун Ироқ ва Форс ва Кирмон ва Ҳиндустон ва ғайри он. Ва ҳамаи бузургону подшоҳон аз он ҷома созанд ва ба қимати дебо (ҳарири тунук, ҷомаи абрешимӣ) бихаранд» [1, 42-43]. Бо ҳамин маънӣ аз деҳи бузурги Вардона, ки дар сарҳади Туркистон буда, яке аз марказҳои истеҳсоли зандана ҳисоб меёфт ва ҳар ҳафта як рӯз бозори калон мегузаштааст, ёд мешавад [1, 43].

Доир ба ниҳоят баланд будани талабот ба матои занданачӣ дар «Таърихи Бухоро», ки ҳатто ба маркази хилофат - Бағдод ҷома ва матоъ барои либоси фохир шахсан ба халифа мефиристоданд, маълумоти ҷолибе омадааст ва матни онро дар асл овардан ба мақсад мувофиқ аст: «Ва аз Бағдод ҳар сол омиле алоҳида биёмадӣ ва он чи хироҷи Бухоро будӣ, аз ин ҷома иваз бурдӣ. Боз чунон шуд, ки коргоҳ муаттал монд ва он мардумон, ки ин саноат мекарданд, пароканда шуданд. Ва андар шаҳри Бухоро устодон будандӣ, ки муайян буданд марин шуғлро. Ва аз вилоятҳо бозургонон биёмадандӣ, чунонки мардум занданачӣ мебурданд ва аз он ҷомаҳо бурдандӣ то ба Шому Миср ва дар шаҳрҳои Рум ва ба ҳеҷ шаҳри Хуросон наёфтандӣ. Ва аҷаб он буд, ки аҳли ин саноат ба Хуросон рафтанд баъзе аз он чи олати ин ки шуғл буд, бисохтанд ва аз он ҷома бофтанд (бар он обу равнақ) наёмад.

Ва ҳеҷ подшоҳу амир ва раису соҳибмансаб набудӣ, ки вайро аз ин ҷома набудӣ. Ва ранги вай сурх ва сафед ва сабз будӣ. Ва имрӯз занданачӣ аз он ҷома маъруфтар аст ба ҳама вилоятҳо» [1, 49-50].

Мавриди зикр аст, ки аз бозоргир будани матои зандана дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони замон Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, ас - Самъонӣ, Ёқути Ҳамавӣ ва ғайраҳо маълумот оварда шудааст.

Ибни Ҳавқал аз молу маводи дар Бухоро истеҳсолу мавриди савдо қарорёфта, ёдовар шуда, чунин маълумот овардааст: «Либоси мардуми Бухоро ағлаб қабо ва кулоҳ ҳамчун малбуси мардуми пушти Ҷайҳун аст. Дар андарун ва беруни шаҳр бозорҳо бо ҳам пайваста аст, ки дар мавоқеи муайяне доир мешавад ва дар онҳо ба доду ситади чаҳорпо ва либос ва барда ва колоҳои дигар аз қабили рӯй (сурб) ва мис ва зуруфу лавозим захирае мепардозанд. Ҷомаҳои пунбаи маъруф ба «бухорӣ», ки сангин ва маҳкам бофта шуда ва мавриди таваҷҷуҳи араб аст ва низ фарш ва ҷомаи пашмӣ барои рахти хоб, ки бағоят зебост ва зиллу ва саҷҷодаи меҳроб дар Бухоро ва навоҳи он таҳия мешавад ва ба Ироқ ва соири ҷойҳо содир мегардад» [5, 145-146].

Аз молу маводи дар шаҳру музофотҳои Хуросону Мовароунаҳр истеҳсолшаванда ва ба дигар ҷойҳо бурдани он дар «Ҳудуду-л-олам» маълумоти зиёде оварда шудааст. Аз ҷумла, доир ба истеҳсоли ҷомаҳои мухталиф, абрешим ва пахта дар Нишопур [11, 53], карбосу собун ва меваи хушк дар дар Бӯст [11, 60], «собуни нек, бӯрёи сабз ва бодбизан, пайтоба, гилемҳо ва бисоти пашмин», дар Марсмандаи Дизах, ки ҳар соле як рӯз бозор буда дар он ба ҳадди беш аз сад ҳазор динор муомилоти тиҷоратӣ мегузаштааст, ёдоварӣ мешавад [11, 64]. Ҳам-

чунин дар китоби номбурда омадааст: «Чоч ҷойи бозоргонон аст», дар он ҷо камон ва тири хаданг омода менамоянд [11, 67], дар Исфиҷоб неъмати бисёр ва ҷойи султон аст, хостаи бисёр аст. «Ва маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст» [11, 67], Марв яке аз марказҳои муҳимми савдо ҳисоб ёфта, «андар ҳамаи Хуросон шаҳре нест аз ниҳоди бозори вай некӯ» [11, 56], дар Балх «шаҳристонест бо бораи маҳкам ва андар рабази ӯ ҷойи бозоргонон буда, бозорҳои бисёр аст [11, 58]» ва ғайра қайд шудааст. Маҳсулоти ин марказҳои ҳунармандиро бозургонон ба дигар ҷойҳо мебурданд [ниг.: 53-70].

Аз маълумоти муаррихони дар боло зикрашон рафта ва боз чанде аз осори муаллифони асримиёнагӣ бармеояд, ки дар тамоми шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мисли Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Суғд, Тирмиз, Фарғона, Чоч, Усрушана, Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур ва ғайра, фаъолияти бозорҳо аз рӯйи низоми барои замон мувофиқ ба роҳ монда шуда буд. Дар ҳар яке аз ин шаҳрҳо чанд бозор амал мекард, ки ҳар кадоме фурӯши кадоме аз намуди молро ба роҳ монда буд. Дар назди бозорҳо ё дар работи назди дарвозаҳо растаҳои корхонаҳои ҳунармандӣ ҷой дошгганд, ки тоҷирон бевосита маҳсулоташонро харидорӣ мекарданд. Маҳсулоти ҳунармандони касбҳои мухталиф, ба савдо бароварда шуда, на фақат эҳтиёҷи мардуми маҳаллиро таъмин мекарданд, ҳамчунин моли гаронарзиши аз ин бозору дӯконҳои ҳунармандӣ дастраси тоҷирон гардида, ба мамлакатҳои наздику дур расонда шуда, шуҳрати давлати Сомониёнро меафзуданд. Дар назди бозорҳо корвонсаройҳои бошукуҳ сохта шуда буд. Ин қисмати шаҳрҳо на танҳо макони савдову тоҷирон, инчунин марказҳои маъмули фарҳангӣ шинохта мешуданд [ниг.: 10, 480-484; 7, 91-97; 8, 585-591]. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда, дар Мовароуннаҳр то 10 ҳазор корвонсаройҳо барои қабули тоҷирону меҳмонону муҳоҷирон тайёр буданд. Аз рӯйи анъанаи ба замони Сомониён роиҷ ин корвонсаройҳо аз тарафи одамони сарватманд сохта мешуданд [6, 387].

Доир ба меҳмоннавозиву саховати мардуми сарватманди Мовароуннаҳр дар «Сурату-л-арз» - и Ибни Ҳавқал аз ҷумла чунин омадааст: «Дар Мовароуннаҳр ҳар молик ва тавонгаре кӯшиш мекунад, ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсарое бузург низ тартиб диҳад. Он гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазирой мекунад» [5, 139].

Бояд қайд кард, ки ҳам мушоҳидони ҳол - муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён ва ҳам муаллифони осори баъдинаи асримиёнагии ба ин давра иртибот дошта, доир ба намудҳои ҳунармандӣ, аз қабили оҳангарӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, заргарӣ, чармгарӣ ва ғайра маълумоти пурра наоварда, фақат бо ишораҳои хеле ҷудогонаву сатҳӣ махдуд шудаанд. Вале бо заҳмати муҳаққиқон, дар асоси омӯзиши маълумоти дар осори муаррихони асримиёна ҷойдоштава маводи ба дастовардаи бостоншиносон, вазъи ҳунармандии замони Сомониён дар таърихнигории муосир то андозае равшан шудааст. Дар ин ҷода метавон аз хизмати В.В. Бартолд, Б.Ғ. Ғафуров, Н. Неъматов, С. Абдуллоев, муаррихони Эрон - М. Ноҷӣ, Ҷ. Ҳиравӣ ва дигарон, ҳамчунин аз таҳлили муфассали масъала, дар таҳқиқоти бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» (ҷилди II) ёдовар шуд.

В.В. Бартолд дар асоси таҳлили муқоисавии маълумоти дар осори Байҳақӣ, Наршахӣ, Муқаддасӣ, Ибни Ҳавқал, Саолибӣ, Истахрӣ ва дигарон вазъи ҳунармандӣ ва савдои замони Сомониёнро воқеъбинона нишон додааст. Аз ҷумла, дар Тирмиз истеҳсол намудану ба дигар мамлакатҳо ба савдо баровардани собун, аз Бухоро қолинҳои маҳин, намудҳои гуногуни матоъ, фонусҳои мисин, зину авзори асп, аз Карминаву Дабусия матои пурқимате, ки дар Бағдод онро «парчаи Хуросон» ном мебурданд, аз Хоразм - мӯинаҳои (пӯст) гаронбаҳои самур, қокум, хаз, саги обӣ, савсор, рӯбоҳ, қундуз, харгӯш, зину авзори асп, кулоҳу ҷавшани ҷангӣ, аз Самарқанд - коғаз, парча, матои симгун ва сурх, дегҳои калони мисин, зину афзори асп ва маҳсулоти ҳунармандии дар дигар шаҳрҳо истеҳсолшуда, мисолҳои зиёд овардааст. Ҳамаи ин ба гуфтаи олим, далест, ки давлати Сомониён ба хориҷи қаламрави худ молу моводи ниҳоят гуногуну зиёдеро интиқол дода, аз берун нисбатан кам ворид мекард [3, 294-295].

Дар ҳолати аз берун ворид гардидани мол, андози гумрукӣ ситонида мешуд. Чунин нуқтаҳои гумрукӣ дар ҳар гузаргоҳи дарёи Аму ҷой доштанд. Хизматгузорони гумрук аз ҳар шутурбор ду дирҳам, аз ҳар бори дар асп ё маркаб аз нуқтаи гумрукӣ гузашта, 1 дирҳам мегирифтанд. Гузарондани сабиқаи (дар қолаби муайян рехта шуда - слитка) нуқра фақат ба воситаи тафтишоти гумрукӣ ба Бухоро иҷозат дода мешуд [3, 299].

Дар муносибатҳои тиҷоратии замони Сомониён, мавқеи кӯчиён хеле муҳим ба назар мерасид. Аҳолии кӯчии дар паҳнои Осиёи Марказӣ буда, шаҳру музофотҳоро аз чорво ва маҳсулоти ҷорводорӣ, пӯсту пашму равған ва ғайраҳо таъмин мекарданд. Онҳо маҳсулоти худро ба молу матои ниёздошта иваз мекарданд. Яке аз нишондиҳандаҳои савдоии байни аҳолии муқимӣ ва кӯчӣ ин таъмин намудани бозори қувваи корӣ аз ҳисоби ғуломони турк буд. Бояд қайд кард, ки ғуломони турк бо иҷозатномаи расмӣ фурӯхта мешуданд. Дар замони Сомониён (асри IX), арзиши миёнаи ғуломи турк ба 300 дирҳам баробар буд [3, 299].

Муомилоти пулӣ нишондиҳандаи муҳимми вазъи иқтисодии ҳар як давлат ҳисоб меёфт. Ин барои давлати Сомониён истисно буда наметавонист. Тибқи маълумоти муаррихони шоҳиди замон ва баъди он, дар замони давлатдории Сомониён сиккаҳои тилло, нуқра ва мисин дар муомилоти савдоӣ буда, онҳоро динор, дирҳам ва фулус ном мебурданд. Динор тангаи тиллоиро мегуфтанд, ки на танҳо дар ҳудуди давлати Сомониён, балки берун аз он ба сифати мол харидорӣ мешуданд ва арзиши ҳар донаи онро аз рӯйи вазн (гуногунвазн буданд) муайян мекарданд. Бе сабаб нест, ки динорҳои тиллоии Сомониён бештар дар дигар мамлакатҳо дарёфт мешаванд.

Бо ақидаи Б. Ғафуров дар осори муаррихони он замон қариб номбар нашудани динорҳои тиллоӣ ба он сабаб ҳаст, ки «фақат василаи андӯхтан буданд, яъне, онҳоро ҷамъ карда, дар хазина нигоҳ медоштанд». Барои тақвияти ин хулоса олим чунин далел пеш меорад: «Агар дараҷаи нархҳои он давра ва микдори тиҷоратро ба назар гирем, ҳатто калонтарин харидуфурӯшро бо пули нуқра, бо дирамҳо анҷом додан мумкин буд» [10, 481]. Бо ибораи дигар, қимати баланд доштани динорро ба инобат гирифта, онро танҳо дар хазина нигоҳ медоштанд ё

ба сифати моли ниҳоят арзишманд ба бозаргонони хориҷӣ мефурӯхтанд. Онҳо ин динори тиллоро чун дастоварди гаронбаҳо ба ватанашон мебурданд. Аз ин ҷост, ки нисбат ба динор, барориши дирҳам ба маротиб зиёдтар буд.

Ба ҳамин монанд, сиккаҳои нуқрагии расмии давлатӣ, ки дар асри X муомилоти мунтазам доштанд, бо номи тангаи «исмоилӣ» маъруф буданд, чун воситаи тиҷорати байнидавлатӣ, мисли динорҳои тилло бештар ба хориҷи мамлакат бурда мешуданд. Бесабаб нест, ки дафинаҳои чунин дирамҳо дар ҳудуди Русия ва Аврупои Шарқӣ хеле зиёд пайдо шудаанд [10, 481-482].

Дар ҳудуди давлати Сомониён чун воситаи муомилоти пулӣ бештар дирҳамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ё ғитрифӣ дар гардиш буданд. Мавриди қайд аст, ки заробхонаҳо дар баъзе вилояту мулкҳои тобеи Сомониён низ вуҷуд доштанд. Аз рӯйи маълумоти аз сарчашмаҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ ба даст омада, дар ҳудуди давлати Сомониён, дар давраҳои гуногун аз 30 то қариб 50 нуқтаҳои зарробӣ муайян шудааст, ки дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон фаъолият мекарданд, аз ҷумла, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ахсикат, Узганҷ, Шош, Фарғона, Суғд, Усрушана, Тирмиз, Хуттал, Бадахшон, Систон, Марв, Толиқон, Ғарҷистон, Ҳирот, Ҷибол Қазвин ва ғайраҳо сиккахонаҳо ё нуқтаҳои зарробӣ амал мекарданд [ниг. 6, 393; 8, 592-600].

Бояд қайд кард, ки аз аз рӯйи маълумоти дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносонӣ асримиёнагӣ ҷой дошта, дирҳамҳо бо номҳои муҳаммадӣ, мусаййабӣ, ғитрифӣ ва сомонӣ сикка зада мешуданд. Аз рӯи ривояте, ки муаллифон Наршахӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва ғайраҳо ба он такя кардаанд, ин дирҳамҳо номи аввалин ашхоси сиккаи онҳоро ба роҳ монда - волиёни халифаи Бағдод дар Хуросон: Мусайяб ибни Зуҳайр (солҳои 780-783), Ғитриф ибни Ато (792- 793) ва Муҳаммад Амин ибни Зубайраро гирифтаанд [1, 77-78; 8, 593-595].

Дар «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал роҷеъ ба воқеияти дар доираи муносибатҳои савдоӣ ҷой доштани сиккаҳои ғитрифӣ, муҳаммадӣ ва мусайябӣ чунин омадааст: «Нуқудашон [дар Хуросон] дирҳам ва динор аст ва бо коло низ доду ситад кунанд ва дирҳаме бо номи «ғитрифӣ» доранд, ки аз оҳану рӯю сурб ва ҷуз он аст ва бо ҷавоҳири гуногун таркиб шудааст. Ин дирҳам ҷуз дар Бухоро ва ҷойҳои хоси воқеъ дар пуштии рӯд роиҷ нест ва низ дирҳаме ҳаст ва ба номи «муҳаммадия», ки маскук аст ва суратҳое мусаввар бо ҳуруфи нохоно дорад ва нишонаҳояш маъруф ва аз зарби ислом ва амали умарои гузаштаи Сомониён аст. Ва низ «мусайябия» доранд, ки аз захоири бухориён аст ва ҳамаи инҳоро бо дирҳами исмоилия тарҷеҳ медиҳанд. Ва Абуиброҳим истеъмоли маскуки нуқраро аз ҳамаи ин дароҳим беҳтар донисг ва ҳам ӯ буд, ки дар Мовароуннаҳр зарби онро оғоз кард. Дар доду ситад аз фулус истифода мекунанд» [5, 145]. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки танҳо дар Бухоро гардиш мекард. Сабаб дар он буд, ки сиккаҳои нуқрагӣ бештар ба тиҷорати хориҷ сарф мешуданд. Ин қимати нуқраро афзуда, муомилоти дохилии онро коҳиш дод. Лозим омад, ки барои савдои дохилии худи Бухоро сиккаҳоеро бароранд, ки гаронии арзиши нуқраи софро надошта бошанд. Аз ин рӯ, тангаи ғитрифии нав аз омехтаи шаш

филиз: зар, нуқра, мушк, арзиз, оҳан, мис, зарб мешуд [3, 262].

Дар давлати Сомониён расмияте қабул шуда буд, ки ҳар вилоят бояд хироҷи худро бо ҳамон сиккаи муайянкардаи ҳокимияти марказӣ мепардохт. Масалан, вилоятҳои Шош ва Хуҷанд хироҷи худро бо дирҳами мусаябӣ, Суғду Фарғона - бо дирҳами муҳаммадӣ. Бухоро - бо ғитрифӣ, Уструшана - бо дирҳамҳои муҳаммадию мусаябӣ ва ғайра пардохт мекарданд. Масалан, Ҷайҳонӣ ба муомилоти савдоии Бухоро, ки бо ғитрифӣ сурат мегирифт ишора карда, қайд намудааст: «Нақди он дирҳам аст ва ба зар хариду фурӯхт камтар кунанд ва дирҳамро эшон ғитрифӣ хонанд ва он симе аст аз оҳан ва руҳ ва мис ва сурб. Ва ин сим ҷузъ дар амали Бухоро равон набошад» [2, 60].

Дар ин ҷода ҳамчунин бояд аз маълумоти Самъонӣ доир ба мақоми ғитрифӣ дар мумилоти савдоии Бухоро бояд ёдовар шуд. Ӯ аз ҷумла, қайд кардааст: «Муомилоти аҳли Бухоро дар рӯзгори Сомониён бо дирҳамҳо будааст ва байни худ эшон бо динорҳо муомала накунанд. Тилло дар миёнаи эшон монанди молу арз аст. Ва эшонро дирҳамҳо аст, ки онро «ғитрифӣ» мехонанд ва он аз оҳану руҳ ва сурб ва ҷавоҳире дигар мураккаб аст. Ва он ба ҷуз аз Бухоро ва навоҳии он ҷойи дигар мустаъмал нест» [4, 285].

Аз маълумоти дар боло ишораёфта, хулосае бармеояд, ки ҳунармандӣ ва савдо дар замон ҳокимиятдории Сомониён ба рушди бесобиқа соҳиб гардида, доираи муносибатҳои тиҷоратӣ дар тамоми қаламрави мамолики Шарқ паҳн шудаву то ҳудуди Русияю Аврупо расидааст.

**АДАБИЁТ**


1.Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ. Ғолибов, К. Олимов, Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, - 2012. – 736 с.

2.Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам//Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуввум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, - 1998. – С. 39-78.

3.Ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. - Бейрут: Дор иҳёа-т-туроса-л-арабӣ, - 1987. – 518 с.

4.Ас- Самъонӣ. Китобу-л-ансоб. Қадама лаҳо Муҳаммад Аҳмад Қаллоқ. - Ҷ.П. - Бейрут: Дор иҳёа-т-туроса-л-арабӣ, - 1999. – 350 с.

5.Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия//Сочинения. - Т.I. - М.: Изд-во Восточной литературы (ИВЛ), - 1963. – С. 43-597.

6.Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон//Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуввум. – Хуҷанд, - 1998 – С. 279-301.

7.Ёқут Шиҳобуддин ибн Абдуллоҳ ар-Румӣ ал-Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. - Бейрут: Дор эҳёа-т- туроса-л- арабӣ, - 1988. – 420.

8.Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. - Бейрут: «Мактабату-л-ҳаёт», 1992. – 714 с.

9.Ибни Ҳавкал. Сурату-л-арз//Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуввум. – Хуҷанд, - 1998. – С.135-147.

10. История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа. - Душанбе: «Алхудо» Исламская Республика Иран, - 1999. – 790 с.

11. Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. - Душанбе: «Ирфон», - 1989. – 304 с.

12. Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. - Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010. - 1295 с.

13. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои Миёна. Китоби якум. - Душанбе: «Ирфон», 1998. – 704 с.

15. Ҳудуд-ул-олам мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб. Таҳияи матн ва муаллифи пешгуфтор А. Ҳасанов. Зери таҳрири Н. Салимов. Аз силсилаи «Тоҷикон дар масири таърих». - Душанбе: «Бухоро», - 2014. – 415 с.

## ҲУНАРМАНДӢ ВА ТИҶОРАТ ДАР АҲДИ СОМОНИЁН

Мақола ба таҳлили мухтасари вазъи ҳунармандӣ ва савдои дохилию хориҷии давлати Сомониён бахшида шудааст. Дар он бо такя ба маълумоти аз худ боқигузоштаи чанде аз муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён мисли Наршахӣ, Ҷайҳонӣ, ибни Ҳавқал, асари ҷуғрофии «Ҳудуд-ул-олам» ва назари шарқшиносони маъруф В.В. Бартолд, Б. Ғафуров, Н. Неъматов ва дигарон, рушди ду самти муҳимми нишондиҳандаи вазъи иқтисодӣ ва дараҷаи муайянкунандаи мавқеи пешсафии давлати Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ва тамоми машриқзамину берун аз он мавриди баррасӣ қарор ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** *Давлати Сомониён, Мовароуннахр, Хуросон, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, корвонсаройҳо, ҳунармандӣ, тиҷорат, занданаҷӣ, ғитрифӣ, дирҳамҳои муҳаммадию мусаябӣ, тилло, нуқра, заргарӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ.*

## РЕМЕСЛА И ТОРГОВЛЯ В ЭПОХЕ САМАНИДОВ

Статья посвящена анализу состояния ремесленного производства, внутренней и внешней торговли в эпоху Саманидов. Основываясь на содержащихся сведениях в сочинениях историков и географов того периода - Наршахи, Джайхони, ибн Хавкала, а также на материалах из книги неизвестного географа «Худуд-ул-олам» («Границы мира»), и на работах известных востоковедов, таких как В.В. Бартольда, Б. Гафурова, Н. Негматова и др., автор достаточно убедительно описывает развитие ремесленного производства в государстве Саманидов. Сам факт занятия ведущего места в международных торговых центрах того времени свидетельствует о высоком качестве разнообразных ремесленных изделий, производимых мастерами Хорасана и Мавераннахра, которые стали широко известны как на Востоке, так и на Западе.

**Ключевые слова:** *Государства Саманидов, Мавераннахр, Хорасан, Самарканд, Бухара, Ходжент, карвансараи, ремесло, торговля, занданачи, дирхемы, золото, серебро, ювелирные и гончарные изделия, ткачество.*

## CRAFT AND TRADE IN THE SAMANID ERA

The article is devoted to the analysis of the state of handicraft production, internal and external trade in the Samanid era. Based on the information contained in the works of historians and geographers of that period, Narshakhi, Jaikhoni, ibn Khavkal, the book of the unknown geographer «Hudud-ul-olam» («Borders of the World»), as well as the works of famous orientalists, V.V. Bartold, B. Gafurov, N. Negmatov and others, the author as a whole quite convincingly outlined the picture of the development of handicraft production in the Samanid state. The very fact of occupying a leading place in international trade centers of that period testifies to the high quality of the varieties of handicraft products produced by the masters of Khorasan and Transoxiana, which became widely known within the countries of the East and West.

**Key words:** *Samanid states, Maverounnahr, Khuroson, Samarqand, Bukhara, Khujand, caravanserais, craft, trade, zandanachi, dirhams, gold, silver, jewelry and pottery, weaving.*

**Сведения об авторе: Хайдаршо Пирумшо** – член-корреспондент НАНТ, доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ак. Раджабовых, 7. E-mail: pirumshoev/44@mail/ru. Тел.: (+992) 919-14-87-36.

**Information about the author: Khaidarsho Pirumsho** - Doctor of Historical Sciences, a professor, and the chief research fellow at the Department of Ancient, Medieval, and Modern History of the Institute of History, Archaeology, and Ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ak. Radjabov Street, 7. E-mail: pirumshoev/44@mail.ru. Phone: (+992) 919-14-87-36.

**УДК: 94(55)"653/654"**

# ИЗ ИСТОРИИ ИНДОЛОГИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ОЛИМОВ М.А.,**
**Таджикский национальный университет**

История взаимоотношений таджиков и индийцев очень долгая и уходит корнями в общность индоарийских народов эпохи Вед и Авесты. Кушанская империя объединила предков современных таджиков и многих индийских народов в рамках одного государственного образования и обеспечила широкое распространение буддизма и индуизма на территории современного Таджикистана в первые века нашей эры. Приход ислама прервал эти связи, но ненадолго. С начала XI века, с походов Махмуда Газневида начались века взаимодействия в рамках средневековых мусульманских государств Индии – Делийского султаната и империи Великих Моголов. Гурриды, которые сменили Газневидов, были таджикской династией [20,145]. В период их правления фарси-дари становится государственным языком мусульманских стран на территории Индостана. Он был также языком литературы, науки, образования, лингва франка вплоть до XIX века. Как пишет английский востоковед К.Э. Босворт, хотя на троне индийского государства сидели иногда тюрк, иногда афганец или индус, но их государственное устройство всегда было персидским [26,131;1,103]. Причем в Индии говорили на фарси Мaверраннахр (вилояти), т.е. на версии фарси, которая бытовала в Мавераннахре.

Сотни источников на фарси-дари оставили нам обширные знания о географии, природе полуострова Индостан, истории, религиях, культуре, языках, литературах, обычаях и традициях народов, населявших Индостан. Этот обширный корпус знаний стал основой для индийских исследований в XX веке в рамках советской индологии. Советский Таджикистан играл особую роль во взаимоотношениях с Индией именно из-за многовековых культурных связей. Поэтому индология стала одним из ведущих направлений таджикского востоковедения в советский период. Ее фундаментальной базой был пласт фарсиязычной истории, литературы, науки, культуры, который является общим историческим наследием народов Индии и Средней Азии.

Дар бахши сеюми ин мақола Е.А. Давидович се навъ сиккаи хеле роиҷи замони Сомониён – мусайябӣ, муҳаммадӣ ва ғитрифиро баррасӣ намуда, онҳоро воситаи асосии муомилоти пулӣ дар дохили Мовароуннаҳр медонад [14, 119-125]. Ин се навъ сикка ба таври умумӣ сиккаҳои бухорхудотӣ номида шуда, дар пайравӣ ба сиккаҳои сомонӣ зарб мешуданд [23]. Дар чунин сиккаҳо катибаи суғдӣ, куфии арабӣ ва тасвири нимрухи шоҳ ва оташдон вуҷуд дошт, ки ин аз як тараф, далели идомаи сабки сикказании тоисломӣ бо илова намудани ҷузъиёти нав дар як қисми Мовароуннаҳри замони Сомониён ва аз тарафи дигар далели таҳаммулгаро будани Сомониён нисбат ба анаъанаҳои тоисломӣ ва ҳамчунин гувоҳи омезиши фарҳангҳои давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Е.А. Давидович иттилооти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмиро таҳлил намуда, дар умум ҷойгоҳи таърихии ин се навъ сиккаи роиҷи замони Сомониёнро дар Мовароуннаҳр натиҷагирӣ менамояд, аммо Е.А. Давидович сикказанӣ ва муомилоти пулии Хуросони замони Сомониёнро таҳқиқ накардааст.

Сиккаҳои мисӣ-фалсҳои сомониро Е.А. Давидович дар бахши чоруми мақолааш баррасӣ намуда, хулоса менамояд, ки ин навъи сиккаҳои сомонӣ нисбатан ба таври меъёрӣ зарб шуда, бисёр вақт аз номи амири Сомонӣ ва дар мулкҳои мустақилшуда аз номи ҳокимони ин мулкҳо ба онҳо инъомшуда зарб мешуданд [14, 125-130]. Ӯ фалсҳои сомониро ба ду навъи асосӣ: Адлӣ-фалси калон (22-25 мм) ва Пашиз - фалси хурди камарзиш (15-19 мм) ҷудо менамояд. Дар охири мақола муаллиф бардошти худро доир ба муомилоти пулии Мовароуннаҳр дар замони Сомониён банд ба банд хулоса менамояд.

Соли 1967 дар шаҳри Самарқанд ганҷинаи фалсҳо ёфт шуд, ки ин ганҷинаро Е.А. Давидович таҳқиқ карда, аз таркиби он 122 сиккаи мисии сомониро муайян намуда, бори аввал дар сиккашиносӣ мехкадаи нави Сомониён – Боробро кашф

кард [15, 124]. Дар ин ганҷина ҳамагӣ ду фалси мехкадаи Бороб (Пороб, Фороб дар Қазоқистони кунунӣ) мавҷуд буда, онҳо соли 310 ҳ.қ./ 922-23 бо амри Насри I ибни Аҳмад зарб шудаанд. Бороб мисли Исфиҷоб яке аз шаҳрҳои муҳимми Мовароуннаҳр мебошад.

Е.А. Давидович соли 1977 доир ба ин ганҷинаи Самарқанд мақолаи дигаре нашр карда, шумораи фалсҳои сомонии ин ганҷинаро, ки ба Осорхонаи таърих ва фарҳанги халқи ӯзбек ворид шуда буданд (КП-3199), 125 адад мегӯяд [16, 112]. Мақолаи мазкур натиҷаи таҳқиқи муфассали ганҷинаи Самарқанд мебошад. Ӯ давраи хронологии ганҷинаро солҳои 253 ҳ.қ - 320 ҳ.қ. (867-932) муайян карда, аниқ менамояд, ки ин фалсҳо дар мехкадаҳои Ахсикат (30 адад), Бороб (2 адад), Бинкат (16 адад), Бухоро (27 адад), Самарқанд (37 адад), Тункат (2 адад), Усрушана (2 адад) ва Фароҳ (2 адад) зарб шудаанд. Ин олими шинохта ва заккӣ саволе матраҳ менамояд, ки фалсҳои ганҷинаи Самарқанд ба мо чӣ иттилои нав медиҳанд. Вай дар посух менависад, ки мо аз тавсифи сиккаҳои ин ганҷина доир ба ҳокимони мустақили Ахсикат ва сикказании Фарғона иттилои бештар бардошт мекунем ва насабномаи ҳокимони мустақили Фарғона комил мегардад. Е.А. Давидович аз ин ганҷина фалсҳои Исҳоқ ибни Аҳмад (зарби соли 284 ҳ.қ./897), Муҳаммад ибни Асад (зарби соли 303 ҳ.қ./915-16)-ро ошкор менамояд. Аз фалсҳои Ахсикати зарби соли 269 ҳ.қ./882-83-и Асад ибни Аҳмад ва зарби соли 194 ҳ.қ./906-07-и Муҳаммад ибни Исҳоқ ошкор мешавад, ки ин ду намояндаи хонадони Сомониён дар солҳои зарби ин сиккаҳо ҳокими мустақили Ахсикат будаанд. Инчунин ин олими пухтакору пуркор бори аввал фалси зарби соли 277 ҳ.қ./890-91-и Ахсикатро бо зикри намояндаи то соли 1977 номаълуми хонадони Сомониён – Аҳмади II ибни Асад (набераи Аҳмади I ибни Асад- амири Фарғона) ошкор сохта, исбот менамояд, ки ӯ дар соли 277 ҳ.қ. /890-91 ҳокими мустақили Ахсикат буд [16, 121-122]. Иттилои нави Е.А. Давидович дар сарчашмаҳои хаттии то ҳол маълум зикр нашудаанд, ки ин аз аҳаммияти фалсҳои ганҷинаи Самарқанд ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба таърихи сиёсӣ ва иқтисодии замони Сомониён гувоҳӣ медиҳад.

Елена Абрамовна Давидович доир ба сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён асари алоҳида нанавишта бошад ҳам, мақолаҳои ҷудогона ва муфассалли ӯ аз китобҳои таълифнамудаи дигарон камарзиш нест.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Алаев А.Б. Институт востоковедения в 1950-е – 1970-е гг.: Гафуровский призыв и воздух молодости//Вестник Института востоковедения РАН, - Москва, - №5, - 2018. - С. 10-12-19.

2.Боғбедӣ Ҳ. Сиккаҳои Эрон дар давраи исломӣ. Аз оғоз то баромадани Салҷуқиён. - Теҳрон, - 1393 ҳ.ш. – 745 с.

3.Быков А.А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана. - Ленинград, ТОНГЭ, I., - 1945. - С. 87-113.

4.Василев Д.Д., Настич В.Н. Елена Абрамовна Давидович (1922- 2013)//Эпиграфика Востока. – Москва, XXXI, - 2015. - С. 332-337.

5.Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. - Москва, - 1972. - 425 с.

6.Давидович Е.А. Бараб - новый среднеазиатский монетный двор Саманидов и Ануштегинидов// ППВ. -

1972. - М., - 1977. - С. 124-129.

7.Давидович Е.А. Владетели Насрабада (по нумизматическим данным)//Краткие сообщения ИИМК. Вып. 61. - М., - 1956. - С. 107–113.

8.Давидович Е.А. Денежное обращение в Мавераннахре при Саманидах//НЭ. Т. VI. - М., - 1966. - С. 103-134.

9.Давидович Е.А. Неопубликованные монетные находки на территории Узбекистана//Труды Института истории и археологии. Метариалы по археологии Узбекистана. - Ташкент, вып. 7, - 1955. - С.156 -173.

10.Давидович Е.А. Новые данные по истории Саманидов (клад медных монет IX-X вв. из Самарканда)//Средняя Азия в древности и средневековье (история и культура). - М., - 1977. - С. 112–125.

11.Давидович Е.А. Нумизматические данные по социально-экономической и политической исто- рии Средней Азии X-XVIII вв/Автореф. докт. дисс. – Душанбе-Москва, - 1964. - 42 с.

12.Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах//Труды АН ТаджССР - Сталинабад, т. 27, - 1954. - С.69-117.

13.Давидович Е.А. Об институте феодальных пожалований в Средней Азии IX-X вв//Проблемы возникновения феодализма у народов СССР. - М., - 1969. - С. 205-215.

14.Давидович Е.А. Саманидские монеты Кубы//СА, - 1960, - №2. - С. 254-257.

15.Давидович Е.А. Саманидские фельсы Ферганы: классификация формуляров и уникальные фельсы Узгенда и Ахсикета//«У времени в плену». Памяти Сергея Сергеевича Цельникера. - М., - 2000. - С. 37-72.

16.Давидович Е.А. Ферганские Саманиды по нумизматическим данным//ЭВ. Вып. XI. - М.– Л., -1956. - С. 14–26.

17.Довуди Д. Развитие нумизматики в Таджикистане//Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, - №1, - 2014. - С. 104-126

18.Лерх П.И. Монеты Бухар-худатов//Труды Восточного отделения императорского Русского археологического общества. – Санкт-Петербург, - 1909. – 161 с.

19.Настич В.Н. Елена Абрамовна Давидович (1922-2013)//Восток (ORIENS) – Москва, - №3, - 2014. - С.213-218.

20.Петров П.Н. Елена Абрамовна Давидович//Нумизматика Золотой Орды. – Саратов, - №??, - 2013. - С. 6.

21.Тизенгаузен О. Саманидскихъ монетахъ//Труды Восточнаго отдъеления императорскаго археологического общества. – Санктпетербургъ. Часть первая, - 1855. – 237 с.

22.Шарифзода А. Инъикоси сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ//Муаррих. - Душанбе, - №1(29), - 2022. - С. 69-88.

23.Шарифзода А.Қ. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ). – Душанбе, -2019. - 648 с.

24.Шарифзода А.Қ. Инъикоси химияи амалӣ ва технологияи ҳунармандӣ дар «Баёну-с-синоот» -и Ҳубайши Тифлисӣ//Душанбе, «Муаррих», №2(26), 2021. С.135-146.

25.Codrinqton O. A manuel of musalman numismatics. – London. 1904. -239 p.

## СИККАЗАНӢ ВА ИНЪОМОТИ ФЕОДАЛИИ СОМОНИЁН ДАР ОСОРИ А.Е. ДАВИДОВИЧ

Муаллифи мақола бо такя ба далелҳои муътабари илмӣ ва бо назардошти саҳми бунёдии Елена Абрамовна Давидович (1922-2013), дар ташаккул ва рушди сиккашиносии ҷумҳурӣ ӯро асосгузори сиккашиносии Тоҷикистон меҳисобад.

Аз таҳқиқи осори илмии Елена Абрамовна муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ин олими машҳур дар асоси омӯзиши сиккаҳои сомонӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ масъалаҳои таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таборшиносии Сомониёнро беҳтар аз ҳама таҳқиқ кардааст.

Е.А. Давидович исбот менамояд, ки фалсҳои сомонӣ барои таҳқиқи созмони инъомоти феодалии замони Сомониён сарчашмаи муҳим ва дар баъзе ҳолатҳо сарчашмаи ягона мебошанд.

Елена Абрамовна таснифи фалсҳои сомониро сарчашмаи асосии таҳқиқи масъалаҳои соз-

мони инъомоти феодалӣ ва заминдории шартӣ меҳисобад ва сиккаҳои мисиро ба 12 шакл (формуляр) ҷудо менамояд. Ӯ қонунияти ҷойгиршавии номҳои гуногун дар доираи ду тарафи сикка, моҳияти дар куҷо ҷойгир будани ҳар як ном ва матни муқаддимавии пеш аз номҳоро муайян менамояд. Вай тавассути таснифи фалсҳо моҳияти асосии инъомоти феодалиро барои хизмат (Бухоро, Фарғона, Насробод, Ахсикат, Қубо, Исфиҷоб ва ғ.) ва оқибати минбаъдаи он – заиф намудани иқтидори давлати Сомониёнро ошкор месозад. Инчунин ӯ дар рафти таҳқиқи сиккаҳо ду зарробхонаи нави Сомониён – Бороб ва Қубоbooро кашф менамояд.

**Калидвожаҳо**: *Сомониён, Е.А. Давидович, сикказанӣ, динор, дирҳам, фалс, мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ, сарчашмаи хаттӣ, созмони инъомоти феодалӣ, мулкҳои мустақил, ҷойгиршавии номҳо, таснифи фалсҳо, меҳкадаи нав, Мовароуннаҳр.*

## МОНЕТНОЕ ДЕЛО И ФЕОДАЛЬНОЕ ПОЖАЛОВАНИЕ ЭПОХИ САМАНИДОВ В ТРУДАХ Е.А. ДАВИДОВИЧ

Автор данной статьи, опираясь на достоверные научные данные и учитывая фундаментальный вклад Елены Абармовны Давидович (1922-2013) в становление и развитие нумизматики республики, считает ее основоположницей нумизматики Таджикистана.

По убеждению автора в Советском Союзе Елена Абрамовна на основе исследования саманидских фельсов и письменных источников лучше всех решила некоторые вопросы политической, экономической, социальной и генеалогической истории эпохи Саманидов.

Е.А. Давидович доказывает, что саманидские фельсы являются важным, а в ряде случаев и единственным источником для исследования института феодальных пожалований Саманидской эпохи.

По мнению Елены Абрамовны классификация саманидских фельсов является важнейшим источником исследования вопросов института феодальных пожалований и условного землевладения и разделяет медные монеты на 12 формуляров. Она определяет закономерность размещения различных имен на двух сторонах фельсов, где размещается каждое имя и вводный текст, предшествующий именам.

Через классификацию фельса она раскрывает основную сущность феодальных пожалований за службу (Бухара, Фергана, Насрабад, Ахсикат, Кубо, Исфиджаб и др.) и ее последующее следствие - ослабление мощности саманидского государства. А также Е.А. Давидович в процессе исследование фелсов открывает две новые саманидские монетные дворы – Бараб и Куба. Не косаясь Хурасана Давидович в основном исследует монетное дело, денежное обращение саманидов в Мавераннахра.

**Ключевые слова:** *Саманиды, Е.А. Давыдович, монетное дело, динар, дирхам, фальс, мусайяби, мухаммадан, гитрифи, письменный источник, классификация фальсов, институт феодальных пожалования, независимые владения, расположение имен, новые монетные дворы, Моваруннахр.*

## COINING AND FEUDAL GRANT THE ERA OF THE SAMANIDS IN THE WORKS OF E.A. DAVIDOVICH

The author of this article, based on reliable scientific data and taking into account the fundamental contribution of Elena Abarmovna Davidovich (1922-2013) to the formation and development of numismatics of the republic, considers her the founder of numismatics in Tajikistan**.**

According to the conviction of the author in the Soviet Union, Elena Abramovna, based on the study of Samanid fels and written sources, he best resolved some issues of the political, economic, social and genealogical history of the Samanid era.

Davidovich E.A. proves that the Samanid fels are an important, and in some cases the only source for studying the institution of feudal grants of the Samanid era.

According to Elena Abramovna, the classification of Samanid felsahs is the most important source of research into the issues of the institution of feudal grants and conditional land tenure and divides

copper coins into 12 forms. It defines the pattern of placement of the various names on the two sides of the fels, the essence of where each name is placed, and the introductory text preceding the names.

Through the classification of felsi, it reveals the basic essence of feudal awards for service (Bukhara, Fergana, Nasrabad, Akhsikat, Kubo, Isfijab, etc.) and its subsequent consequence - the weakening of the power of the Samanid state. And also Davidovich, in the process of researching the Fels, opens two new Samanid mints - Barab and Kuba. Without looking at Khurasan Davidovich, he mainly studies coinage and the circulation of Samanids in Transoxiana.

**Key words:** Samanids, E.A. Davydovich, coinage, dinar, dirham, fals, musayabi, muhamma-dan, ghitrif, written source, classification of fals, institution of feudal grants, independent possession, location of names, new mints, Movarunnahr.

**Сведения об авторе: Шарифзода Абдували**– кандидат исторических наук, заведующий отделом истории науки и техники Института истории, археологии и этнографии им А. Дониша НАН. Тел.: (+992) 900-55-75-75. E-mail: abduvali05@mail.ru

**Information about the author: Sharifzoda Abduvali** - Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of History of Science and Technology of the A. Donish Institute of History, Archeology and Ethnography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel: (+992) 900-55-75-75. E-mail: abduvali05@mail.ru

**УДК: 93. 930**

# ТАСНИФОТИ ИЛМ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРИ МИЁНАИ ТОҶИК[1]

**МАҚСАДОВ Ҳ.И.,**

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Дар таърихи илм назаре роиҷ аст, ки илмҳо нақлию ақлӣ мешаванд, ки ин аз радабандии классикии гузаштаи мо бармеояд. Ба илмҳои ақлӣ фақат олимони эронӣ сарукор доштаанд ва илмҳои нақлиро илми арабӣ гӯянд, бо вуҷуди он, ки абармардони эронӣ дар ҳар ду бахши ин илмҳо дастболо будаанд.

Сухане чанд оид ба мафҳумҳои илмҳои «арабӣ» ва «мусулмонӣ». Тақрибан то солҳои 1960 қисми зиёди муҳаққиқони таърихи илм ҳамаи илмҳои асримиёнагии Шарқи мусулмониро илми «арабӣ» меномиданд. Бояд қайд кард, ки ин нуқтаи назари ғалат мутаассифона то имрӯз низ дида мешавад, ҳол он ки аз соли 1970 инҷониб муҳаққиқони таърихи илм истилоҳи «илми мусулмонӣ»-ро ба ҷойи «арабӣ» пазируфтаанд.

Бегумон байни ин истилоҳот фарқияти куллӣ мавҷуд аст. Бо истилоҳи «илми арабӣ» илмҳое, ки арабҳо ё ин ки мардуми араб эҷод намудаанд, фаҳмида мешавад. Истилоҳи «илми мусулмонӣ» бошад ба ҳамаи мусулмонҳо тааллуқ дорад, яъне илмҳое, ки ҳамаи мардумони билоди мусулмонӣ эҷод намудаанд. Аз ин хотир, ба пиндори камина мафҳуми «илми мусулмонӣ» (ҳамаи ҷуғрофиёи билоди мусулмониро дар бар мегирад) қобили қабул аст. Дар ҳақиқат, аз асрҳои миёна

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи илм ва техникаи халқи тоҷик аз давраи қадим то замони ҳозира», рақами қайди давлатӣ 0121TJ1273 навишта шудааст.**

сар карда, аз замони эҳёи мусулмонӣ ва то асри XVII аксарияти олимони мусулмон араб набуда, балки тоҷик (эрониюласл) – аҳолии муқими Хуросону Мовароуннаҳр буданд.

Ин ҷо ба маврид аст, ки гуфтаҳои фарҳангшиноси варзида Саид Ҳусайни Насрро биёварем: «Бешак аксарияти файласуфони мусулмонро мантиқан бояд эронӣ донист ва ҳамаи осори фалсафии дар қисми шарқии ислом ба вуҷуд омада низ мантиқан дар пояи осори фалсафии эронӣ арзи ҳастӣ намудааст. Махсусан, дар солҳои баъдӣ Эрон маркази асосии фалсафаи исломӣ буд, ки сабаби пайдоиши муттафаккирони бузурги фалсафа шуд» [5, 64].

Лозим ба тазаккур аст, ки зери истилоҳи «фалсафа» дар асрҳои миёна Саид Ҳусайни Наср ҳамаи илмҳои дақиқро дар назар дорад, зеро дар он замон ҳамаи илмҳои дақиқро бо фалсафа дар якҷоягӣ меомӯхтанд ва ҳамаи файласуфони бузург дар айни замон табиатшиносони бузург низ буданд. Масалан, ҳанӯз Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (солҳои 865-925) гуфта буд, ки «Ман файласуф онеро меномам, ки дар илми кимиё дастболо бошад» [8, 29].

Ба ҳама маълум аст, ки на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр забони илмӣ забони арабӣ буд, балки дар тамоми Шарқи Наздик ва Миёна ҳам ба монанди оне ки дар Аврупо забони лотинӣ ин мақомро дошт. Дар замони мо ин гуна забон ингилисӣ ва русианд (илова менамоем, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ мақоми забони англисӣ ҳамчун забони илм боз мустаҳкамтар гардид). Ва имрӯз мо наметавонем ҳамаи олимон, муҳаққиқони ба забони англисӣ ва русинависро олими рус ё инглис номем. Ҳол он ки ҳамаи навиштаҳои онҳо ба забони англисӣ ва русӣ мояи фахри ин мардумон аст. Ҳамин тавр, илмҳои асримиёнагиро наметавон илмҳои «арабӣ» гуфт.

Дар Хуросону Мовароуннаҳри асримиёнагӣ ҳамаи илмҳоро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо менамуданд:

1.Улум ал-исломия ё улум ан-нақлия ё ки улум аш-шаръия, яъне гӯё «илми расмӣ», дар тарҷума «илми исломӣ» ё ки «илми шариъат». Дар ин ҷо дохил мешуд фиқҳ (ҳуқуқшиносии исломӣ), калом, сарфу наҳв, таърих, назм, вазни шеър ва ғайраҳо.

2.Улум ал-аҷам ё улум ал-ақлия ва ё улум ат-табиъия, яъне «ақлонӣ», тарҷумааш аз арабӣ «илми ғайриарабӣ». Ин ҷо дохил мешуд арифметика, геометрия, механика, астрономия, философия, химия, илм оид ба табиат, яъне физика ва дигарҳо.

Бояд зикр намуд, ки дар Шарқи асримиёнаи мусулмонӣ олимони араб (олимони арабнажод) асосан ба илмҳои динӣ-расмӣ ё шариатӣ сарукор доштанд, барои ҳамин аксаран «илми арабӣ» меноманд.

Ба илмҳои ғайрирасмӣ ё ки ақлонӣ асосан олимони мусулмони ғайриараб, аксаран тоҷикон (эрониён), инчунин яҳудони арабзабон машғул буданд. Барои ҳамин ин илмҳоро бисёр вақт «аҷамӣ» меномиданд.

Вожаи арабии «аҷам» (عجم) (дар тарҷумаи таҳтуллавз «гунг»), яъне, шахси забони арабро намедониста мебошад. Арабҳо ҳамаи ғайриарабҳоро ва пеш аз ҳама эрониёни ба онҳо мағлубшударо чунин меномиданд. Эрониён дар навбати худ арабҳоро «тозӣ» (تازی) мегуфтанд.

Ба тасдиқи он, ки арабҳо асосан ба илмҳои нақлӣ ё шариатӣ на ақлӣ (табиатшиносӣ) машғул буданд, Абурайҳони Берунӣ чунин навиштааст: «Арабҳо ҳамаи тағйирёбиҳои боду ҳаворо бо баромадану фурӯ рафтани ситорагон нисбат медоданд, чунки илмҳои табииро намедонистанд ва фикр менамуданд, ки ин тағйирот ба ҷирмҳои (осмонӣ) ситорагон ва баромадани онҳо вобаста аст, на балки пораҳои кураи осмонӣ ва дохил шудани Офтоб ба он. Дар тамоми маконҳои замин барзгарону чӯпонҳо ибтидои аъмоли худ ва маърифати авқотро ба андозаи арабҳо медонанд» [3, 263].

Дар ин бора мутафаккири машҳури асри XIV-и араб Абусаид Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (солҳои 1332-1406) тасдиқ кардааст, ки: «Эрониҳо бештар ба илмҳои ақлонӣ (табиӣ) эътибори зиёд медоданд ва ин илмҳо дар диёри онҳо дар равнақ буд» [10, 22].

Таснифи илмҳои Арасту дар асараш, ки ба забони арабӣ тарҷума шуда, дар Шарқи мусулмонӣ паҳн гардида буд, на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, балки дар тамоми мамолики арабу мусулмонӣ машҳур буд. Дар навбати худ ба таснифоти илмҳои Арасту таъсири бузургро таснифоти илмҳои Афлотун гузоштааст.

Лекин олимони асримиёнаи мусулмонро танҳо ин таснифоти Арасту таҳия амуда қонеъ карда наметавонист. Онҳо таснифоти олимони дигари бостониро омӯхта, қисман онро қабул намуданд. Корҳои онҳоро инкишоф дода, илова ва коркард намуданд.

Таснифоти илмҳо, ки олимони Шарқи мусулмонӣ тартиб додаанд, ба мартабаи (дараҷаи) илм асос ёфтааст, ки қариб ҳазор сол равиши таълими мусулмониро муайян намудааст. Ҳамаи таснифоти нисбатан маъруфи илмҳои ин давр ягонагии илмро нишон дода, бо мақсади паиҳам омӯхтани онҳо бояд ба як низом гузошта шаванд. Худи илм дар маҷмуъ ба дарахти ягонае шабоҳат дошт бо шохаҳои зиёд, ки месабзанду гул мекунанд дар баробари сабзиш ва гулкунии ҳамаи дарахт. Аммо, доимо шохаҳои дарахт беохир намесабзанд, ҳамин тавр дарахти илм дар раванди инкишоф ҳад дорад бо мақсади ҷудокунии онҳо аз танаи асосӣ. Инкишофи босуръати яке аз онҳо сабаби вайроншавии ҳамоҳангӣ ва хушк шудани тамоми дарахт мегардад. Мавқеи ҳар илм – шохаҳои дарахт ботартиб муайян шудааст [6, 8-14].

Ба мушкилоти таснифоти илм ҳамаи олимони машҳури асримиёнаи мусулмонӣ сарукор гирифтаанд, ба монанди Яъқуб ибн Исҳоқ ибн Саббоҳ ал-Киндӣ (вафот 873), Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ (28.08.865-26.10.925), Абунаср ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Фаробӣ (870-950), Абуалӣ ибни Ҳусайн Абдуллоҳ ибни Сино (16.08.980-24.06.1037), Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф ал-Котиби Хоразмӣ (асри X), Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим (909-990), Шаъия ибни Фариғун, Абухайён ат-Таҳидӣ, Ҷалолиддин ас-Суютӣ (1445-1505), Абулҳасан ал-Ҳуҷвирӣ, Фахруддин ар-Розӣ (асри XII), Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ (1058-1111), Шиҳобддин ас-Суҳравардӣ (асри XII), Абусаид Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (1332-1406) ва дигарон [10].

Як идда аз олимони номбаршуда, на танҳо ба таснифи илмҳои замони худ аҳаммияти махсус зоҳир намудаанд, инчунин дар ин бахш осори ҷудогона низ таълиф кардаанд. Ин ҷо мебояд ду рисолаи Форобиро дар риштаи таснифоти илм зикр намуд: «Дар пайдоиши илм» [9, 51], танҳо ба забони лотинӣ маълум аст («De ortu scientiarum») ва «Ихсо ал-улум» (бахшҳои (таснифоти) илм), рисолаи Ибни Сино-«Рисала фи ақсом ал-улум» (Рисолаи дар бахшҳои (таснифоти) илм), инчунин рисолаи Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф ал-Котиб ал-Хоразмӣ «Мафотиҳ ал-улум» («Калиди илмҳо»).

Бояд зикр намуд, ки «Мафотиҳ ал-улум»-и Абуабдуллоҳ Котиб ал-Хоразмӣ ҳамчун асари нодири арабизабон оид ба таснифоти улуми ҳамон замон ба забони лотинии асрҳои миёнаи Аврупо баргардон шуда буд.

Яке аз аввалин осор оид ба таснифоти улум дар Шарқи асримиёнагии мусулмонӣ ба қалами ал-Киндӣ таалluқ дорад, ки ба тақсимбандии арастугии илм: назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ тақсим шудааст. Ба тақсимбандаи номбаршудаи олимони антиқӣ инчунин тақсимбандии динӣ ва соф илмӣ - фалсафӣ илова шудааст, ки ба он аҳаммияти махсус дода буданд [1,41-132].

Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (865-925) яке аз аввалинҳо шуда дар баробари шабакоти таснифотии улум, ки ҳамаи илмҳоро дар бар мегирад нисбатан ҷузъитар кор кард, ки танҳо қисмҳои алоҳидаи донишро фаро мегирифт. Ба ин шабака таснифоти ӯ оид ба кимиёро метавон дохил намуд.

Яке аз таснифоти машҳури он замон, ки ба бисёре аз наслҳои олимони мамолики исломӣ таъсири худро гузоштааст, таснифоти улуми Форобӣ мебошад, ки зикри рисолааш дар боло рафт.

Масалан ӯ дар муқаддимаи ин рисола овардааст: «Мо кӯшиш намудем дар ин китоб ҳар кадоми илмҳои маълумро ботартиб ва муҳтавою қисмҳои он номбар кунем. Мо онҳоро панҷ қисмат мекунем:

1.Забоншиносӣ ва қисмҳои он; 2. Мантиқ ва қисмҳои он; 3.Илмҳои математикӣ, яъне арифметика, геометрия, оптика, астрономияи математикӣ, мусиқӣ, илм андар вазнҳо ва илм андар намудҳои маҳоратҳо, физика ва қисмҳои он, илми ҳуқуқ (калом) ва қисмҳои он» [2, 24].

«Рисола андар қисмҳои (таснифоти) улум» («Рисола фи ақсом ал-улум»)–и Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ ба забонҳои иврит ва лотинӣ тарҷума шудааст. Таснифоти ӯро бо каме тағйироту иловаҳо чунин олимони забардасти соҳиби таснифоти илмҳо, аз қабили Ибни Сино, Ибн Рушд (1126-1198) ва Муҳаммади Ғаззолӣ низ пазируфтаанд. Тарҷумаи лотинии рисолаи Форобиро тарҷумони номдори осори муаллифони арабзабон Доминик Гундиссалин (1115-1190) бо номи «De scientiis» ба анҷом расонидааст, ки дар Аврупои асримиёнагӣ хело машҳур буд.

Тавре ки зикр шуд, дар асоси таснифоти Форобӣ ҳамаи илмҳо ба панҷ синф ҷудо мешудаанд. Механикаро (ҷарри асқол) дар навбати худ ба ду шоха тақсим кардааст: илм андар вазнҳо (статикаи назариявӣ) ва илм андар намудҳои маҳоратҳо (илм ал-ҳиял - статикаи амалӣ). Форобӣ инҳоро ба гурӯҳи илмҳои математикӣ дохил намудааст.

Ибни Сино (илм ал-ҳийа») (илм андар намудҳои маҳорат)-ро ба шохаҳои илм дохил намудааст, фаҳмиши шохаҳо маҷмуи илмҳои ба он робита доштаро истифода менамояд. Ба шохаи геометрия ӯ, масалан як қисми он чӣ асосан дохил мешавад, дар илми ҳиял ин донишҳо оид ба ҷойгузории борҳо бо қувваи кам, андар ҳаракати об ва бардоштани об ва ғайраро дохил намудааст. Як гурӯҳи муаллифон махсус илми бардоштани обро ҷудо намуда, ҳамчун қисме аз геометрия ҳисобидаанд [7,141].

Ҳамаи олимони асримиёнаи Хуросону Мовароуннаҳр, ки ба таснифоти улуми асри хеш сарукор доштанд, илм андар вазнҳоро ба математика дохил намудаанд. Ҳатто механики маъруфи Хуросони асри XII (муаллифи рисолаи классикӣ доир ба статика) Абулфатҳ Абдурраҳмон Мансури Хозинӣ (1077-1155) тасдиқ менамуд, ки «фаҳмиш доир ба маркази вазнинӣ (яъне, масоили асосии назариявии статика) бузургтарин ва пурифтихортарин қисмати илми математикаро ташкил медиҳад» [4,18].

Қисми зиёди рисолаҳои энсиклопедӣ чи тавре ки роиҷ буд, ба ду қисм ҷудо

мешуданд: мувофиқан баёни назариявӣ ва амалии илм.

Илмҳои назариявӣ дар навбати худ ба мантиқ, физика, математика ва метафизика ҷудо мешуданд. Ба таркиби илмҳои амалӣ инҳо дохил мегардиданд: этика, иқтисодӣ ва сиёсат. Физика - худи физикҳо ба он химия, геология ва минералогия, ботаника, зоология, тиб ва писихологияро дохил намудаанд. Қисмҳои асосии математикаро арифметика, геометрия, астрономия ва назарияи мусиқӣ ташкил медиҳад. Ба инҳо алгебра ва оптика низ ҳамроҳ мешуданд (яъне, илм андар вазнҳо ва илм алҳиял).

Аммо Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Юсуф Котибии Хоразмӣ (910-997) дар осори энсиклопедии худ «Мафотиҳ ал-улум» («Калиди илмҳо») қисми амалии механикаро (статикаи амалӣ) илм ал-ҳиял бо илмҳои бунёдӣ, дар қатори фалсафа, мантиқ, тиб, арифметика, астрономия ва мусиқӣ дида мебарояд.

Новобаста аз он ки дар баъзе осори таснифоти улум илм ал-ҳиял ҳамчун шохаи геометрия дида шудааст, дар асл дохил намудани он ба геометрия, яъне математикаи асил хело «зӯракӣ» аст, ин тавр ки сухан на аз илми геометрия, балки доир ба татбиқи он ба корҳои муҳандисии он замон меравад. Нахустин маротиба Абдурраҳмон ал-Хозинӣ ҳанӯз дар асри XII дар асари машҳури худ «Мизон ал-ҳикма» («Тарозуи ақл») ҳар ду бахши назариявӣ ва амалии механикаро муттаҳид намуда, ба маънои якбахш намудани назария ва амалияи таълимот доир ба тарозу ва баркашиданро ба анҷом мерасонад.

Бояд қайд кард, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр асримиёна ба монанди Аврупои лотинии асримиёна механика аз дигар илмҳо ҷудо шуда буд. Дар байни олимони ин замон мутахассиси ин бахши илм ба маънои аслии ин сухан набуд. Олимоне чун Абубакр ар-Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Абдурраҳмон ал-Хозинӣ ва дигарон, ки бо номҳояшон дастовардҳои асосии механика марбут аст, чи хеле, ки мегӯянд энсиклопедист буданд, яъне, кулли илмҳоро фаро гирифта буданд (физика, механика, математика, астрономия, тиб, ҷуғрофия, философия, таърих, филология ва ғайраҳо). Барои ҳамин робитаи байни илмҳо на танҳо дар доираи васеи олимон, балки дар эҷодиёти ҳар кадоми онҳо ба вуҷуд меояд.

**АДАБИЁТ**

1.Аль-Кинди. Трактат о количестве книг Аристотеля и о том, что необходимо для усвоения философии. Книга о пяти сущностях. Объясниние ближней действующей причины возникновения и уничтожения//Аль-Кинди; пер. с. араб. А.В. Сагадеева//Избр. произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. – М.: Соцэкгиз, - 1961. – С.41-132.

2.Аль-Фараби. О разуме и науке/Аль-Фараби; пер.с араб. Б.Я. Ошерович; вступ. статья А.Х. Касымжанова. – Алма-Ата: Наука, - 1975. – 113 с.

3.А. Берунӣ. Осор-ул-боқия / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 263 с.

4.Кадыров, К.Б. История педагогической мысли таджикского народа (с древнейших времен до возникновения ислама)/К.Б. Кадыров. – Душанбе, - 1998. – 235 с.

5.Комилов А.Ш. Абу Бакр ар-Рази-физик/А.Ш. Комилов//Известия Академии наук Тадж. ССР. Серия: Филос., Экон., Прав. – 1990. – №1. – С.63-66.

6.Комили А.Ш., Максадов Х.И., Рахмонов Х.О. Состояние научной и технической мысли у предков таджикского народа в период VI-VIII вв (Гундишопурская академия)/А.Ш. Комили, Х.И. Максадов, Х.О. Рахмонов//Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, - 2013. – С. 8-14.

7.Комилов А.Ш., Таваров С.К. Из истории физики Средней Азии в IX-XIII вв/А.Ш. Комилов С.К. Таваров. – Душанбе: Нодир, - 2005. – 144 с.

8.Розӣ, З. Мунтахаби осор / Закариёи Розӣ. – Душанбе: Адиб, - 1989. – 160 с.

9.Рожанский И.Д. Античная наука [Текст]/И.Д. Рожанский. – М.: Наука, - 1986. – 200 с.

10.Ибн Халдун. Введение (фрагменты) [Текст]//Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего

Востока IX-XIV вв. – М.: Соцэкгиз, - 1961. – С.559-628.

## ТАСНИФОТИ ИЛМ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ МИЁНА

Дар мақола оид ба гурӯҳбандии (классификатсияи) илмҳо сухан меравад. Инчунин, дар мақола роҷеъ ба саҳми мутафаккирони халқи тоҷик дар классификатсияи илмҳо ва ҷою мақоми онҳо дар ин ришта нишон дода шудааст.

Муаллиф ҳамзамон нишон додааст, ки мутафаккирони халқи тоҷик чун Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ, Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад Форобӣ, Абуали Ҳусайн ибни Абдуллоҳи Сино, Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад Юсуф Котиби Хоразмӣ, Абухайёни Таҳидӣ, Ҷалолуддини Суютӣ, Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, Фахруддини Розӣ, Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ ва дигарон дар гурӯҳбандии илмҳо саҳми босазое гузоштаанд. Инчунин қайд гардидааст, ки таъсири осори олимони гузаштаи тоҷик барои пешрафти баъдинаи илм замина гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** *илм, гурӯҳбандӣ, табиатшиносӣ, Осиёи Марказӣ, ситорашиносӣ, расадхона, зиҷ, Тӯсӣ, Марога.*

## КЛАССИФИКАЦИЯ НАУКИ В НАУЧНОМ ТВОРЧЕСТВЕ ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ СРЕДНИХ ВЕКОВ

В данной статье речь идёт о классификации различных наук, а также в этом направлении показан вклад таджикских мыслителей в классификацию науки и ее место в истории этих дисцилин.

В научной статье автор показал, что таджикские мыслители в том числе, Абубакр Мухаммад ибн Закариё ибни Яхё ар-Рази, Абунаср Мухаммад ибни Мухаммад ал-Фароби, Абуали Хусайн ибни Абдуллах ибни Сина, Абдуллох Мухаммад ибни Ахмад ибни Юсуф ал-Котиб ал- Хоразми, Абу Хайён ат-Тахиди, Джалолиддин ас-Суюти, Абулхасан ал-Хучвири, Фахруддин ар-Рази, Абухомид Мухаммад ибни Мухаммад ал-Газзоли, Шихобддин ас-Сухраварди и другие внесли свой бесценный вклад в различные классификации наук. Так же отмечено, что научное наследие предков таджикского народа стало основой для последующего развития наук.

**Ключевые слова:** *классификация, естествознание, Центральная Азия, астрономия, обсерватория, зидж, Туси, Марога.*

## CLASSIFICATION OF SCIENCE IN SCIENTIFIC WORK OF TAJIK THINKERS OF THE MIDDLE AGES

This article deals with the classification of various sciences, and also in this direction shows the contribution of Tajik thinkers to the classification of science and its place in the history of these disciplines.

In the scientific article, the author showed that Tajik thinkers, including Abubakr Muhammad ibn Zakariye ibni Yahe ar-Razi, Abunasr Muhammad ibni Muhammad al-Farobi, Abuali Husayn ibni Abdullah ibni Sina, Abdulloh Muhammad ibni Ahmad ibni Yusuf al-Kotib al-Khorazmi, Abu Hayen at-Tahidi, Jaloliddin al-Suyuti, Abulhasan al- Khuchviri, Fakhruddin ar-Razi, Abuhomid Muhammad ibni Muhammad al-Gazzoli, Shikhobddin al-Suhrawardi and others have made invaluable contributions to various classifications of sciences. It was also noted that the scientific heritage of the ancestors of the Tajik people became the basis for the subsequent development of science.

**Key words:** *classification, natural science, Central Asia, astronomy, observatory, zij, Tusi, Maroga.*

**Сведения об автора: Максадов Хабибулло Исматович** – кандидат исторических наук, научный сотрудник Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ. 734025, г. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.:(+992) 917-94-71-73. E-mail: maksadov.1961@mail.ru.

**Information the about author: Maksadov Habibullo Ismatovych -** candidate of historical sciences, researcher at the Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donisha NAST. 734025, Dushanbe city. Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 917-94-71-73. E-mail: maksadov.1961@mail.ru.

# ТАЪРИХ ВА НАЗАРИЯИ САНЪАТ - ИСТОРИЯ И ТЕОРИЯ ИСКУССТВО – HISTORY AND THEORY OF ART

УДК: 821.511.113(55)+78(55)

## МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗИ САМАРҚАНДӢ[1]

**АСКАРАЛӢ РАҶАБОВ,**
**Институти таърих бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Устоди бузурги мусиқӣ Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ (Абдурасул, 1850-1936) аз овони ҷавонӣ ба мероси Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273), Камоли Хуҷандӣ (1318/20-1401) ва суханварони дигари адабиёти тоҷику форс шӯру шавқи зиёд дошт. Ӯ таҳти сарварии устодаш Раҳими Танбӯрии Самарқандӣ (1820-1897) дар баробари омӯзиши асосҳои мусиқӣ, инчунин мероси шеъриро фаро мегирад [1,13]. Бинобар ба эътирофи шогирди баноми устоди барҷастаи мусиқӣ, сарояндаи номӣ, яке аз меросбарони анъанаи эҷодию иҷроии Ҳоҷӣ Абдулазиз дар водии Ҳисор, Саидхони Ҳисорӣ (Саидхони Тӯхта, 1890-1964: «Ҳоҷибобо ҳамеша таъкид менамуданд се боре, ки ба кишварҳои Қафқозу Эрону Туркия, Мисру Сурия, мавзеъҳои дигар Маккаву Мадина ва ғайра сафар намудаанд, ки ҳар се бори сафарашон (1887, 1888, 1900 А.Р.) марқади Мавлоно, модарашон Муминахотун, завҷаҳояшон Гавҳархотун, Киромхотун (ҳама зодагони Самарқанд), писарашон Султон Валадро зиёрат намуда ва дар сари қабрашон ғазалҳояшонро пешкаши зоирину мардуми Қуния намудаанд. Қабри пири падарашон Шайх Наҷмуддини Куброро ҳам се бор дар Урганҷ зиёрат кардаанд…» [2,8-9]. Ҳоҷӣ Абдулазиз ба меросу шахсияти Мавлоно, орифони тариқати кубравия эҳтироми зиёд дошта, аз зумраи аввалин устоди мусиқии Мовароуннаҳр (садаи XIX ва оғози садаи XX) аст, ки на фақат марқади Мавлоно, инчунин турбатҳои симоҳои бузург Фирдавсӣ (940-1020), Абуалии Сино (980-1037), Низомӣ (1141-1205), Маҳастии Хуҷандӣ (1089-1159), Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), Амир Хусрав (1252-1325), Камоли Хуҷандӣ (1321-1400), Хоҷа Низомиддини Авлиё (1238-1325) ва дигаронро зиёрат карда, ба ашъорашон таронаҳои рангину дилангез офарида ва манзури дӯстдорони шеъру мусиқӣ намудааст [3,15].

Воқеист, ки Ҳоҷӣ Абдулазиз ба шахсияту шеъри Мавлоно дар фазои хонавода ошно шуда, минбаъд дар ҷараёни фарогирии асосҳои шеъру мусиқӣ назди устодаш Раҳими Танбӯрӣ, шиносоӣ бо устодони мусиқии Самарқанд Хушкомили Дуторӣ, Раҳматхоҷаи Дуторӣ, Оқилхони Дуторӣ, Муқими Дуторӣ ва дигарон ошно шудан, дониши мавлонопазирии ӯ меафзояд. Устодаш яке аз аввалин номоварони ҳавзаи эҷодию иҷроии мусиқии Самарқанд аст, ки доир ба робитаи шеъру мусиқии устодона «Шашмақом» рисола - баёз (манзумаи мусиқӣ) таҳия

[1] **Ба ифтихори гиромидошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар ЮНЕСКО.**

намудааст ва Ҳоҷӣ Абдулазиз омӯзиши асосҳои шеърии мусиқии устодона тавассути ин рисолаи тартибдодаи устодаш дониши шеърӣ меандӯзад. Дар ин манзумаи мусиқии устодаш шеъри Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мавқеи хоса дорад.

Дар рисола баёзҳо доир ба «Шашмақом», ки садаи XVIII- оғози садаи XX дар Бухоро, Самарқанд (намунаҳои фардӣ дар Тошканду Хоразм) таҳия шуданд, шомил гардидаанд. Бо кӯшиши Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1896) маҳфили адабию ҳунарие дар Бухоро ба фаъолият шурӯъ намуд, ки он чеҳраҳои шеъру мусиқии Бухоро Қорӣ Кароматуллоҳи Дилкаши Танбурӣ (1851-1906), Ҳомидхоҷаи Савтӣ (1849-1918), Ҳоҷӣ Абдулкарими Хонанда (1848-1910), Махдуми Хонанда (1842-1905), Ҳоҷӣ Абдуллоҳи Савтӣ (1834-1902), Ҳофизи Бобомулло (ваф. 1875), устод Абдулхайри Махдум (1868-1919) ва ғайраро рӯи саҳнаи адабу мусиқии ин сада овард. Ин маҳфил ба намояндагони ҳавзаи эҷодию иҷроии Самарқанду Чорҷӯ, Марв ва ғайра иртиботи наздик дошт. Ҳоҷӣ Абдулазиз тавассути косибони Бухоро (Ашрафҷони Сандуқсоз) ба доираи эҷодию иҷроии Бухоро ҳам робита пайдо намуда, дар ҷараёни диду боздидҳояш аз манзумаҳои мусиқии таҳияшудаи ин шаҳр низ баҳравар шуда, шиносоияш ба шеъри Мавлоно афзунтар мешавад [4,35].

Дар манзумаҳои шеърию мусиқӣ, анъанаи эҷодию иҷроии мақом ва мақомсароии садаи XVIII- оғози садаи XX шеъри зарбию мусиқивори Мавлоно таъсири хос доранд. Муассир будани шеъри зарбию мусиқивори Мавлоно на фақат ба фаъолияти эҷодию иҷроии Ҳоҷӣ Абдулазиз, инчунин, ҷойгоҳи он дар манзумаҳои мусиқии садаҳои XVIII-XIX ва сароғози садаи XX таҳқиқи фаннӣ нашудааст. Таъсири шахсияту осори Мавлоно ба Ҳоҷӣ Абдулазиз баъди сафарҳояш ба кишварҳои Шарқи Миёна, Наздик, Осиёи Сағир (Истамбул, Қустантания, Қуния), хосатан зиёрати турбати Мавлоно (Қуния, хонаводаи ӯ) афзун мешавад. Ӯ баъди зиёратҳояш аз марқади Мавлоно, диду боздидҳояш аз хонаводаҳои самарқандии сокини Қуния, ихлосу иродати ӯ ба шахсияти Мавлоно дучанд меафзояд. Силсилатаронаҳои дар зарбу авзони мақомҳо ба шеъри Мавлоно эҷоду иҷронамудаи Ҳоҷӣ Абдулазиз на фақат аз саҳифаҳои рангини фаъолияти эҷодию иҷрои ӯ буда, инчунин аз намунаҳои баргузидаи волоҳунарии эҷодию иҷроии шеърию мусиқӣ дар эҷодиёти мусиқии устодонаи садаи XIX ва оғози садаи XX тоҷик мебошад [5,21].

Чуноне ки зикр шуд шеъри Мавлоно дар аксари рисола - баёзҳои «Шашмақом» (садаҳои XIX, оғози садаи XX) на фақат ворид шудаанд, инчунин ҷойгоҳи хос доранд.

Дар ҷараёни омӯзиши нусхаҳои қаламии манзумаҳои мусиқӣ доир ба «Шашмақом», ки дар захираҳои хаттии Санкт - Петербург (С 693-842; В 2408 ЛОИВАН СССР), Тошканд (РР: 7074, 3842, 4632-1, 1109-11, 1197, 302-VI, 8827-11, 1428-11, 5734-1, 3059, 1466, 3920-1, 8000, 8854, 8855, 8856, 13860 ва ғайра. ИШАФ Ӯзбекистон), Душанбе (РР:1294, 1049, 1312, 1310, ИШАИ Тоҷикистон), Эрон (Машҳад, Остони Қудси Разавӣ Ш: 12928) ва ғайра равшан шуд, ғазалу рубоиҳои Мавлоно дар ин манзумаҳои мусиқӣ авлавияти хос касб намудаанд

[6:21,24,31,37,28,36,43]. Аз ҷумла, ин ғазали ширу шакари Мавлоно, ки дар барномаи эҷодию иҷроии Ҳоҷӣ Абдулазиз (аз аввалин оҳангсоз ба ин ғазал, иҷрогар) саршор аз муассирияти хоси эҷодию иҷроии борҳунаронаи мусиқист. Бинобар ба тавзеҳи шогирдони Ҳоҷӣ Абдулазиз ин сурудро ӯ дар сафару зиёрати дувумаш ба Қуния бо зарбу авзони хиргоҳӣ, кӯчабоғии устодона, санъати бадеҳасароӣ эҷод намуда, онро на фақат манзури зоирини турбат, маҳфили самои Мавлоно (Қуния), инчунин дар Истамбул манзури намозгузорони яке аз куҳантарин масҷиди ҷомеи Истамбул Меҳмет мечит намудааст (нигорандаи ин сатрҳо аз ин масҷид се бор дидан намуда, бо чанде аз муҳаққиқони турк доир ба ин солҳо маълумот дарёфтааст). Ин таснифи Ҳоҷӣ Абдулазиз дар анъанаи эҷодию иҷроии шеърию мусиқӣ басе маъруф будааст. Саидхони Ҳисорӣ (1890-1964) аз беҳтарин меросбарон, шогирдону иҷрогарони ин таснифи Ҳоҷӣ Абдулазиз дар ҳавзаҳои эҷодию иҷроии водии Ҳисору Самарқанд маҳсуб мешуд. Матни ин таснифро нигорандаи ин сатрҳо аз бойгонии духтари Саидхон (нигаҳдоранда духтараш Саидова Бибираҷаб - бошандаи ноҳияи Сариосиё) низ дастрас намуда, инчунин аввали солҳои 60 - уми садаи XX инҷониб агарчанде хурдсол будам, ин сурудро дар тӯйи деҳа дар иҷрои Саидхони Ҳисорӣ (дар ҳамовозии сози дутор), баъдан дар иҷрои меросбари мусиқии мардумӣ Қорӣ Саиди Қаро-тоғӣ шунида будам. Оҳангу иҷрои ин тасниф шодонаю уфарист ва матнаш чунин аст:

Донӣ, ки ман зи олам ялғуз сени севарман,
Гар дар барам наёӣ, андар ғамат ӯларман.
Ман ёри бовафоям, бар ман ҷафо қилурсан,
Гар ту маро нахоҳӣ, ман худ сани деларман.
Рӯи чу моҳ дорӣ, ман содадил аз онам,
З-он шаккарин лабонат бир иккина диларман.
Ту ҳамчу шери мастӣ, мани қонум ичарсан,
Ман чу сагони кӯят дунболи ту кезарман.
Фармой ғамзаатро, то хуни ман бирезад,
В-арна санинг ускунда мир язғурӣ ёзарман.
Ҳар дам ба хашм гӯӣ: нари манам қуюнда (кӯйинда),
Ман сахт карда, наздики ту д(т)урарман.
Рӯзе нишаста хоҳам ялғуз санинг қуюнда,
Ҳам сан чағӣ ичарман, ҳам ман Қайс буларман,
Моҳе чу Шамси Табрезӣ ғайбат намуду гуфто:
Аз ман дигар мапурсед, ман сӯйладим, борарман [7,10-11].

Таснифи дигари Ҳоҷӣ Абдулазиз бо номи «Дӯстхудоӣ» ба ғазали машҳури Мавлоност, ки сароғозаш чунин аст:

Мо дар ду ҷаҳон ғайри Худо ёр надорем,
Андешаи фардою сари дор надорем.

Ин таснифро Ҳоҷӣ Абдулазиз замони зиёрати аввалини турбати Мавлоно (Қуния, 1887) эҷод карда, бинобар ба тавсифи шогирдаш Саидхони Ҳисорӣ (аз гузориши духтари Саидхон Бибираҷаб) бадоҳатан дар ҳузури зоирини турбати

Мавлоно эҷоду иҷро намудааст. Ин таснифро ӯ низ дар маҷлиси самои Мавлоно бо ифодаҳои муассири иҷроии ҳамсон бо руҳияю завқи иштирокдорони маҳфил сурудааст. Ин таснифи Ҳоҷӣ Абдулазизро намояндагони ҳавзаи эҷодию иҷроии мусиқии водии Ҳисор Саидхони Ҳисорӣ, Азим Насим, Қорӣ Саид ва дигарон иҷро намудаанд. Нигорандаи ин сатрҳо «Дӯстхудоӣ»-ро дар ҳамовозии сози дутор дар иҷрои Саидхони Ҳисорӣ, ки тӯйҳои деҳаҳои Сариосиёро оро медод, шунидааст [8,152-153]. Имрӯз дар анъанаи иҷроии ҳирфаии мо бо диду бардошти нав, иҷрои боҳунарона ин таснифи Ҳоҷӣ Абдулазизро дар талқини рангину мусиқивори овозхони камназири мусиқии муосири тоҷик устод Ҷӯрабек Мурод моҳияту ифодаҳои рангомези иҷроию бадеии тоза касб намудааст.

Дар эҷодиёти мусиқии Ҳоҷӣ Абдулазиз таснифи дигари ӯ ба ғазали Мавлоно сохтааш «Турки паричеҳра» на фақат дар ҳавзаҳои эҷодию иҷроии Самарқанд, Бухоро, водии Ҳисор, инчунин Қафқозу Туркия шуҳрати зиёд доштааст. Ин тасниф низ аз сафаргуфтаҳои устоди мусиқӣ ба Қафқозу Осиёи Сағир, хоса баъди зиёрат аз турбати Мавлоно (Қуния,1888) мебошад. Ғазали мазкур дар чандин рисола-баёзҳои «Шашмақом» - садаи XIX ва оғози садаи XX таҳияшуда (дар захираҳои хаттии Тошканд нигаҳдорӣ мешаванд) ворид шуда, аз ҷумла дар мақоми «Рост» («Шашмақом», шохаи «Фурӯдошти Ушшоқ») шомил гардида, дар анъанаи иҷрой саршор аз муассирияти мусиқию бадеист:

Эй турки моҳчеҳра, чӣ гардад, ки субҳ ту,
Ой ба ҳуҷраи ману гӯй, ки «**галл барӯ**».
Ту моҳи туркиву ман агар турк нестам,
Донам ман ин қадар, ки ба туркӣ об – **сув.**
Оби ҳаёти ту гар аз ин банда тира шуд,
Туркӣ макун ба куштанам, эй турки туркхӯ!
Ризқи маро фарохӣ аз он чашми танги туст,
Эй ту ҳазор давлату иқболи ту ба ту,
Эй Арслон, қилич макаш аз баҳри хуни ман,
Ишқат гирифт ҷумлаи аҷзом мӯ ба мӯ.
Захми қилич мабод, ки бар ишқи ту расад,
Аз бухли ҷон намекунам, эй турк, гуфтугӯ,
Номи турк гуфтам аз баҳри мағлата,
Зеро ишқ дорад сад ҳосиду адӯ.
Дактур шунидам аз туву хомӯш мондам,
Ғаммози ман бас аст дар ин ишқ рангу бӯ [2,9-18].

«Мавлономаи мусиқӣ»-и Ҳоҷӣ Абдулазиз на фақат хоси рангомезии эҷодию иҷроии устоди мусиқӣ, инчунин намунаи ҳирфаии эҷоду иҷроии ӯ нисбат ба мероси бузурги адабӣ андӯхтаи намояндагони баноми таъриху фарҳанги мо мебошад. Таронаи дигар аз «Мавлономаи мусиқӣ»-и Ҳоҷӣ Абдулазиз ба ғазали дигари суханвар, ки онро «Чеҳраҳои гулвардӣ» (чеҳраҳои рангину чашмбин) номида, ин тасниф ҳам маҳсули сафаргуфтаҳои ӯ ба шаҳрҳои Осиёи Сағир, Шарқи Миёнаю Наздик буда, бинобар ба тавсифи шогирдонаш Шариф Акрамов (сарояндаи мум-

този Театри давлатии мусиқии Самарқанд), Исмоил Акрам (драмнавис, нависандаи самарқандӣ) дар фазои мусиқии солҳои 20-уми садаи ХХ-и Самарқанд ва бурун аз он шуҳрати зиёд дошта, аз таснифоти баргузидаю машҳури барномаи иҷроии устоди мусиқӣ Саидхони Ҳисорӣ ҳам буда, (бо такя ба маводи бойгонии хонаводагии духтари устоди мусиқӣ), ҳамнаво ба зарбу авзони «Дугоҳи Ҳусайнӣ» мебошад ва матни ин тасниф чунин аст:

Расид туркам бо чеҳраҳои **гулвардӣ,**
Бигуфтамаш: «Чӣ шуд он аҳд?» Гуфт: «**Улвардӣ».**
Бигуфтамаш, ки яке номае ба дасти сабо,
Бидодаме аҷаб, овард? Гуфт: «**Гестурдӣ».**
Бигуфтамаш, ки чаро бегаҳ омадӣ, эй дӯст?
Бигуфт: «**Сайравиди ӯйлда ӯйлдошим ардӣ».**
Бигуфтамаш: «Зи рухи туст шаҳри ҷон равшан,
Зи офтоб даромӯхтӣ ҷавонмардӣ».
Бигуфт: «Тарҳ ниҳад рухи рухам дусад ҳурро,
Ту чун маро таб(а)и ӯ кунӣ? Зиҳӣ сардӣ!»
Бақои ман чу бидиду заволи худ хуршед,
Бигрифт дар талабам одати ҷаҳонгардӣ.
Суҷуд кардаму мустағфирона нолидам,
Бидид ашки маро давр фиғону пурдардӣ.
Бигуфт: «Не, ки ба қосид мухолифе гуфтӣ,
Ба ашк гуфтӣ ману гуфтанам даровардӣ».
Бигуфтамаш: «Гули бехору субҳи бешомӣ,
Ки бандагонро ба ширу шаҳд парвардӣ».
Зи лутфҳои ту аст он-к сурх мегӯянд,
Ба улф ҳулям зарро бад-он ҳама зардӣ.
Бигуфт: «Бош камозору дам мазан, хомӯш,
Ки зард гуфтӣ зарро ба фанну озардӣ» [2,16-17].

Таснифи дигари Ҳоҷӣ Абдулазиз бар ғазали Мавлоно, ки онро бо бардошти эҷодкорона аз оҳангҳои шодиёнаи мусиқии устодона (мақомҳо) бо номи «Мутриби ғамат» ин таснифаш низ аз сафартаснифоташ буда, ба эътирофи Шариф Акрам аз таснифоти пуровозаи устод мебошанд. Матни ин ғазал дар аксари рисоламанзумаҳо доир ба «Шашмақом» (садаи XIX, оғози садаи XX таҳияшуда) дар «Намуди Рост»-и мақоми «Рост» ворид шуда, аммо дар нашри «Шашмақом», ки устодони мусиқӣ Бобоқул Файзулло (1899-1964), Шоҳназар Соҳиб (1903-1972), Фазлиддин Шаҳоб (1912-1974) ва сабти Академияи мақоми Тоҷикистон ин ғазал истифода нашудааст. Лозим ба тазаккур аст, ки дар сабтҳои «Шашмақом» аз манзумаҳои нисбатан комили мусиқӣ кам истифода шудааст, махсусан аз нусхаи дар замони амир Насруллоҳ (1826-1860) ва барои ин амир соли 1847 таҳия ва китоборой намудаи Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) «Рисола дар даромади Шашмақом». Матни «Мутриби ғамат», ки бо ғазали Мавлоно Ҳоҷӣ Абдулазиз сохтааст, чунин аст:

Эй зада мутриби ғамат дар дили мо таронае,
Дар сару дар димоғи мо ҷон ҷуста зи ту фасонае.
Чун-к хаёли хушдамат аз сӯи ғайб дардамад,
З-оташи ишқ барҷаҳад то ба фалак забонае.
Зӯҳраи ишқ чун бизад панҷаи худ дар обу гил,
Қомати мо чу чанг шуд, синаи мо чағонае.
Оҳуи ланг чун ҷаҳад аз кафи шери шарзае,
Чун бираҳад зи бози ҷон қолаби чун самонае?
Эу гулу эй баҳори ҷон в-эй маю в-эй хумори ҷон,
Шоҳу ягона ӯ бувад, к-аз ту хӯрад ягонае.
Боғу баҳори бахт бин, олами пурдарахт бин,
В-ин ҳамагӣ дарахтҳо руста шуда зи донае.
Аз деҳишу атои ту фақри фақир фахр шуд,
То ки намонд дардро бар фуқаро даҳонае.
Лутфу атову раҳматат табли висол мезанад,
Гар накунад висоли ту бори дигар баҳонае.
Рӯзаи Марями маро хони Масеҳият наво,
Тар кунам аз Фуроти ту имшаб хушкнонае.
Хомӯш кун, агар сарат хориши нутқ медиҳад,
Ҳаст барои ҷаъди ту сабр гузида шонае [6,24].

Ҳоҷӣ Абдулазиз дар ҷараёни сафарҳояш ба расму ойин, зиндагии мардум, пешаҳо, эҷодиёти шеърию мусиқии шаҳру маҳалҳои кишварҳои Шарқи Миёнаю Наздик, Осиёи Сағир таваҷҷуҳ карда, қисме аз таснифоташро мутобиқ ба дидаю шунидаҳояш ҳамсон намудааст, ки оҳангҳои «Мисрӣ», «Ҷазоирӣ», «Ироқӣ», «Ҳиҷозӣ», «Гадоӣ», «Ғарибӣ», «Аёз», «Пардаи чарх» ва ғайра баёнгари ин сафаргуфтаҳояш мебошанд. Ӯ тасвири ин сафаргуфтаҳояшро аз шеъри рубобию орифонаи Мавлоно ҷустуҷӯ менамояд ва комёб ҳам мешавад. Аз ҷумла, таснифи «Пардаи чарх» аз таснифоти намодини шодонаи ӯст, ки матни он аз дафтар - мусаввадаи шогирдаш Саидхони Ҳисорӣ пайдо шуд:

Чашми ту хоб меравад, ё ки ту ноз мекунӣ?
Не, ба худо, ки аз дағал чашм фароз мекунӣ.
Чашм бубастаӣ, ки то хоб кунӣ ҳарифро,
Чун-к бихуфт, бар зарараш даст дароз мекунӣ.
Силсилаи кушодаӣ, доми абад ниҳодаӣ,
Бандагӣ сахт мекунӣ, бандагӣ боз мекунӣ.
Ошиқи бегунохро бахри савоб мекушӣ,
Бар сари гӯри куштагон бонги намоз мекунӣ.
Гаҳ ба мисоли соқиён ақл зи мағз мебарӣ,
Гаҳ ба мисоли мутрибон нағнаға соз мекунӣ.
Табли фироқ мезанӣ, нойи Ироқ мезанӣ.
Пардаи Бусаликро ҷуфти Ҳиҷоз мекунӣ.
Ҷону дили фақирро, хастадили асирро,
Аз садақоти ҳусни худ ганҷи ниёз мекунӣ.
Пардаи чарх медарӣ, ҷилваи мулк мекунӣ,

Тоҷи шаҳон ҳамебарӣ, мулки Аёз мекунӣ.
Ишқи маниву ишқро сурату шакл кай бувад?
Ин-к ба сурате шудӣ, ин ба маҷоз мекунӣ.
Ганҷи бало ниҳояте, сикка куҷост ганҷро,
Сурати сикка гар кунӣ, он паи гоз мекунӣ.
Ғарқи ғино шаву хамӯш, шарм бидор, чанд чанд,
Дар канафи ғинои ӯ нолаи оз мекунӣ [2,19-20].

Аз ғазалҳои аз назари сохтор зарбӣ - ритмикии Мавлоно, ки дар «Насри Сегоҳ» ҷойгоҳи хос дорад ва устоди номвари мусиқӣ Наҷмиддини Кавкабӣ (1468-1532) дар матни «Куллиёти Дувоздаҳмақом» низ ворид намудааст, дар як вақт вазифаи жанри шеърию мусиқии «куллиёт» - ро ифода мекунад. Ин ғазали зарбӣ дар анъанаи эҷодию иҷроии санъати мақом ва мақомсароӣ (садаҳои XVI-XIX) хеле машҳур будааст. Ғазали мазкур дар матни (назмии «Шашмақом»-и имрӯз сабт нашуда ва мавриди истифода қарор нагирифтааст. Ин ғазал ва чанд ғазали дигари Мавлоно аз дафтари манзумаи шогирди Ҳоҷӣ Абдулазиз Саидхони Ҳисорӣ низ пайдо шуданд:

Мезан сето, ки якто гаштам, макун дутоӣ,
Ё пардаи «Раҳовӣ» ё пардаи «Раҳоӣ».
Бе зеру бе бами ту моем дар ғами ту,
Дар нойи ин «Наво» зан, к-афғон зи бенавоӣ,
Повсеместное распространение следов использования огня примерно 300-400 тыс. лет назад, фиксируемое в культурных слоях стоянок в Евразии, связывают с приобретением человеком навыков по искусственному добыванию огня. Исходя из этого, несмотря на отсутствие каких-либо инструментов для добывания огня на Хонако-III, можно утверждать, что на этой стоянке огонь использовался регулярно, но остается открытым вопрос о способе его добывания – с помощью переноса тлеющих углей с базовой стоянки или искусственным способом? Регулярное использование огня фиксируется позднее на палеолитических стоянках возрастом 45-25 тыс. лет – Худжи, Огзикичик, Шугноу. В качестве аналогий предметам искусственного добывания огня приводятся каменные и деревянные артефакты, найденные при раскопках памятников неолитического времени, эпохи бронзы и раннего средневековья.

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, археология, каменный век, палеолит, огонь, кострища, способ добывания огня, эволюция человека.*

## ШАҲОДАТИ ИСТИФОДАИ ОТАШ АЗ ҶОНИБИ ОДАМОНИ ИБТИДОӢ ДАР ХУДУДИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола дар бораи осори гулханҳои қадимтарин дар ҳудуди Тоҷикистон бо таърихи 242-186 ҳазор сол пеш, ки дар натиҷаҳои корҳои ҳафриётӣ дар бошишгоҳи муваққатии мустиерии Хонақо-III пайдо карданд, тавсиф шудааст. Барои аниқ кардани усули бадастдарории оташ дар бошишгоҳ ҳам назарияи бештар паҳншудаи се марҳалаи пайдарпай (давраи бе оташ, нигоҳдории оташ, истеҳсоли сунъӣ), ҳам назарияи усули баровардани оташ бо роҳи задани санг ба санг, ки инсон аз ибтидои инкишофи худ истифода мебарад, аз назар гузаронида мешаванд.

Паҳншавии осори истифодабарии оташ тақрибан 300-400 ҳазор сол пеш, ки дар қабатҳои мадании бошишгоҳҳои Авруосиё сабт шудаанд, бо азхуд кардани маҳорати ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани оташ алоқаманд аст. Дар асоси ин, сарфи назар аз мавҷуд набудани асбобҳои даргиронии оташ дар Хонақо-III метавон гуфт, ки дар ин бошишгоҳ оташ мунтазам истифода мешуд, вале савол дар бораи усули даргиронии он – ё тавассути овардани лахчаҳои сӯхташуда аз бошишгоҳи асосӣ, ё ба таври сунъӣ – ҳал нашуда мемонад. Истифодаи мунтазами оташ дар бошишгоҳҳои палеолитӣ бо таърихи 45-25 ҳазор сол пеш (Хуҷӣ, Оғзикичик, Шуғнов) низ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамчунин дар мақола қиёс ба ашёи ба даст дарории оташи сунъӣ бозёфтҳои сангӣ ва чӯбӣ, ки ҳангоми кофтукови ёдгориҳои давраи неолит, асри биринҷӣ ва ибтидои асрҳои миёна пайдо шудаанд, оварда шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон**,** бостоншиносӣ, асри санг, палеолит, оташ, гулхан, тарзи ба даст дарории оташ, таҳаввули инсон.*

## EVIDENCE OF THE ANCIENT USE OF FIRE BY PRIMITIVE PEOPLE ON THE TERRITORY OF TAJIKISTAN

The article presents the results of excavations of the Khonako-III ephemeral Mousterian site, where the oldest bonfires in Tajikistan today, aged 242-186 thousand years (MIS7), were discovered. To clarify the method of producing fire in the site, both the more common theory of three successive stages (a period without fire – fire storage – artificial production) and the theory of the method of producing fire by striking a stone on stone, used by man from the very beginning of his development, are considered.

The widespread spread of traces of the use of fire about 300-400 thousand years ago, recorded in the cultural layers of Eurasian sites, is associated with the acquisition of human skills in artificial fire production. Based on this, despite the absence of any tools for making fire at Khonako-III, it can be argued that was used regularly at this site, but the question remains about the method of its production – by transferring coals from the base site or by artificial means? Regular use of fire is also recorded at other Paleolithic sites – Khuji, Ogzikichik, Shughnou, aged 45-25 thousand years. Stone and wooden artifacts found during the excavations of sites of the Neolithic period, the Bronze Age and the Early Middle Ages are cited as analogies to the objects of artificial fire production.

***Key words:*** *Tajikistan**,** archaeology, Stone Age, Paleolithic, fire, bonfires, method of producing fire, human evolution.*

**Сведения об авторе: Худжагельдиев Тура Урунович**, научный сотрудник отдела археологии Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша при Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: (+992) 987-59-69-87. Электронная почта: tura959@mail.ru.

**Information about the author: Khudjageldiev Tura Urunovith** – research scientific of the Department of archaeology of the Institute of history, archaeology and ethnography n. A. Donish of National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel. (+992) 987-59-69-87. E-mail: tura959@mail.ru.




**Фото 1. Лёссово-почвенный разрез Хонако-III. Культурный слой среднепалеолитической стоянки во втором педокомплексе (нижний раскоп).**




**Рис. 1. А – добывание огня вращением лучковым сверлом. Б – следы кострища на стоянке Худжи. В – каменные подшипники для лучкового сверла из неолитического местонахождения Ходжашахриёр (1) и поселения эпохи бронзы Сариджар (2-4).**

УДК: 902.036(575.6)"638/639"

# ЁДГОРИҲОИ АСРИМИЁНАГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА[1]

**Саидшои САНГАЛӢ,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории Данғара дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва бадеӣ мебошанд, ки аз қадимтарин давраи ташаккулёбии инсон, пайдоиши ҷамъиятҳо ва давлатҳои мухталиф дар ин қаламрав шаҳодат медиҳанд. Дар он ҷо анъанаҳои гуногуни этникӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ сурат гирифтаанд, ки дар таърихи на танҳо Тоҷикистон осори амиқ гузоштанд, балки дар маҷмуъ дар Осиёи Марказӣ низ мавқеи хос доранд. Бисёр мавзеъҳои бостонии Данғара ба Феҳристи шоҳкориҳои санъати ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудаанд [13, 3 - 4].

Дар нимаи асри XX аз ҷониби бостоншиносони Шуравӣ П.И. Смоличев, Е.П. Денисов, Б.Я. Ставиский дар ноҳияи Данғара таҳқиқоти зиёди бостоншиносӣ анҷом дода шудааст. Экспедитсияҳои бостоншиносие, ки он давра дар тамоми қаламрави Данғара фаъолият мекарданд, корҳои мураккаби иктишофӣ ва таҳқиқотиро ба анҷом расониданд. Самтҳои асосии фаъолияти онҳо ҷустуҷӯ, тахия ва омӯзиши ёдгориҳои асри сангӣ, биринҷӣ, аввали оҳан, ёдгориҳои қадим, давраҳои юнону бохтарӣ, кӯшониҳо ва аввалу охири асрҳои миёнаро дар бар мегирифтанд [6, 34].

Данғара яке аз мавзеъҳои қадими Тоҷикистон буда, дар ҳудуди он зиёда аз 200 ёдгориҳои давраҳои гуногун ба қайд гирифта шудаанд [12, 101]. Барои дарки масоили мазкур рӯй меорем ба таҳқиқоти бостоншиносоне, ки дар ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара гузаронида шудааст.

Моҳи октябри соли 1972 дар ҳайати гурӯҳи бостоншиносии Норак, ки таҳти роҳбарии Ю.Я. Яъқубов кор мекард, гурӯҳе бо мақсади гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ дар қаламрави ноҳияи Данғара таъсис дода шуд, ки ҳайати он иборат буданд аз: роҳбари гурӯҳ – Е. Денисов, ходими илмӣ – Б.Я. Ставиский, санъатшинос - Ғ. Ёрбобоев, лаборантон – В. Скачков, В. Лиминков, Л.Б. Моргулис, И.А. Мочарет.

Корҳои ҷустуҷӯйӣ 19 октябр оғоз ёфт ва аллакай 23 октябр гурӯҳ ба пойгоҳ, ки дар деҳаи Дашти Беди ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) буд, баргаштанд.

Дар корҳои ҷустуҷӯӣ гурӯҳи бостоншиносонро – санъатшинос Ғулом Ёрбобоев, ки ноҳияи Данғараро, ба монанди бисёр ноҳияҳои дигари Ҷануби Тоҷикистон хуб медонист, кумаки бебаҳо расонид. Маҳз ӯ аксари ёдгориҳои тафтишкардаи гурӯҳро, ба монанди Тӯпхона дар деҳаи Иғрони Боло, Шар-Шар, Пушинг, Булёни Боло ва Кангурт кашф кард. Бояд ёдовар шуд, ки ин корҳои ҷустуҷӯйӣ -

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Археологияи Тоҷикистон» (аз асри санг то охири асрҳои миёна) (РҚД 0121 TJ 1212) навишта шудааст.**

бостоншиносӣ дувумин таҳқиқоти мунтазами ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара пас аз омӯзиши П.И. Смоличев буд, ки маҳз 30 сол пеш, моҳи октябри соли 1942 анҷом дода шуда буд [4, 24].

**Бошишгоҳ ва сағонаи Кампиртеппа**

Бошишгоҳ ва сағонаи Кампиртеппа дар деҳаи Паркамчии Ҷамоати деҳоти Пушинг воқеъ мебошад. Ёдгории Кампиртеппа аз шаҳрак ва қабристон иборат буда, бори аввал ёдгориро соли 1942 экспедитсияи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, иборат аз Б.И. Ниёзмуҳаммадов, С. Бурҳонов ва П.И. Смоличев таҳқиқ кардааст. Баъдтар П.И. Смоличев дар мақолаи худ оид ба ҳафриёти археологӣ дар Кампиртеппаи Данғара маълумот додааст [8, 93 - 107]. Бори дувум, ин ёдгорӣ аз ҷониби Е.П. Денисов ва Т.Г. Филимонова омӯзиш ва таҳқиқот гардид. Дар натиҷаи ҳафриёт маълум гардид, ки ёдгорӣ ба асрҳои VII-VIII мутаалиқ мебошад [9, 75].

Шаҳраки Кампиртеппа, дар канори шимолу ғарбии деҳаи Паркамчӣ, байни ду сой (дарёча) аз қаторкӯҳи Гули Зиндон ҷорист ҷойгир мебошад. Ёдгорӣ дар теппаи секунҷаи табиие, ки дарозии он аз шимол то ҷануб 110 м, паҳнои ҳадди аксар дар сарҳади поёнӣ 55-60 метрро ташкил медиҳад воқеъ гардидааст. Ёдгорӣ ба се канори зинаи нобаробар тақсим карда мешавад ва аз се қисм иборат аст - қалъа, шаҳрак ва қабристон. Шакли теппа байзашакл буда, баландии он 14-15 метрро ташкил медиҳад.

Ҳангоми гузаронидани ҳафриёт аз ҷониби ҷониби Е.П. Денисов ва Т.Г. Филимонова дар қисмати охири шимолии теппа ду анбори ғалладонагиҳо дар шакли чоҳҳо пайдо гардиданд, ки қутрашон 2,7 метр дар қисми болоӣ 3,4 метр ва дар қисми поёниаш, чуқурии онҳо 4 метр мебошанд.

Деворҳо бо андова пӯшонида шудаанд. Биноҳои истиқоматии шаҳрак ду канори поёниро ишғол мекунанд, ки фарқи баландии онҳо тақрибан 5 метр мебошад ва релефи он ҳамвор карда шудааст.

Дар паҳлӯҳои нишебии сойи шарқӣ, дар чуқурии 1,5 – 2,5 метр қисматҳои деворҳо аз хишти пухта ва оташдонҳои кулолии харобшуда ба назар мерасанд. Дар қисмати шарқии хандақи санҷишӣ канда шуд (2х3 м, умқи 1,8 м). Дар умқи 0,7-1 метр монеаи сангӣ аз деворҳои вайроншуда ва пораҳои сафолӣ тоза карда шуданд. Боқимондаҳои минбаъдаи қабатҳои маданӣ таҳқиқ карда нашудаанд.

Дар натиҷаи ҳафриёт аз хандаки санҷишӣ чунин бозёфтҳо: қисми поёнии зарф, ҳошияи кӯза, зарфҳои қолабдор - 24 намуна, 4 дона параҳои зарфҳои сафолии кунҷдори сафед, 2 адад пораҳои поёни зарфҳои қолабӣ пайдо шуданд [8, 77].

Қабристони марбут ба ин ёдгорӣ дар самти ҷанубии қалъа ҷойгир аст. Ҳангоми корҳои заминканӣ, сокинони маҳаллӣ се қабрро кашф карданд. Ба гуфтаи онҳо, ҷасадҳо ба самти ҷануби ғарб мехобиданд, зарфи сафолӣ дар пеши сарашон истода буд. Дар устухонҳо дастбандҳо ва гӯшвораҳо буданд.

Ҳангоми таҳқиқи Е.П. Денисов, соли 1974 аз ин ёдгорӣ сокинони маҳаллӣ ба ӯ як кӯза додаанд, ки ба ақидаи ӯ, ба зарфҳои маҳаллии дафни бохтарӣ шимолии давраи тахорӣ яъне замони юнону – бохтарӣ шабеҳ аст [3, 222]

Маводи ҷамъовардаи бостоншиносон аз деҳаҳои Паркамчӣ ва Пушинг дар

Осорхонаи марказии шаҳраки Данғара нигоҳ дошта мешавад.

## Ёдгории Чортеппа

Ёдгории Чортеппа 1 км дуртар дар самти ҷанубу ғарбии Ҷамоати деҳоти Себистон дар шаҳраки Хоҷа Шақиқи Балхӣ ҷойгир мебошад. Ин ёдгорӣ аз ҷониби Е.П. Денисов, Т.Г. Филимонова, М.Р. Ахметзянов таҳқиқ карда шудааст [9, 263].

Ёдгории мазкур солҳои 1974 – 1975 дар натиҷаи экспедитсияҳои бостоншиносӣ ба қайд гирифта шуда, аммо кофтуковҳои бостоншиносӣ дар ин ёдгорӣ гузаронида нашуда буданд [1, 96]. Корҳои таҳқиқотӣ дар ин ин ёдгорӣ соли 1976 оғоз шуд ва дар натиҷаи ҳафриёт маълум шуд, ки ин ёдгорӣ аз ду қабати маданӣ: якум ба асрҳои X - XII ва дуюм ба асрҳои XVI - XVIII иборат мебошад.

Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ маълум шуд, ки қалъаи шакли чоркунҷаи номунтазам дорад ва паҳлӯҳояш ба самтҳо нигаронида шудаанд. Дарозии он аз 18,5 то 25 метр мебошад, ки дар ҳар кунҷи он манораҳои мавҷуд буда, баландии манораҳо аз 2,5 то 3,5 м мерасанд.

Дар маркази қалъа, ки хандақи омӯзиши бо дарозии 1,85 м кофта шуда, дар он якчанд сатҳи зичи уфуқӣ дар умқи 1,15 см, 1,35 см ва 1,60 см ошкор карда шуд. Материк дар чуқурии 1,9 м ҷойгир аст. Дар дохили хандақ хеле кам сафолпораҳо ва қисмҳои хишт пайдо гардиданд [2, 96].

Дар натиҷаи ҳафриёт дар бурҷи ҷанубу ғарбӣ ва шимолу шарқии қалъа боқимондаҳои ду ҳуҷра кофта бароварда шуд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳуҷраи I боқимондаҳои болопӯши чӯбини хона, қисмҳои поёнии сутуни чӯбин ва дар рӯйи фарши хона 11 адад зарфҳои сафолӣ ва ашёи кордмонанди оҳанӣ ёфт гардиданд.

Чӯбҳои ёфташуда дар натиҷаи сӯхтори ба амал омада шабеҳи ангишт гардида буданд. Таҳқиқоти ҳуҷраи II нишон дод, ки дар инҷо нишонаҳои зиндагӣ дар ду давра: якум асрҳои X – XII ва дуюм асрҳои XVI – XVIII боқӣ мондаанд. Давраи баъдина дар баландии 45-60 см болотар аз фарши замони қадимтар мушоҳида карда шуд. Дар ин ҳуҷра ашёи кордмонанди оҳанӣ ва сарпӯши мунаққаш, қисмҳои сутунҳои чӯбин пайдо гардиданд. Чун ҳуҷраи аввал дар инҷо низ сӯхтор ба амал омадааст (2, 97 -100).

Дар умум дар ёдгории Чортеппа зарфҳои сафолини на он қадар зебо, баъзан мунаққаш пайдо гардиданд. Аз рӯйи бозёфтҳо бармеояд, ки ёдгорӣ ба асрҳои XVI – XVIII мелодӣ тааллуқ дорад.

## Тоҷикқалъа (асрҳои X - XIII)

Кофтуков ва таҳқиқи мавзеъҳои археологии ҷануби Тоҷикистон, ки аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон (ЭБТ – минбаъд дар матн бо чунин шакл истифода бурда мешавад) дар солҳои баъд аз ҷанг гузаронида шуданд, нишон дод, ки ин қаламрав як қисми Хуттал буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки то ин вақт ин қисмати Хуттал маълум набуд. Дар инҷо миқдори зиёди ёдгориҳои асримиёнагӣ боқӣ мондаанд: манзилҳои қадимӣ, теппаҳои алоҳида, боқимондаҳои низоми обёрӣ ва ғайра [5, 38].

Ёдгории дигаре, ки мавриди таҳқиқи бостоншиносон қарор гирифтааст - Тоҷикқалъа мебошад, ки он дар Ҷамоати деҳоти Исмат Шарипов, дар самти ҷанубии деҳаи Булёни Поён дар канори шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб воқеъ мебошад. [5, 39].

Бори нахуст ёдгории номбурда солҳои 1957 – 1958 дар давоми кори гурӯҳи палеолитии ЭБТ дар Булёни Поён, ки бо роҳбарии профессор А.П. Окладников дар наздикии деҳаи Кӯйи Булиён кофтукови археологии як маҳаллаи неолитиро анҷом медоданд, омӯхта шуд. Он вақт маҳаллаи асримиёнагии Тоҷикқалъа аз тарафи олимон В.А. Ранов ва Э.А. Юркевич қисман таҳқиқ карда шуд. То ҳол дар манотиқи ин ёдгории мазкур ҳафриёти бостоншиносӣ ба пуррагӣ гузаронида нашудааст [7, 169].

Сабаби Тоҷикқалъа ё қалъаи Тоҷикон ном гирифтани ин ёдгорӣ дар он аст, ки дар деҳаи Булён ҳам тоҷикон ва ҳам ӯзбекон зиндагӣ мекунанд ва ин ёдгорӣ дар манотиқи маҳаллаи тоҷикнишини деҳаи Булёни Поён воқеъ аст.

Ёдгории Тоҷикқалъа – шаҳраки асримиёнагии классикӣ буда, он тақрибан дорои 11 га масоҳат мебошад, ки мутааллиқ ба асрҳои X-XI мелодист. Тоҷикқалъа дар нақша тақрибан мудавваршакл буда, он ба самти ғарб то андозае тӯл кашидааст. Баландии қалъа ба 14 метр, андозаи платформаи болоӣ 100х100м мебошад. Дар платформаи болоӣ аз самти шимол ва ғарб, сангҳои калон ба назар мерасанд, ки эҳтимолан пояи деворҳои харобшуда ё ин ки фурӯрафтаи баъзе аз сохтмонҳои охиранд. Он дорои қалъаи шоҳнишин, шаҳристон, работ ва қабристон (ҳоло қариб, ки боқӣ намондааст) буда, таҳқиқоти бостоншиносӣ дар он ба пуррагӣ анҷом наёфтааст [2, 96-97].

**Хусравқалъа**

Хусравқалъа 2 км дар ҷанубу ғарби деҳаи Шаҳбури Ҷамоати деҳоти Исмат Шарифови ноҳияи Данғара дар назди дарёҳои Тоҳир ва Саргазон ҷойгир буда, ин ёдгорӣ дар қаламрави Данғара яке аз калонтарин ёдгориҳо ба шумор рафта, он дар баландии 600 метр аз сатҳи баҳр сохта шудааст.

Ёдгорӣ дар нақша бо шакли ҳарфи П монанд мебошад, ки дарозии он 350 – 370 метр ва бо паҳноӣ – 160 – 170 метр, баландии паҳлӯҳо – 13 – 15 метр, қисми марказӣ он то 30 метр баробар мебошад. Таҳқиқоти умумӣ соли 1956 аз ҷониби Эркиной Ғуломова гузаронида шуда, аммо натиҷаҳои он то кунун нашр нашудаанд [9, 85].

**Теппаи бе номи деҳаи Шар – Шар**

Теппа дар канори деҳаи Шар – Шар, дар наздикии мактаб ҷойгир аст. Баландии теппа тақрибан 2,5 метр, дарозиаш 100 метр, паҳноияш дар самти шимолу шарқӣ 40 метр ва дар қисми ҷанубӣ тақрибан 50 метр, то замони мо боқӣ мондааст. [4, 25].

Ҳангоми ҳафриёт дар қисмати шимолии теппа дар қабати болои он ҳуҷраи мураббаъ бо девори сангини масоҳаташ 4х4 метр ҳаффорӣ шуд, ки дар баъзе ҷойҳои девор хишти пухта низ истифода шудааст. Қисми ҷанубии ёдгориро мардуми маҳаллӣ барои зироати ғалладона шудгор карда буданд, ки дар натиҷаи

шудгор бисёр пораҳои хишт ва сафолпораҳо аз зери хок ба рӯйи замин баромаданд [4, 25].

Дар байни бозёфтҳо хишти се намуна ёфт шуд, ки андозааш: бо баландӣ - 19,5 см, бари пояи калонтари трапетсия - 17 см, бари пояи хурдтар - 10 см ва ғафсии хиштҳо - 4,5 - 5 см баробар буд.

Намунаи пораҳои сафолӣ (эҳтимолан асрҳои XI – XII м.) ва пораи сафолӣ бо фирӯзаи обӣ (асрҳои XI - XV мелодӣ) андуда ёфт шудааст. Дар байни сафолпораҳо боз ду пораи зарфҳои сирдор бо нақшҳои норавшан бо сирри сабз сохташуда (асрҳои XI - XII м.), чор дастаи ҷудогашта аз кӯза, ки сетоаш хеле васеътар, эҳтимолан ба кӯзаҳои обдор, ду пораи қолабӣ тааллуқ доранд, ки пораи дастаҳо дорои ранги сурх ва хокистарӣ буданд [10, 117].

Умуман, дар асоси маводи ба даст омада ёдгории номбурдаро ба асрҳои XI – XIV мансуб донистанд. Аз рӯйи пораҳои сафолҳои дучоршуда ва хиштҳои трапетсиявие, ки дар сохтмони гулхонаҳо истифода шудаанд, чунин тахмин кардан мумкин аст, ки ин ҳуҷра боқимондаҳои масҷид ё ягон бинои дигари динӣ мебошад.

Хулоса, Данғара чун як қисми бисёросори сарзамини ҷанубии Тоҷикистон ба шумор рафта, шоҳиди воқеии ҳамаи саргузашти аҷдодони тоҷикон мебошад, аз офаридаҳои фарҳангии ин мардум шаҳодат медиҳад. Зеро ин мавзеъ дорои ёдгориҳое мебошад, ки аз таърихи тӯлонии ин сарзамин ҳарф мезананд. Аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангие, ки дар ҳудуди шаҳри Данғара ҷойгиранд, ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик ёрӣ мерасонанд.

Ба монанди осорҳои асри санг, ки ба 50 – 25 ҳазор сол пеш аз мелод рост меояд (бозёфтҳои чида - чидаи олотҳои сангин), асри биринҷӣ (ҳазорсолаи III – I пеш аз мелод), ёдгории бошишгоҳи Туғузак, Данғара ва қабристони Кангурттут, ёдгориҳои асримиёнагии теппаи Шар – Шар (асрҳои V-VI мелодӣ), Бошишгоҳ ва сағонаи Кампиртеппа (асрҳои VI – VIII), Тоҷикқалъа (асрҳои X - XIII), Чортеппа (асрҳои XVI-XVIII), шаҳраки қадимаи Данғара (асрҳои X - XVI), ёдгориҳои меъмории мақбараи Хоҷа Шақиқи Балхӣ (асрҳои IX - X) дар Себистон, Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин (асрҳои XIV - XVI) дар маркази деҳаи Корез, Мақбараи Мавлоно Обиддин (асрҳои XIV - XVI) ва ғайраҳост.

Ёдгориҳои номбурда дар тӯли 100 соли охир мавриди таҳқиқи олимон ва бостоншиносонӣ хориҷиву ватанӣ қарор гирифта буданд. Натиҷаи таҳқи-қоти онҳо дар шакли мақола ва асарҳои илмӣ чоп шуданд, ки мо аз онҳо истифода кардем.

Бояд ёдовар шавем, ки соли 2023 бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ёдгориҳои таърихӣ воқеъ дар вилояти Хатлон, ки ду тои он: мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ва қалъаи Золи Зард аз ноҳияи Данғара мебошанд ба номинатсияи «Хуттали қадим» барои баррасӣ ба ЮНЕСКО пешниҳод карда шуданд.

Ин ташаббуси Тоҷикистон барои нигоҳдории ёдгориҳо дар ноҳияи Данғара аз вайроншавӣ мебошад. Бо ба мероси ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид гардидани ин ёдгориҳо мо метавонем ин мавзеъҳоро ба яке аз минтақаҳои сайёҳии таърихии мамлакатамон табдил диҳем.

## АДАБИЁТ

1.Е.П. Денисов. Отчет о работе Дангаринского отряда. РТ, вып.15(1975). Душанбе: Дониш, - 1981. - С. 96-109.

2.Е.П. Денисов. Археологические работы в Дангаринском районе Вахшского отряда по изучению античных и средневековых памятников//АРТ. Душанбе, - 1982. - Вып. 16. - С. 96-105.

3.Е.П. Денисов. Отчет о работе Дангаринского отряда в 1974//АРТ. – Душанбе, - 1979. – Вып. 14 (1974). - С. 214-230.

4.Е.П. Денисов. Археологические памятники среднего течения реки Вахш (по материалам расскопок и разведок древних и средневековых памиятников в Дангаринском и Нурекском районах (Дипломная работа). Душанбе, - 1973. - 105 с.

5.Б.А. Литвинский. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой (Краткий очерк), Тр. АН Таджикской ССР, т. 24, - 1954, стр. 38-39.

6.Махмадшоев Р. Памятники гиссарской культуры Дангаринского района (Дипломная работа), - Душанбе, - 1972. - 107 с.

7.Ранов В.А., Юркевич Э.А. Городище Таджиккала в Дангаринском районе//АРТ. Сталинабад, 1961. Вып 6.С. 169-172.

8.Смоличев П.И. Археологические работы в Дангаре в 1942 году//Известия отлеления общественных наук. Сталинобод, – 1952. - Вип. - №2. - С. 93-107.

9.Филимонова Т.Г., Ахметзянов М.Р. Поисковые работы по составлению археологской карты дангаринского района в 2009 году//АРТ Вып. XXXV. - Душанбе, - 2012. - С. 55-111.

10.Филимонова Т.Г., Ахметзянов М.Р. Результаты археологических работ в Дангаринском районе в 2012 году//АРТ, -Душанбе, - 2016. – Вып. XXXVIII. – С. 257-300.

11.Юркевич Э.А., Материалы к археологической карте Таджикистана Археологические работы в Таджикистане, вып. VIII, (1960 г), - Душанбе, - 1962. - С. 114-124.

12.Якубов Ю. Отчет о совместной Таджикско-Французской археологической экспедиции в Дангаре в 2019 году//АРТ, - Душанбе, - 2023. - Вып. 43. - С. 109-137.

13.Яқубов Ю. Данғара – маркази тамаддуни қадимаи Бохтар//«Ҷумҳурият» аз 16.03.2010. – №85. - С. 3–4.

## ЁДГОРИҲОИ АСРИМИЁНАГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

Таҳқиқот оид ба кофтуковҳои бостоншиносӣ ва осори қадима дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар ноҳияи Данғара дар асри XIX оғоз шуда буд. Бостоншиносони Шуравӣ дар ноҳияи Данғара фаъолона таҳқиқот бурда, ба кашф кардан, омӯхтан ва ба расмият даровардани ёдгориҳои давраҳои мухталифи таърихӣ аз асри санг сар карда, то охири асрҳои миёна диққати хоса додаанд. Муаллиф маълумоти мазкурро ба далелҳои бозёфтҳои бостоншиносӣ асоснок намуда, дар бораи якчанд ёдгориҳои асримиёнагии Данғара, аз ҷумла, бошишгоҳ ва сағонаи Кампиртеппа, Тоҷикқалъа, Хусравқалъа, Чортеппа ва теппаи беноми деҳаи Шар – Шар маълумот меоварад.

Данғара, ки як ҷузъи бисёри ёдгориҳои бостоншиносии ҷануби Тоҷикистон аст, аз таърихи ниёгони тоҷикон шаҳодати раднопазир дода, мероси фарҳангии ин мардумро инъикос мекунад. Ёдгориҳои нодири таърихию маданияти шаҳри Данғара дар таҳқиқоти таърихи халқи тоҷик, сабти таърихи бойи чандинасраи ин сарзамин нақши асосӣ доранд. Ҷойҳои калидӣ, аз қабили Кампиртеппа, Тоҷикқалъа, Хусравқалъа, Чортеппа ва деҳаи Шар-Шар ҳамчун нуқтаи муҳимми омӯзишӣ хидмат мекунанд, ки ба дарки шароити таърихии ин минтақа мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо:** *Ҳафриёт, Данғара, Кампиртеппа, Тоҷикқалъа, Хусравқалъа, Чортеппа, Пушинг, деҳаи Шар -Шар.*

## СРЕДНЕВЕКОВЫЕ ПАМЯТНИКИ ДАНГАРИНСКОГО РАЙОНА

Исследования археологических раскопок и древних памятников в Таджикистане, включая район Дангара, были начаты в XIX века. Советские археологи активно проводили исследования в Дангаринском районе, фокусируясь на обнаружении, изучении и документировании памятников различных исторических периодов - от каменного века до конца средневековья. Автор основывает свою информацию на археологических находках, предоставляя данные о нескольких средневековых объектах в Дангаре, включая стоянку и собачью будку Кампиртеппа, Таджиккалу, Хусравкалу, Чортеппу, а также безымянный холм в селе Шар - Шар.

Дангара, входящая в состав многих археологических объектов в южной части Таджикистана, является непреложным свидетельством истории предков таджиков и отражает культурное наследие этого народа. Уникальные памятники истории и культуры в городе Дангара играют ключевую роль в исследовании истории таджикского народа, документируя богатую многовековую историю этой земли. Ключевые локации, такие как Кампиртеппа, Таджиккала, Хусравкала, Чортеппа, и село Шар-Шар, служат важными точками изучения, способствуя пониманию исторического контекста этого региона.

**Ключевые слова**: *Экспедиция, Дангара, Кампиртеппа, Таджиккала, Хусравкала, Чортеппа, Пушинг, село Шар-Шар.*

## MEDIEVAL SITES IN THE DANGARA DISTRICT

Research on archaeological excavations and ancient artifacts in Tajikistan, including the Dangara district, was initiated in the late nineteenth century. Soviet archaeologists actively conducted research in the Dangara district, focusing on the discovery, study, and documentation of monuments from various historical periods ranging from the Stone Age to the late Middle Ages. The author bases their information on archaeological evidence, providing data on several medieval sites in Dangara, including the Kampirteppa parking lot and dog box, Tajikqala, Khusravkala, Chorteppa, and an unnamed hill at Shar Shar village.

Dangara, which is a part of many archaeological sites in the southern part of Tajikistan, is indisputable testimony to the history of the ancestors of the Tajiks and reflects the cultural heritage of this people. The unique historical and cultural monuments in the city of Dangara play a key role in researching the history of the Tajik people, documenting the rich centuries-old history of this land. Key locations such as Kampirteppa, Tajikqala, Khusravkala, Chorteppa, and Shar Shar village serve as important study points, contributing to the understanding of the historical context of this region.

**Key words:** *Expedition, Dangara, Kampirteppa, Tajikkala, Khusravkala, Chorteppa, Pushing, Shar-Shar village.*

**Сведения об авторе: Саидшои Сангали** – докторант (PhD) отдела археологии Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной Академии наук Таджикистана: Тел: (+992) 988 – 66 – 64 – 67. E-mail: kangurtis@gmail.com

**About the author: Saidshoi Sangali –** (PhD) student of the Department of Archeology of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish National Academy of Sciences of Tajikistan Тел: (+992) 988 – 66 – 64 – 67. E-mail: kangurtis@gmail.com

# БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи **«Муаррих»** нашрияи илмӣ - назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, маводи соҳаи илмҳои таърихро дар бар мегирад ва тибқи «Қонун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма» ба нашр омода мешавад.

## ҲАДАФҲОИ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ «МУАРРИХ»

– инъикоси саривақтии натиҷаҳои фаъолияти таҳқиқотии олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин олимони мамолики хориҷии наздику дур, аз рӯйи соҳаҳои зерини илм: таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, сиккашиносӣ, таърихи илм ва техника, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, таърихи санъат, фарҳанг, фалсафа.

– инкишофи ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаҳои таърихшиносӣ, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ;

– ба муҳаққиқон фароҳам сохтани имкони нашри натиҷаҳои ҷустуҷӯйҳои илмӣ;

– инъикоси масоили мубрам ва самтҳои ояндадори илмҳои таърихшиносӣ;

– ҷустуҷӯйи донишҳои нав барои рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он;

– тарғиби дастовардҳои фаъолияти илмию таҳқиқотии олимони институт, инчунин олимони донишгоҳҳои дигар ва муассисаҳои соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ШАРТҲОИ НАШРИ МАҚОЛА ДАР МАҶАЛЛАИ «МУАРРИХ»

– ҳайати таҳририяи маҷалла мақолаҳои илмӣ, тақризҳо, тавзеҳҳои илмии қаблан дар нашрияҳои чопию электронӣ нашрнашударо барои баррасию чоп қабул мекунад, ки ғояҳои илмӣ, натиҷаю дастовардҳои таҳқиқоти бунёдии назарию амалиро оид ба соҳаҳои дониш дар илми таърихшиносӣ дар бар гиранд;

– қарор дар бораи нашр ё радди чоп дар асоси муҳиммият, навоварӣ ва аҳаммияти илмии маводи пешниҳодгардида қабул карда мешавад;

– муаллифон (ҳаммуаллифон) масъулияти саҳеҳии иттилооти илмии пешниҳодгардида ва ҳамаи маълумотеро, ки мақола, тавзеҳ ва тақризҳоро дар бар мегиранд, ба зимма доранд;

– ҳамаи маводи ба идораи маҷалла воридгардида ҳатман дар сомонаи *antiplagiat.ru* мавриди тафтиш қарор мегиранд, сипас ҳайати таҳрир, муаллифон (ҳаммуаллифон)-ро дар бораи натиҷаи арзёбии дастнавис ва ба тақризи минбаъда қабул шудани мавод ё радди пешниҳоди он ба тақриз огоҳ мекунад;

– ҳамаи мақола, тавзеҳ ва тақризҳои ба идора омада дар сурати ҷавоби мусбат баъди тафтиш дар сомонаи ***antiplagiat.ru*** бо мақсади арзёбии онҳо аз ҷониби мутахассисони пешбари соҳаҳои дахлдори илм ба тақризи дохилӣ ирсол мегарданд;

– мақолаҳои ба тақризи дохилӣ пешкашшуда бояд пурра тибқи талаботе, ки дар сомонаи маҷалла: **https://istorik.tarena.tj/ru** зикр гардидаанд, таҳия карда шаванд;

– агар дар тақриз оид ба ислоҳу такмили мақола тавсияҳо пешниҳод шуда бошанд, ба муаллиф эроду мулоҳизаҳои муқарриз (бе сабти ному насаби ӯ) барои такмилу ислоҳи мавод ирсол мешавад;

– муаллиф маводи такмилдодаро ба идораи маҷалла мефиристад ва идора онро якҷоя бо ҷавоби муаллиф тибқи ҳар моддаи эродҳо ба тақризи такрорӣ мефиристад;

– ҳайати таҳририя ба таҳрири мақола бидуни тағйир додани муҳтавои илмии он ҳақ дорад. Хатоҳои имлоию техникӣ ва услубиро мусаҳҳеҳ бидуни мувофиқа бо муаллиф (ҳаммуаллифон) ислоҳ мекунад. Дар мавридҳои зарурӣ ислоҳҳо бо муаллиф (ҳаммуаллифон) мувофиқа карда мешаванд;

– нусхаи барои такмил ба муаллиф (ҳаммуаллифон) фиристода бояд дар муҳлати муқарраргардида, баъди ворид сохтани ислоҳу тағйирот дар намудҳои электронӣ ва чопӣ бояд ба идора

баргардонида шавад;

– мақолаҳое, ки ба чоп қабул нашудаанд, ба муаллиф (ҳаммуаллифон) баргардонида намешаванд. Дар мавриди радди чопи мавод идораи маҷалла ба муаллиф (ҳаммуаллифон) раддияи асоснок ирсол мекунад;

– тибқи дархости шуроҳои коршиносии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҷалла ба онҳо тақризҳоро пешниҳод мекунад.

## ТАЛАБОТ БА ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО (ТАВЗЕҲҲО, ТАҚРИЗҲО), КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ «МУАРРИХ» -И ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ЧОП ИРСОЛ МЕГАРДАНД:

1. Барои ҷойгир кардан дар маҷалла мақола, тақриз ва тавзеҳҳои илмӣ тибқи ихтисосҳои илмии 5.6.1. Таърихи дохилӣ; 5.6.2. Таърихи умумӣ; 5.6.3. Бостоншиносӣ; 5.6.4. Этнология, антропология ва этнография; 5.6.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ; 5.6.6. Таърихи илм ва технология; 5.6.7. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки қаблан дар ҳеҷ ҷой чоп нашудаанд, қабул мегарданд.

2. Муаллифон ба идораи маҷалла ҳатман бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунанд:

– матни мақола ба забонҳои русӣ ва англисӣ (ба таври имконият бо тарҷумаи русӣ) ё забони тоҷикӣ, ки дар мактуби роҳнамо бо имзои ректор (ноиби ректор) ё роҳбари муассиса ва ё ин ки ташкилот ба шакли чопии он муаллиф (ҳаммуаллифон) имзо гузоштаанд;

– тақризи доктор ё номзади илм, ки онро мудири шуъбаи кадрҳои ҷойи кори муқарриз муҳр ва имзо гузоштааст;

– маълумотнома аз ҷойи таҳсил (барои аспирантҳою магистрантҳо);

– шакли чопии ҳуҷҷатҳо ба идора ба суроғаи зерин ирсол мешавад: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бинои асосӣ, ошёнаи 1, ҳуҷраи 21, телефон: (+992) 221-37-42.

– шакли электронии мақоларо ба почтаи электронии **istorik.tarena.tj@yandex.ru** ирсол намоед. Тел: (+992 37) 221-37-42; суроғаи сомонаи маҷалла: **https:// istorik.tarena.tj.ru**

## ТИБҚИ ТАЛАБОТИ КОА НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАҚОЛА БОЯД УНСУРҲОИ ЗЕРИНРО ДАР БАР ГИРАД:

– индекси УДК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

– индекси ББК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

– ному насаби пурраи муаллиф (ҳаммуаллифон) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

– унвони илмӣ, дараҷаи илмии муаллиф (ҳаммуаллифон), ном ва рамзи ихтисоси илмӣ (тибқи номгӯй), ки таҳқиқот тибқи он сурат мегирад, ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

– аспирантон, унвонҷӯён, омӯзгорон, докторантҳо номи муассисаи илмиро (магистрантҳо самти тайёриро) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикию русию англисӣ зикр мекунанд;

– зикри мансаб, ҷойи кор, шаҳру мамлакат ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикию русию англисӣ;

– e-mail ва телефони робитавии муаллиф ва ё ҳаммуаллифон барои тамос;

– номи мақола бо забонҳои тоҷикию русию англисӣ бо ҳарфҳои калон, ҳуруфи Times New Roman 14 ё Times New Roman Tj 14, тароз дар марказ);

– фишурда ба забонҳои русӣ ва англисӣ ҳуруфи Times New Roman 14, аз 100 то 250 вожа бо сабти мақсаду вазифаи таҳқиқ, баёни мухтасари кор ва хулосаҳои асосие, ки навоварии илмии корро дар бар мегирад;

– калидвожаҳо ба забонҳои русию англисӣ оварда мешаванд, 5-7 калима ё ибора, ки ду ё се вожаро дарбар мегирад; ҳуруфи Times New Roman 14, тарҳаш - курсив, тароз дар бар, вожаҳо ё ибораҳои калидӣ бо вергул аз ҳам ҷудо карда мешаванд);

– мақола ҳатман бояд номгӯйи адабиёти истифодашударо бо зикри танҳо сарчашмаҳои иқтибосгардида дар бар гирад. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо назардошти саҳифаи умумии сарчашмаи истифодашуда навишта мешавад. Ҳангоми навиштани рӯйхати мазкур тартиби ҳуруфи алифбо ва талаботи ГОСТ бояд ҳатман риоя карда шаванд;

– иқтибосҳо дар қавсайни квадратӣ бо қайди рақами адабиёт мутобиқи рӯйхати сарчашмаҳо ва саҳифаи он бояд ишора шаванд, масалан: [5, 25] ё [5, 25; 6, 77];

Матни мақолаи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд пурра аз назари таҳрир гузаронида шавад ва аз ғалат пурра орӣ (тоза) бошад.

Мақолаҳое, ки ба идораи маҷалла бо нақзи талаботи мазкур ирсол мегарданд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Масъулияти салоҳият, боэътимодии асноди муҳтавои мақолот ба зиммаи муаллифон ва муқарризон вогузор карда мешавад.

**Идораи маҷалла**

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

**«Историк»** – научно-теоретический журнал Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, который публикует материалы по историческим наукам в соответствии с законодательством Республики Таджикистан «О печати и средствах массовой информации».

## ЦЕЛЬЮ И ЗАДАЧАМИ НАУЧНО - ТЕОРЕТИЧЕСКОГО ЖУРНАЛА «ИСТОРИК» ЯВЛЯЮТСЯ:

– Оперативное освещение результатов исследовательской деятельности учёных Республики Таджикистан, а также учёных стран ближнего и дальнего зарубежья в следующих отраслях науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии;

– Развитие международного сотрудничества в сфере истории, археологии и этнографии;

– Предоставление возможности исследователям публиковать результаты научных изысканий;

– Освещение актуальных проблем и перспективных направлений исторических наук;

– Поиск новых знаний для духовного и социального развития населения Республики Таджикистан в целом и её регионов;

– Пропаганда достижений научно-исследовательской деятельности учёных Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, а также исследователей других вузов и учреждений образования и науки Республики Таджикистан.

## УСЛОВИЯ ПУБЛИКАЦИИ СТАТЕЙ В ЖУРНАЛЕ «ИСТОРИК»:

– редакционная коллегия журнала принимает для рассмотрения и публикации научные статьи, рецензии, научные обзоры и отзывы, которые ранее не были опубликованы в печатных и электронных изданиях. Эти материалы должны содержать научные идеи, результаты и достижения фундаментальных теоретических и прикладных исследований по следующим отраслям ис-

торической науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии.

– решение о публикации или об отказе в публикации принимается на основе актуальности, новизны и научной значимости представленных материалов.

– авторы (соавторы) несут полную ответственность за достоверность представленной научной информации и всех данных, содержащихся в статьях, отзывах, обзорах и рецензиях.

– все материалы, представленные в редакцию журнала, обязательно проходят проверку на сайте antiplagiat.ru. После этого редколлегия извещает авторов (соавторов) о результатах оценки рукописи и сообщает о принятии материала к дальнейшему рецензированию или об отказе от рецензирования.

– поступившие в редакцию статьи, отзывы, обзоры и рецензии, в случае положительного решения после проверки на сайте antiplagiat.ru, направляются на внутреннее рецензирование с целью экспертной оценки ведущими специалистами в соответствующей отрасли науки.

– статьи, допущенные к внутреннему рецензированию, должны быть оформлены в полном соответствии с требованиями, предъявляемыми к публикациям на сайте журнала: **https://istorik.tarena.tj/ru.**

– Если рецензия содержит рекомендации по исправлению или доработке статьи, автору направляются замечания и предложения рецензента (без указания сведений о нём) для доработки и исправления материала.

– Доработанный материал представляется автором в редакцию журнала и направляется на повторное рецензирование вместе с ответом автора по каждому пункту замечаний.

– редколлегия вправе редактировать статьи без изменения их научного содержания. Орфографические и стилистические ошибки исправляются корректором без согласования с автором (авторами). При необходимости правка согласуется с автором (авторами).

– вариант статьи, направленный автору (авторам) на доработку, должен быть возвращён в редакцию в оговоренный срок с внесёнными исправлениями и изменениями в электронном и распечатанном виде.

– статьи, не принятые к опубликованию, не возвращаются автору (авторам). В случае отказа от публикации материала, редакция направляет автору (авторам) мотивированный отказ.

– по запросу экспертных советов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, редакция журнала предоставляет им рецензии.

## ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ СТАТЕЙ (ОБЗОРОВ, ОТЗЫВОВ, РЕЦЕНЗИЙ), ПРИСЫЛАЕМЫХ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В НАУЧНО - ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ «ИСТОРИК» ИНСТИТУТА ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ ИМ. А. ДОНИША НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Для размещения в журнале принимаются ранее нигде не опубликованные научные статьи, обзоры, рецензии, отзывы, соответствующие научным специальностям: 5.6.1. Отечественная история; 5.6.2. Всеобщая история; 5.6.3. Археология; 5.6.4. Этнология, антропология и этнография; 5.6.5. Историография, источниковедение и методы исторического исследования; 5.6.6. История науки и технологии: 5.6.7. История международных отношений и внешней политики.

Авторы в обязательном порядке предоставляют в редакцию следующие документы:

– текст статьи на русском или английском (по возможности с переводом на русский язык), или таджикском языке с обязательной подписью автора (авторов) на печатном варианте статьи;

– рецензию доктора или кандидата наук, заверенную в отделе кадров по месту его работы;

– справку с места учёбы (для аспирантов и магистрантов).

Печатные варианты документов направляются в редакцию по адресу: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, главный корпус, 1-этаж, кабинет 21.

Электронные версии по адресу электронной почты: ***istorik.tarena.tj@yandex.ru*** Телефон для справок: (+992 37) 221-37-42; адрес сайта журнала: **https://istorik.tarena.tj/ru**

## В СООТВЕТСТВИИ С ТРЕБОВАНИЯМИ ВАК ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РТ, СТАТЬЯ ДОЛЖНА СОДЕРЖАТЬ:

– индекс УДК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);

– индекс ББК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);

– фамилию, имя, отчество автора (авторов) полностью на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;

– учёную степень, учёное звание автора (авторов), наименование и шифр научной специальности (согласно номенклатуре), по которой ведётся исследование, на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;

– аспиранты, соискатели, преподаватели, докторанты указывают кафедру и учебное заведение (магистранты - направление подготовки) на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;

– указание на должность, место работы, город, страну на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;

– e-mail и номер телефона автора или соавторов для связи;

– название статьи на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках (заглавными буквами, шрифт Times New Roman 14 или Times New Roman tj 14, выравнивание по центру);

– аннотация на русском и английском языках (шрифт TNR 14, выравнивание по ширине, от 100 до 250 слов с указанием цели и задач исследования, краткого хода работы и основных выводов, содержащих научную новизну);

– ключевые слова на русском и английском языках (5-7 слов или словосочетаний из двух или трёх слов, через запятую, шрифт TNR 14, начертание - курсив, выравнивание по ширине);

– статья в обязательном порядке должна содержать список использованной литературы с указанием только цитируемых работ. Список литературы приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника. Список использованной литературы оформляется в алфавитном порядке в соответствии с ГОСТ.

– ссылки даются в скобках, в которых указывается номер использованного источника согласно списку использованной литературы, а затем цитируемая страница.

Статьи принимаются в течение года. Редакция оставляет за собой право отбора материала, а также право сокращения публикуемой статьи.

Текст, присылаемой рукописи является окончательным и должен быть тщательно выверен и исправлен. Статьи, направляемые в редакцию с нарушением вышеперечисленных требований, к рассмотрению не принимаются. За компетентность и содержание публикуемых материалов несут полную ответственность авторы и рецензенты.

**Редакция журнала**

**ИНДЕКСИ ОБУНА: 77771**

***МУАРРИХ*** - маҷаллаи илмӣ - назариявӣ

**Муассис:** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ақидаи ҳайати таҳририя метавонад ба нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ наояд. Барои мазмуни мавод ва маълумоти саҳеҳ муаллифон масъуланд. Истинод ба сарчашма, муаллиф ва шумора ҳатмист.

Мусаҳҳеҳ: **Манзура ҲАСАНОВА**
Котиби масъул: **Абдумавлон ОДИНАЗОДА**
Муҳаррири техникӣ: **Мухбирҷон КЕНҶАЕВ**
Саҳифабанд ва ороишгар: **Тӯрахӯҷаи ТОҲИРЗОДА**

Ба матбаа 7. 04. 2024 сол таҳвил шуд. Ба чопаш 20. 04. 2024 имзо шуд.
Андозаи 70x100$^{1}/_{8}$. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 11.
Адади нашр 100 нусха. Супориши №85

Дар нашриёти ҶДММ «Ганҷи хирад» ба табъ расидааст.
734025, шаҳри Душанбе, Бофанда 5/1. Тел: 227-71-01

**ПОЧТОВЫЙ ИНДЕКС: 77771**

***ИСТОРИК*** - научно - теоретический журнал

**Учредитель:** Институт истории, археологии и этнографии
им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана

Мнение редакционной коллегии может не совпадать с точкой зрения авторов публикаций. Ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов несут авторы. При полной или частичной перепечатке или воспроизведения любым способом ссылка на источник обязательна.

Корректор: **Манзура ХАСАНОВА**
Ответственный секретарь: **Абдумавлон ОДИНАЗОДА**
Технический редактор: **Мухбирджон КЕНДЖАЕВ**
Дизайн и верстка: **Турахуджаи ТОХИРЗОДА**

Сдано в типографию 7. 04. 2024 г. Подписано в печать 20. 04. 2024 г.
Формат 70x100$^{1}/_{8}$. Офсетная бумага. Офсетная печать. Печатный лист 11.
Тираж 100 экземпляр. Заказ №85

Отпечатано в типографии ООО «Ганҷи хирад»
734025, г. Душанбе, улица Бофанда 5/1. Тел: 227-71-01